ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**ФАКУЛТЕТИ ЖУРНАЛИСТИКА**
**КАФЕДРАИ ЖУРНАЛИТИКАИ БАЙНАЛХАЛҚӢ**

**Муродова Рухшона Муродовна**

# МУНОСИБАТИ СОТСИОЛОГӢ ДАР МАТБУОТИ ДАВРИИ МУОСИРИ ТОҶИК

Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои филологӣ
аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – журналистика

Роҳбари илмӣ:
н.и.ф., дотсент Гулов С.Н.

ДУШАНБЕ – 2019

Мундарича

Муқаддима……………………………………………………………………3

**Боби I**

**Аз таърихи ташаккули муносибатҳои сотсиологӣ дар журналистика**…………………………………………………….....13

I.1. Баъзе масъалаҳои назариявии сотсиологияи журналистика….14

I.2. Ташаккули омӯзиши сотсиологӣ дар матбуоти даврӣ…………39

**Боби II**

**Махсусияти омӯзиши сотсиологӣ дар матбуоти даврии тоҷик**……66

II.1. Мактуб ҳамчун шакли классикии робита бо аудитория……...66

II.2. Истифодаи усули пурсиш дар нашрияҳои даврӣ…………......89

**Боби III**

**Шаклҳои нави омӯзиши аудитория дар матбуоти муосир**…………116

III.1. Дар «меҳмонии редаксия» ҳамчун василаи шиносоӣ бо хонанда………………………………………………………………117

III.2. Интерактивнокӣ ҳамчун шакли алоқа бо аудитория ………..133

Хулоса………………………………………………………………149

Феҳрасти адабиёт…………………………………………………..154

## Муқаддима

**Муҳиммияти интихоби мавзӯъ.** Журналистика аз қабили касбҳоест, ки аз аломат ва аносири касбҳои дигар баҳра бардошта онҳоро ба ҳам омезиш медиҳад ва ба ин васила тарҳи комили худро ба шакл даровварда, таъйиноташро дар ҷомеа ичро мекунад. Ин тамоюл ҳамеша ҷараён мегирад ва бо инкишофи соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ тағйир меёбад. Ин раванд журналистро водор месозад, ки аз усулу василаҳои гуногуни фаъолият бохабар бошад, то, аз як тараф, дар маърифати воқеиёти иҷтимоӣ, ба даст овардани иттилооту маълумот, коркард ва пахши он, ва аз сӯйи дигар, дар ба вуҷуд овардани иртибот бо аудитория ва ташкили алоқаи мутақобила душворӣ накашад. Эҷодиёти фардӣ, тарзи навишт ба дарки амиқи зиндагӣ, ба омӯзиш ва таҳлили маърифатноки тамоми паҳлуҳои ҳаёти инсонӣ вобастагӣ дорад. Барои амиқ омӯхтани паҳлуҳои зиндагии инсонӣ лозим меояд, ки алоқаи ВАО-ро бо субъектҳои асосии ҳаёти ҷомеа: ҳокимият, мардум, иқтисод ва ғайра ҳаматарафа ба роҳ монем. Ин аз журналист дониши фарох, манбаи дақиқи маълумот ва амали дурустро талаб менамояд. Барои муайян кардани манбаи дақиқи маълумот, дастрас намудани факту далел, амиқу фарох ва ҳаматарафа омӯхтани иҷтимоъ, масъалаҳои мубрами замонавӣ ва дарёфти роҳи ҳалли мушкилот танҳо донишу малакаи фардии рӯзноманигор кофӣ нест, баъзан дар ин самт зарурати муроҷиат ба мардум ва фаҳмидани афкору муносибати онҳо ба миён меояд. Хусусан дар ҷомеаи муосир, ки рӯҳияи демократиро талқин мекунад ва омилҳои иқтисодиву тиҷорӣ мавқеъ пайдо карда, зарурати ҳамкории расонаҳои ахбор бо ҷомеа дучанд мегардад, муайян кардани ин хусусияту муносибатҳо нигоҳи замонавӣ ва пажӯҳиши илмиро мехоҳад. Дар муайян кардани ин хусусиятҳо танҳо муносибати журналистӣ кофӣ нест, дар ин самт муносибати сотсиологӣ низ мебояд. Маҳз бо ёрии усулҳои гуногуни сотсиологӣ метавонем муносибатҳои ҷамъиятиро омӯзем, дар идоракунии ҷараёнҳои иҷтимоӣ донишҳои дастрасшударо истифода

барем ва тамоюли инкишофи онҳоро ошкор ва пешгӯӣ кунем. Маълум аст, ки сотсиология моҳияти умумӣ дошта, тамоми соҳаҳои иҷтимоъро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Бо инкишофи ҷомеа соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсонӣ шакл гирифта, хусусиятҳои умумӣ ва хоса пайдо кардаанд. Ин аст, ки имрӯз мафҳумҳое чун сотсиологияи иқтисод, сотсиологияи сиёсат, сотсиологияи фарҳанг, сотсиологияи журналистика ва амсоли ин маъмул гардида, ба контексти илмӣ шомил шудаанд.

Сотсиология аз ҷумлаи илмҳоест, ки ба журналистика иртиботи қавӣ дорад. Ин иртиботро аз чанд ҷиҳат асоснок кардан мумкин аст. Авалан, ҳам сотсиология ва ҳам журналистика бо ҷомеа сару кор мегиранд, баъдан ҳам сотсиология ва ҳам журналистика ба омӯзиши ҳодисаву зуҳурот ва воқеиёти иҷтимоӣ машғуланд, сеюм ин ду илм дар таҳқиқи ҷомеа ба таври худ нақши муҳим доранд. Албатта, ин омилҳои ҳамсози улуми мазкур маънои як будани онҳоро надорад. Агар вазифаи асосии сотсиология омӯзиши ҷомеа бошад, таъйиноти аслии журналистика таъмини ҷомеа бо иттилоот аст. Табиист, ки иттилоот якранг нест ва рангорангии онро ҳамчунин муносибатҳои сотсиологӣ таъмин менамояд. Истифодаи роҳу усулҳои сотсиологии ҷамъоварии маълумоту иттилооти журналистӣ дар матбуоти тоҷик василаи нав нест. Чи дирӯз ва чи имрӯз рӯзноманигорони тоҷик аз ин методҳо аз рӯйи имкон ва тавоноӣ истифода намудаву мебаранд, аммо дар шароити муосир, ки Тоҷикистон дар роҳи бунёди ҷомеаи демократӣ қарор дорад, муносибатҳои сотсиологӣ дар ВАО, хоса матбуоти даврӣ зиёд шудааст. Ин аст, ки тамоми ВАО аз роҳу василаҳои омӯзиши сотсиологии воқеиёти иҷтимоӣ фаровон истифода мебаранд. Ҳамчунин дар кишварамон якчанд Марказҳои омӯзиши сотсиологӣ ва таҳқиқотӣ таъсис ёфтаву фаъолият мекунанд, ки омӯзиши ВАО низ аз нақшаи онҳо дур нест. Ин ҳолат, аз як тараф, барои омӯзиши ин самти журналистика замина фароҳам меорад, аз сӯйи дигар, зарурати омӯзиш ва пажӯҳиши илмии ин масъаларо асоснок намуда, аз муҳиммияти масъалаи мавриди таҳқиқ дарак медиҳад.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ**. Сотсиологияи журналистика ҳарчанд дар контексти илми журналистика бахши нав нест, аммо таваҷҷуҳ ба он дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи ҷомеа яксон набудааст. Олимону муҳаққиқон дар даврахои гуногун ба он эътибор додаанд. Аз ҷумла, дар матбуоти даврии замони Шӯравӣ, асосан, дар ду давра: солҳои 20-ум ва 60-уми садаи XX муносибатҳои сотсиологӣ ривоҷ ёфтааст, ки аз таваҷҷуҳи олимону муҳаққиқон дур намондааст. Дар ин давра, баъзе таҳқиқҳои сотсиологии матбуоти даврӣ ба вуҷуд омаданд, аммо муҳаққиқони соҳа нахустин таҳқиқҳои сотсиологии журналистикаи шӯравиро ба асарҳои Я. Шафир «Очерки психология читателя» (М.,1927), Кузмичев, В. А. «Организация общественного мнения (М.,1929), «Печатная агитация и пропаганда» (М.,1930) марбут медонанд. Дар солҳои 1980 омӯзиши  ҷанбаҳои назарии муносибатҳои сотсиологӣ дар матбуоти даврии Шӯравӣ нисбатан қувват гирифт. Дар ин даҳсола, омӯзиши  сотсиологӣ мавқеъ пайдо мекунад, аз як тараф, асарҳои муҳаққиқони хориҷӣ [75] ба забони русӣ тарҷума карда мешаванд, аз сӯйи  дигар, аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ (Шӯравӣ) китобу воситаҳои илмиву амалӣ ба табъ мерасанд. Ин ҷо баъзе аз чунин асарҳо, амсоли «Журналист ва кори ӯ. Методҳо, асосҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти мушаххаси сотсиологӣ» («Журналист и его работа. Методы, основы и результати конкретного сотсиологического исследование»), Сотсиологияи журналистика» («Сотсиология журналистики») [132], «Редаксия ва аудитория. Таҳлили сотсиологӣ» («Редакция и аудитория. Социологический анализ»), «Таҳқиқоти сотсиологиро чӣ гуна мегузаронанд» («Как провести сотсиологические исследование») [54], Таҳқиқоти сотсиологии таъсирнокии журналистика» («Социологическое исследование эффективности журналистики») [129], А. И. Верховская «Мактуб ба редаксия ва хонанда» («Писем в редакцию и читатель») [25], «Рӯзномаи адабиёт» ва аудиторияи он» («Литературная газета» и её аудитория») [79], М. Г. Смирнова «Таҳқиқоти сотсиологии матбуот, радио ва телевизион дар кишварҳои гуногуни капиталистӣ»

(«Социологиеские исследования печати, радио и телевидения в разных капиталистических стран») [ 124] -ро метавон номбар кард.

Дар солҳои бозсозии горбачевӣ ва пас аз барҳам хӯрдани ҳукумати Шӯравӣ муносибатҳои сотсиологӣ дар ВАО мавқеъ пайдо кард ва пажӯҳишҳои илмӣ низ зиёдтар гардида, чопи китобу воситаҳои таълимӣ афзуд. Дар ин самт асарҳоеро аз қабили В. А. Ядов «Таҳқиқоти сотсиологӣ: методология, барнома, методҳо» («Социологические исследования: методология, программа, методы») [176], С. А. Богомолова «Психологияи иҷтимоии матбуот, радио ва телевизион» («Социальная психология печати, радио и телевидения») [19], Л. Н. Федотова «Сотсиология ва журналист: қарзи ҳамдигарӣ. Барномарезии мақсаднок дар журналистика» («Сотсиология и журналист: взаимные долги». Целовое програмирование в журналистике») [148], «Сотсиологияи иртиботи оммавӣ» («Социология массовой коммуникации») [151], И. Д. Фомичева «Матбуот, телевизион ва радио дар ҳаёти инсони шӯроӣ» («Печать, телеведение и радио в жизни советского человека») [159], «Сотсиологияи ВАО» («Социологияи СМИ») [162]-ро мехоҳем махсус қайд намоем.

Дар илми журналисткаи тоҷик низ бо таъсири ин асарҳо китобу воситаҳои таълимӣ ва мақолаҳои илмӣ иншо гардидаанд, ки асарҳои А, Қуватова [65; 66; 67; 68] М. Муродов [87; 88; 89; 90] ва Х. Хушқадамова [164] намунаи онҳост. Ин пажӯҳишҳо хусусияти гуногун доранд. Аз ҷумла, А. Қуватова дар мақолаи худ «Муносибати сотсиологӣ ба ВАО: назария ва амалия» («Социологических подход к СМИ: теория и практика») кӯшиш намудааст, ки моҳият ва вазифаи иртиботро дар ҷомеаи муосир маънидод намуда, зарурияти омӯзиши аудиторияро асоснок ва мавқеи онҳоро дар рушди матбуот бо таҳлили намунаҳои нашрияҳои даврӣ нишон диҳад. Ӯ дар мақолаи дигараш «Алоқаи журналистика бо сотсиология: масъалаҳо ва дурнамои рушд» («Связь журналистики с социологией: проблемы и преспективы развытия») алоқаи сотсиология ва журналистикаро баррасӣ намуда, омилҳои

ташаккули сотсиологияи журналистикаро бозгӯ намудааст. Дар мақолаи навбатии ин муаллиф «Доир ба масъалаи истифодаи PR дар ВАО-и Тоҷикистон» («К вопросу об использовании PR в СМИ Таджикистана») [67] баҳси алоқаи журналистика бо сотсиологияро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Пажӯҳишҳои профессор М. Муродовро ба ду навъ: адабиёти хусусияти таълимӣ дошта ва мақолаҳои илмӣ метавон ҷудо намуд. Бо вуҷуди ин ӯ дар воситаҳои таълимиаш, дар баробари шарҳи маърифатии мавзӯъҳо, ба ҷанбаҳои пажӯҳиши онҳо низ эътибор дода, ба масъалаҳои ташаккули донишҳои сотсиологӣ дар журналистика, хусусияти муносибати сотсиологӣ дар матбуоти даврӣ, методҳои сотсиологӣ дар журналистика ва амсоли ин таваҷҷуҳ намудааст.

Пажӯҳишҳои профессор М. Муқимов [86] бевосита ба мавзӯъ иртибот надошта бошанд ҳам, аз муносибати ӯ ба ҷанбаҳои фазои иттилоотӣ ва методҳои сотсиологии ҷамъоварии иттилоот дарак медиҳад.

Дар мақолаи С. Мирзоалӣ «Иртиботи мутақобила дар ВАО-и интернетӣ» [84] ташаккули иртиботи мутақобилаи аудитория бо ВАО-и интернетӣ ҳамчун василаи нави робита мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ин мақола доир ба нақши интернет дар барқароршавии робитаи хонанда бо ВАО, шаклҳои алоқаи мутақобила ва сатҳу сифати онҳо дар сомонаҳои тоҷикӣ маълумоти муфид медиҳад.

Монографияи Б. Шукруллоев «Жанри мактуб: рисолат ва имконот» [172] ҳарчанд ба жанри мактуби публитсистӣ алоқамандӣ дорад, аммо ҷо-ҷо муаллиф аз гӯшаҳои номаҳои хонандагон ва теъдоду мундариҷаи онҳо низ ёдрас шуда, таҳлил низ мекунад.

Х. Хушқадамова бошад дар таҳқиқи мавзӯи «Образи занон дар журналистикаи муосири тоҷик» («Образ женщин в современной таджикской журналистике») [164] барои таҳқиқи мавзӯъ аз усулҳои сотсиологӣ истифода намудааст.

Дар самти омӯзиши сотсиологии ВАО, хоса матбуоти даврӣ Маркази тадқиқоти сотсиологии «Зеркало» низ нақши муҳим дорад. Ин Марказ дар баробари масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ ба соҳаҳо гуногуни ВАО низ эътибор дода, доир ба мавқеи расонаҳо пурсишҳои сотсиологӣ ба анҷом расонида, натиҷаҳои онро дар маҷаллаи худ – «Зеркало» интишор намудааст, ки аз аҳаммияти илмӣ бархӯрдор аст.

Умуман, ҳарчанд дар ин асарҳо баъзе масъалаҳои назариявӣ, хусусиятҳои умумии сотсиологияи журналистика, шаклҳои истифодаи усулҳои сотсиологӣ дар матбуоти даврии тоҷик, вижагиҳои пажӯҳишҳои сотсиологии масъалаҳои ВАО ва амсоли ин мавриди омӯзишу баррасиҳо қарор гирифта бошад, то имрӯз дар илми журналистикаи тоҷик ин масъала дар шакли пажӯҳиши алоҳидаи диссертатсионӣ ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ.** Бо интихоби ин мавзӯъ мо тасмим гирифтем, ки моҳият, зарурият ва аҳаммияти муносибати сотсиологиро дар фаъолияти журналистӣ аз нуқтаи назари илмӣ мушаххас намуда, марҳилаҳои ташаккули чунин муносибатро дар журналистика, хоса матбуоти даврии тоҷик нишон диҳем.

Дар мувофиқа ба ин мақсад ҳалли вазифаҳои зерин ба миён гузошта шуд:

– баррасии ҷанбаҳои назариявии муносибати сотсиологӣ, сотсиологияи журналистика, алоқамандии сотсиологияи журналистика бо сотсиология ва журналистика;

– нишон додани омилҳои пайдоиш ва ташаккули донишҳои сотсиологӣ дар назарияи журналистика;

– тавсифи ҷараёни ташаккули муносибатҳои сотсиологӣ дар матбуоти даврии тоҷик;

– муайян намудани дараҷаи истифодаи методҳои омӯзиши сотсиологӣ дар нашрияҳои гуногунтип;

– таҳлили маводи рӯзноманигорӣ ва нишон додани меъёрҳои истифодаи маълумоти тариқи омӯзиши сотсиологӣ бадастомада;

– нишон додани шаклҳои нави омӯзиши аудитория дар матбуоти муосир;

– ошкор намудани таъсирбахшии (креативнокии) иртиботи хонандагон бо расонаҳои хабарӣ.

**Объекти таҳқиқ.** Матбуоти даврии тоҷик, ба вижа нашрияҳои «Ҷумҳурият», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Нигоҳ», «Фараж», «Озодагон», «Тоҷикистон», «СССР» ва ғайра.

**Предмети таҳқиқ.** Шакл ва мундариҷаи маводи нашрияҳои алоҳида, ки муносибатҳои сотсиологии редаксияҳо ва журналистонро бо аудиторияи ВАО муайян мекунанд.

**Навгонии таҳқиқ.** Диссертатсия дар илми журналистикаи точик аввалин пажӯҳиши монографие мебошад, ки масъалаи пайдоиши донишҳои сотсиологӣ дар журналистика, ташаккули муносибатҳои сотсиологӣ дар матбуоти даврии тоҷик, мавқеъ ва истифодаи усулҳои сотсиологӣ дар нашрияҳои алоҳида ва амсоли инро дар бар мегирад. Навгонии пажӯҳишро ҳамчунин метавон дар натиҷаҳои илмии он маънидод намуд. Аз ҷумла:

– бори аввал кӯшиш шудааст, ки масъалаи муносибати сотсиологӣ дар фаъолияти амалии журналистӣ, алоқаи журналистика бо сотсиология ҳаматарафа омӯхта шавад;

– дар заминаи шиносоӣ бо бастаи нашрияҳои даврӣ маводи зиёде пайдо шуд, ки аз мавҷудияти муносибати сотсиологӣ дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи матбуоти даврӣ дарак медиҳад. Дар диссертатсия бори аввал хусусияти чунин мавод муайян гардидааст;

– усулҳои гуногуни омӯзиши сотсиологии аудитория нишон дода шуда, дараҷаи истифодаи онҳо дар марҳилаҳои гуногуни матбуоти даврӣ мушаххас шудааст;

– бори аввал шаклҳои нави иртибот бо аудиторияи ВАО мавриди омӯзиш қарор гирифта, афзалият ва камбудии чунин муносибот нишон дода шудааст.

**Асосҳои назариву методологии таҳқиқ.** Ҷанбаи назариявӣ ва методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои бонизом, таҳлили муқоисавии таърихӣ ва таҳлили контентӣ (сифативу микдорӣ) ташкил медиҳад. Муаллиф дар пажӯҳиши мавзӯъ ба принсипҳои таҳқиқ ва таҳлили муносибатҳои сотсиологӣ, ки дар корҳои илмии муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ Е. П. Прохоров, С. А. Богомолова, А. И. Верховская, В. С. Корбейников, В. Я. Ядов, Л. Г. Свитич, А. Ширяева, М. Г. Смирнова, Л. Н. Федотова, И. Д. Фомичева, И. К. Усмонов, А. Саъдуллоев, А. Нуралиев, А. Азимов, М. Муродов, Ҷ. Саъдуллоев, М. Абдуллозода, М. Муқимов, С. Хоҷазод, Ш. Муллоев ва дигарон коркард гардидааст, такя намудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ.** Мундариҷаи диссертатсия имкон ба вуҷуд меорад, ки доираи васеи мутахассисони соҳаи журналистика ва ҳамчунин сотсиология ба ҷараёни ташаккул ва инкишофи донишҳои сотсиологӣ дар журналистика шинос гарданд, фаҳмиши нави сотсожурналистӣ ба вуҷуд ояд, ҷанбаҳои назарии публитсистикашиносӣ ғанӣ гардад. Асоси назариявии диссертатсия барои пажӯҳиши паҳлуҳои дигари масъалаҳои журналистика метавонад замина гузорад.

Маводи диссертатсия метавонад дар дарсҳои лексионӣ, курсу семинарҳои махсус, дарсҳои интихобӣ аз сотсиологияи журналистика, робита бо ҷомеа, журналистикаи телевизион ва радиошунавонии факултету шуъбаҳои журналистикаи кишвар истифода шавад. Ҳамчунин аз натиҷаҳои таҳқиқ кормандони ВАО низ метавонанд истифода баранд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

– омилҳои таърихии пайдоиши сотсиология ҳамчун илми ҷомеашиносӣ, ҷараёни ташаккули муносибатҳои сотсиологӣ дар матбуоти даврӣ ва таъсири он ба ташаккули ҷанбаҳои илмию назарии сотсиологияи журналистика;

– манбаъҳои ташаккули сотсиологияи журналистика ҳамчун илм, аносири умумӣ ва хоси онҳо. Синтези хусусиятҳои ин манобеъ ва

имконияти он дар омӯзиши ҳолат ва авзои матбуоти даврӣ ва дигар васоити ахбори омма;

– алоқамандии пайдоиши донишҳои сотсиологӣ дар журналистика, ташаккули назарияи сотсиологияи Аврупо ва инкишофи матбуоти даврӣ дар ин минтақа. Таъсири муносибатҳои бозориву маркетингӣ, шароиту имконот баҳри рушди матбуоти даврӣ, ҷустуҷӯи усулҳои нави пахши иттилоот ба аудиторияи оммавӣ дар ташаккули сотсиологияи журналистика;

– таносуби шаклгирии усулҳои омӯзиши сотсиологии матбуоти даврӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ: дар матбуоти Аврупо, дар матбуоти рус, дар матбуоти Шӯравӣ;

– фазои демократии Тоҷикистони соҳибистиқлол ва вусъат пайдо кардани муносибатҳои сотсиологӣ дар ВАО, хоса матбуоти даврӣ. Таъсис ва ташкили созмон ва марказҳои мухталифи пажӯҳишӣ ва нақши онҳо дар омӯзиши сотсиологии ВАО;

– омилҳои мавқеи бештар пайдо кардани усули пурсиш дар матбуоти даврии замони истиқлол, таносуби истифодаи ин усул дар нашрияҳои даврии алоҳида;

– рушди техникаву технологияи замонавӣ ва таъсири он дар ташаккули шаклҳои нави иртибот бо аудитория, имконияти бештар пайдо кардани «алоқаи баръакс». Истифодаи усулҳои замонавии робита бо хонандагон дар матбуоти тоҷик;

– зиёд шудани имконоти «алоқаи баръакс» ва масъалаи креативнокии иртиботи оммавӣ тавассути расонаҳои хабарӣ, сатҳу дараҷаи истифодаи онҳо дар сомонаҳои расонаҳо.

**Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ**. Мавзӯи диссертатсия актуалӣ буда, дар Шӯрои олимони факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суратмаҷлиси №6 аз 27.02.2016) тасдиқ карда шудааст.

Нуктаҳои муҳим ва натиҷаҳои таҳқиқот аз тарафи муаллиф дар шакли 4 маърӯза дар конференсияҳои ҷумҳуриявии илмӣ-амалии устодону кормандони ДМТ «700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ»,

«Соли оила» ва даҳсолаи байналмилалии «Об барои ҳаёт» (2015), «25-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2016), «20-солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ ва Соли ҷавонон» (2017), «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018–2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «140-солагии зодрӯзи Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ» ва «70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» (2018) пешниҳод шудааст. Доир ба мавзӯи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи ДМТ (қарори №5 аз 16 феврали соли 2019) муҳокима гардида ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Сохт ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш фасл, хулоса ва феҳрасти адабиёт иборат буда, дар маҷмӯъ 169 саҳифаи чопи компютерӣ аст.

# Боби I

## Аз таърихи ташаккули муносибатҳои сотсиологӣ дар журналистика

Дар шароити муосир, ки раванди демократикунонии ҷомеа босуръат инкишоф меёбад, соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ таҳаввулоту дигаргуниро тақозо менамояд. Аз ҷумла, дар ин раванд низоми воситаҳои ахбори омма тағйир ва ҳолату авзои он нисбатан дигаргун шуд, дар фаъолияти расонаҳо хусусият ва талаботи тоза ба вуҷуд омад. Бо таъсири демократикунонии ҷомеа ва раванди ҷаҳонишавии иттилоот на танҳо сохтори расонаҳои хабарӣ дигаргун шуд, балки нақш ва таъйиноти онҳо дар олами муосир тағйир ёфт. Ташаккули низоми нави воситаҳои ахбори оммаи гуногунтип, хусусияти оммавӣ пайдо кардани интернет, инкишофи фаъолияти журналистикаи амалӣ, зиёд шудани реклама, муносибати менеҷментиву маркетингӣ, рушди соҳаҳои алоҳидаи таҳқиқоти  эмпирикӣ ва амсоли ин, аз як тараф, муҳимму зарур гардидани муносибати сотсиологиро дар журналистика нишон медиҳад, аз ҷониби дигар, ҷараёни омӯзиш ва таҳқиқи сотсиологии ВАО-ро нисбатан мураккаб мегардонад. Ин ҳолат бозгӯйи он аст, ки имрӯз омӯзиши фаъолияти васитаҳои ахбори омма бо истифодаи усулҳои сотсиологӣ аҳаммияти боз ҳам бештар пайдо кардааст. Омӯзиши сотсиологӣ имкон медиҳад, ки мақсаду маром, аломату хусусият, мундариҷаву муҳтаво ва вазифаҳои назариявию амалии журналистика ва журналистон аз диди истеъмолгарон муайян ва фаъолияти расонаҳо, ҳамчунин журналистони алоҳида боз ҳам аниқу амиқ равшан гардад. Сотсиологияи журналистика табиат ва талаботи худро дорад, ки аз як тараф, бо сотсиологияи умумӣ, аз тарафи дигар, бо журналистика иртибот мегирад. Барои муайян кардани ин иртибот ва таъйиноту вазифаи муносибатҳои сотсиологӣ дар журналистика зарур аст, ки баъзе масъалаҳои назарии онро бозгӯ ва баррасӣ намоем.

## I.1. Баъзе масъалаҳои назариявии сотсиологияи журналистика

Қабл аз он, ки доир ба масъалаҳои назариявии сотсиологияи журналистика андеша намоем, зарур меҳисобем, ки моҳияти сотсиология ва фаҳмиши онро бо назардошти омилҳои пайдоиш ва инкишоф мухтасаран шарҳу тавзеҳ диҳем. Чун ин мавзӯъ дар илми журналистикаи тоҷик бори аввал дар шакли диссертатсионӣ баррасӣ мешавад, мубоҳисаи он аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

Ҷомеашиносону муҳаққиқони илмҳои гуманитарӣ сотсиологияро илми ҷавон меноманд. Аз ҷумла, муаллифони китоби «Асосҳои сотсиология» зикр намудаанд, ки «Сотсиология илми ҷавон аст, солҳои 30-40-уми асри XIX дар Фаронса пайдо шудааст» [12, с.10 ]. Бо вуҷуди ин пайдоиши сотсиология ҳамчун илми ҷомеашиносӣ ба омилҳои таърихӣ алоқаманд аст. Ҳарчанд сотсиология дар натиҷаи ба соҳаҳои алоҳида ҷудо шудани фалсафаи анъанавии иҷтимоӣ, инкишофи таҳқиқҳои эмпирикию амалӣ ҳамчун илми мустақил пазируфта шудааст, аммо муносибатҳои сотсиологӣ таърихи нисбатан тӯлонӣ доштаанд. Ба таъбири муҳаққиқони ҷомеашинос «он масъалаҳое, ки имрӯз сотсиология предмети омӯзиши худ қарор додааст, пештар дар фалсафа ва минбаъд дар фалсафаи иҷтимоӣ таҳлилу баррасӣ мешуданд» [12, с. 10].

Ҳаин тавр, «ибораи «сотсиология» чун мафҳуми илмӣ бори аввал соли 1838 аз тарафи файласуфи франсуз Огюст Конт (1798-1857) истифода шуд» [39, с. 193 ]. Ба ин олим муяссар гардид, то собит созад, ки механизми иҷтимоӣ дар фикрҳо шакл мегирад ва идеяҳо ҷаҳонро идора мекунанд. «Ӯ дарк кард, ки се давраи инкишофи фикр (ғоя, маърифат): ҳолати теологӣ, метафизикӣ ва позитивӣ мавҷуд аст. Яъне, одамон дар ибтидо ҳама зуҳурот ва дигаргуниҳои оламро ба хости Худованд нисбат медоданд. Баъдтар бо рушди илмҳои табиатшиносӣ онҳо қонунҳои табиатро омӯхтанд ва ба хулосае омаданд, ки модоме қонунҳои табиат омӯхташавандаанд, пас қонунҳои ҷомеаро низ омӯхтан мумкин аст. Дар асоси маърифати ин қонунҳо ва ҳамчунин фаҳми пешрафти муносибатҳои иқтисодии ҷомеа Конт имконияти «бозсозӣ

намудани» сохти мавҷударо асоснок кард». Зимнан О. Конт ба сифати котиби шахсии сотсиал-утописти француз Клод Анри де Сен-Симон (1760-1825) фаъолият мекард ва бо дастовардҳои илмии ӯ ва ҳамчунин олимони дигар хуб воқиф буд. Сен Симон ва Огнюс Конт «Нақшаи корҳои барои бозташкилии ҷомеа зарур»-ро таҳия намуданд. Ғояи асосии ин нақша ташкили илме буд, ки ба мушоҳидаҳои объективӣ асос ёфта, мувофиқи илмҳои табиатшиносӣ, хусусан, физика кор кунад. Ин илм дар аввал «Физикаи иҷтимоӣ» ва баъдтар «Сотсиология» ном гирифт.

Ҳамин тавр, истилоҳи сотсиология ба консепсияи илмҳои ҷомеашиносӣ ворид гардида, тадриҷан бо инкишофи ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсиву фарҳангӣ доманаашро васеъ намуд. Сотсиология аз калимаи французии sociologie ва лотинии societies гирифта шуда, маънои «ҷомеа, умумият, умумӣ, ҷамъият, алоқа, иттифоқ, шарик, рафиқӣ, муассиса, ширкатро дорад». Дар бораи сотсиология таърифҳои гуногун мавҷуд аст. Аз ҷумла, дар «Фарҳанги философия» омадааст: «Сотсиология илмест, дар бораи ҷамъият ҳамчун системаи том ва ниҳодҳои алоҳидаи иҷтимоӣ, ҷараён ва гурӯҳҳо, баррасикунадаи алоқаҳои онҳо бо ҷомеа». Дар «Луғати сотсиологӣ» сотсиологияро ин тавр таъриф карданд: «илмест дар бораи қонунмандиҳои ташаккул, ҳаракат, умуман инкишофи ҷомеа, муносибатҳои иҷтимоӣ ва умумияти иҷтимоӣ» [131, с.134 ].

Дар таҳқиқоти олимон низ моҳияти сотсиология ба тарзи гуногун шарҳ ёфтааст. Масалан, Э. Дюркгейм сотсиологияро илми таҳқиққунандаи ҷараёни ҷамъияте, ки ба инсон маҷбуран таъсир мерасонад, номидааст. М. Вебер онро чун дарккунандаи маънии субъективии рафтори инсон ва таснифи намудҳои рафтори одамон фаҳмидааст. Ба ақидаи П. Сорокин, сотсиология, аз як ҷиҳат, зуҳуроти таъсиррасонии инсонро ба инсон ва аз паҳлуи дигар, раванди таъсиррасонии оқибатҳои аз ин амал ҳосилгаштаро меомӯзад. Фролов С. С. дар китобаш «Сотсиология» (М., 1996) моҳияти ин мафҳумро чунин

шарҳ медиҳад: «Сотсиология - илмест, ки сохти ҷамъият, таркиби он ва шароити мавҷудият ва инчунин ҷараёнҳои оммавии дар ин сохт ба амал омадаро меомӯзад» [153, с. 3]. Дар «Энсиклопедияи советии тоҷик» чунин таърифро мехонем «илмест дар бораи системаи томи ҷамъият, муассисаҳои иҷтимоӣ, протсесҳо ва гурӯҳҳои ҷамъиятӣ. Он ҷамъиятро ҳамчун организми бутун зимни робитаи мутақобилаи унсурҳои он меомӯзад» [171, с.121].

Аз чунин тавсифу таърифҳо бармеояд, ки сотсиология ҳамчун илм ҷомеа ва рафтори одамонро дар ҳолати иҷтимоиашон меомӯзад. Вай илми маҷмӯист, зеро дар муқоиса бо иқтисодиёт, педагогика, психология, ҳуқуқшиносӣ ва ғайра омезиши навъҳои гуногуни алоқаҳои иҷтимоиро дар худ таҷассум менамояд.

Маҳз чунин хусусияти маҷмӯӣ доманаи илми сотсиологияро вусъат бахшидааст. Яъне тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, ки бо мардум иртибот доранд, ба контексти илми сотсиология шомиланд. Хусусан, бо инкишофи ҷомеа навъҳои гуногуни сотсиология, амсоли сотсиологияи иқтисод, сотсиологияи сиёсат, сотсиологияи фарҳанг, сотсиологияи ВАО, сотсиологияи журналистика ва амсоли ин ташаккул ёфта рушд мекунанд.

Ташаккули сотсиологияи журналистика, аз як тараф, ба инкишофи сотсиологияи умумӣ алоқаманд бошад, аз сӯйи дигар, ба пайдоиши иртиботи оммавӣ дар ҷомеа рабт мегирад. Ба ин маънӣ, дар давраҳои гуногуни ҷомеаи инсонӣ ҳолат, шароит ва тарҳу намуди зиндагӣ водор менамуд, ки инсонҳо барои ҳимояи худ аз таҳоҷуми беруна, пайдо кардани рӯзӣ, тақсим кардани меҳнат, ба вуҷуд овардани муттаҳидӣ ҳамдигарро шиносанд, фаҳманд. Ин кор боиси ҷудо шудани тавоноии ҷисмонӣ ва фикрӣ гардида, таъмини иттилооти навинро талаб мекард. Чунончи, Л. Н. Федотова менависад: «Дар шароити ташкили зиндагии иҷборӣ иттилооти фаврии ғайримаъмулӣ зарурияти бештар пайдо мекунад» [151, с. 8]. Дар ин шароит гурӯҳҳо ва қавмҳоро зарур буд, ки барои худ роҳбар интихоб намоянд. Интихоби роҳбар як тарафи масъала

буд, аммо гурӯҳро зери итоати худ даровардан, паҳлуи дигари масъала маҳсуб меёфт, ки меҳнати фикриро талаб мекард. Роҳбари гурӯҳ барои идора кардани тобеони худ маҷбур буд, ки дар бораи тамоми аъзо маълумот пайдо карда, аз рафтору муносибати байниҳамии онҳо бохабар бошад. Дар ин кор ӯро зарур буд, ки дар байни қавм вакилони худро интихоб намояд, то рафтору амали онҳоро пинҳонӣ мушоҳида намуда барояш иттилоот диҳанд. Роҳбар кӯшиш мекард, ки ба аъзои гурӯҳ мувофиқи иттиолооти ба даст овардааш, муносибат намояд. Чун аъзо эҳсос мекард, ки роҳбар аз кирдораш бохабар аст, ба ӯ ҳамчун ҳамадон муносибат, балки итоат мекард ва кӯшиш менамуд, ки рафтораш хуб бошад.

Ин омил дар соҳаи иртибот инқилоби аввалин буд, ки инсониятро аз ҳокимияти вуҳушӣ берун кард ва барои ташаккули иртиботи одамон асос гузошт. Ин иртибот бо сохтор ва таъйиноти худ барои ташаккули принсипи иттилоотонии «чиро гуфтан мумкин аст, чиро бояд гуфт ва чиро набояд гуфт» мусоидат кард. Ин шакли иттилоотонӣ дар байни афроди қабилаҳо ҳамеша гардиш хӯрда, ба ташаккули анъана, меъёр ва арзишҳое замина гузошт, ки тибқи онҳо иҷрои талаботи ҳукумати худӣ бечунучаро гардид.

Баъдтар дар ҷараёни инкишофи ҷамъият вазифаи идораи омма дигаргун шуд. Ба таъбири муҳаққиқ Л. Н. Федотова «Ба даъвати типи «Ҳамон тавре кун, ки мани пурқувват ва даҳшатнок мехоҳам» бо ёрии дониш санади «Коре кун, ки фоиданок ва дуруст бошад» ва ё меъёри ғояву арзишҳои «Тавре кун, ки он арзанда, муҳим ва писанди Худо ва ҳукумат бошад» илова гардид» [151, с.11] ва ҳукми қонунӣ пайдо кард.

Омили дигари ташаккули иртиботи оммавӣ нақши қосидону ҷорчиҳост, ки дар пахши фосилавии иттилоот саҳм мегузоштанд. Ба ин омил ҳамчунин садои нақораҳо (дар размҳо), ки аз хатарҳо огаҳӣ медоданд, ришта бо гиреҳ, ки тариқи сафирҳо фиристонида мешуд, шуъла, ки аз наздикшавии душман хабар медод ва амсоли инро метавон дохил намуд. Ин омилҳо барои пайдоиши иртиботи забонӣ ва хаттӣ ва

баъдтар чопӣ замина гузоштанд. Баъзе муҳаққиқон ин омилро ба таври занҷиравӣ нишон додаанд, ки пайдоиши нутқи шифоҳӣ, ихтирои алифбо, ташаккули хат ва чопи китоб пораҳои онанд.

Чунончи, муаллифони китоби «Таърихи журналистикаи тоҷик» навиштаанд: «Онҳо (ҷорчиён М. Р.) ашхосе буданд, ки тозатарин ахбори мансуб ба дарборро ба шаҳр ва қарияҳо паҳн мекарданд. Маъмулан ин хабарҳои ҷанг ё пирӯзӣ, тантана, хабарҳои мақоми олӣ ва монанди ин буд. Илова бар ин, ду самти журналистӣ, ду шеваи шадиди таблиғи динӣ ҳам метавонад ба сифати заминаи ба вуҷуд омадани таблиғот – яке аз равияҳои асосии журналистика дониста шавад. Яке аз онҳо санъати ваъз гуфтан аст» [147, с. 8].

Воизон кӯшиш мекарданд, ки дурустии ин ё он ақидаро исбот ва ғалат буданашро аниқ кунад. Дар ин кор ба онҳо на танҳо донишу ҷаҳонбинӣ, балки маърифати иҷтимоӣ низ мадад мерасонид. Табиист, ки маърифати иҷтимоӣ бидуни иттилооти иҷтимоӣ ва муносибати прагматикӣ ҳосил намешавад.

Дар ташаккули иттилооти иҷтимоӣ ва раванди иттилоотӣ факт нақши муҳим дорад. Дар «Донишномаи фарҳанги рӯзноманигорӣ» мафҳуми факт чунин маънидод шудааст: «Факт (лот. factum – ба амал омадан, рух додан) – зуҳуроти воқеан мавҷуда, рӯйдоди ҳақиқатан рухдодаи бамаърифати назарӣ асосноккардашуда [92, с. 377]. Маҳз бо мавҷудияти факт хусусияти таъйинотии иттилоот муайян мешавад, рангорангӣ, аҳаммиятнокӣ ва серпаҳлугии он ошкор мегардад. Ба таъбири Н. Бозоров «он (факт, М. Р.) дар таҷрибаи ҳаррӯзаи ҳаёт амри воқеъ, кори дар ҳақиқат воқеъшуда, ҳақиқатро ифода мекунад» [21, с. 297]. Аз ин бармеояд, ки факт маҳсули тафаккури инсон аст, ки аз маърифати ин ё он зуҳурот, рӯйдод, воқеа, муносибат ва таҷриба ҳосил мешавад. Пас дар ҳосил намудани факт низ муносибати сотсиологӣ таъсир мегузорад. Ҳар қадар инсон ҳисси кунҷковиаш баланд бошад, муошират бо мардумро дӯст дорад, ба ҳар дидаву шунидааш эътибор диҳад, ҳамон қадар дар таъсирнок ва муътамад гардонидани гуфтааш

неру мебахшад. Ин неру, пеш аз ҳама, факт аст. Албатта, дар тамоми марҳилаҳои ташаккули иртиботи оммавӣ ва иттилооти иҷтимоӣ факт мавқеи муҳим дорад, аммо дар иттилооти хаттӣ таъсири факт бештар аст.

Омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки дар тамоми марҳилаҳои пайдоиш ва ташаккули иртиботи оммавӣ муносибатҳои сотсиологӣ дар сатҳи гуногун вуҷуд доштааст. Чунончи, дар китобҳо доир ба таърихи журналистика қайд шудааст ва дар боло аз бархе аз онҳо ишора ҳам намудем, қабл аз пайдоиши журналистика иртиботи иттилоотии мардум дар ашколи гуногун сурат мегирифтааст. Шоҳону ҳокимони давр ба воситаи воизу ҷорчӣ фармонҳои худ, эълон, табрикот ва ғайраро ба халқ мерасониданд. Бо чунин восита муносиботи онҳо бо ҷамъият сурат мегирифт. Ҳарчанд дар ин ҷараён қобилияти сухандониву суханварии гӯянда нақш мебозид, аммо алоқамандии сухан бо факт ва рӯҳияи иҷтимоӣ бахшидани он муҳимтар буд. Ба ин маънӣ, аксари муҳаққиқон риторикаро дар алоқамандии оратор ва аудитория баррасӣ намуда онро ҳамчун омили муътамадгардонии коммуникатсия маҳсуб донистаанд. Аз ҷумла, Арасту дар асарҳои худ «Сиёсат» ва «Суханварӣ» чунин алоқамандиро дар муносибат ба ҳаводиси рӯз, ки аз ҷониби суханвар баён мешавад, ҳатмӣ меҳисобад. Дар ин асарҳо «қобилияти дарёфти усулҳои имконпазири таъсири боэътимод ба ҳар гуна предмет», ба хислати гӯянда, кайфияти қабули шунаванда ва маҳорати сухангӯй нисбат дода шудааст. Ин «занҷира»-ро ба навъҳои гуногуни ҷараёни иттилоотию иртиботӣ қиёс намудан мумкин аст. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки нутқ асоси иртиботи байни инсон (коммуникатсия) мебошад. Аммо, тавре ишора намудем, нутқ бояд ҷавҳар дошта бошад, ки он фикр аст ва фикр бояд асос дошта бошад, ки он факт аст ва факт бояд макон дошта бошад, ки он рӯйдод аст. Ин омилҳо занҷиравианд, ки дар ҷолиб гардидани сухани натток ва бедории эҳсоси қабули аудитория мусоидат мекунанд. Ба ин мазмун, Арасту дар китоби «Суханварӣ» се ҷузъи алоқа бо суханро нишон медиҳад: натток бо мазмуни гуфтораш,

предмет бо хусусияташ ва шахси сомеъ бо иқтидораш. Ӯ менависад сухан бояд касро ба ҳаяҷон орад ва гӯяндаи он шахсияти фавқулодда бошад.

Наттоқи Рим Квинтилиан (муаллифи асари 12-ҷилда) исбот кард, ки ҳар гуна амал ба саволҳои Кӣ? Чӣ кард? Дар куҷо? Бо чӣ? Чӣ тавр? Ва Кай? ҷавоб ёфта метавонад. Ҷавоб ёфтан ба ин саволҳо ба ҷараёни иртиботи оммавӣ таъсир мегузорад, онро мушаххас ва мақсаднок мегардонад. Имрӯз ин саволҳо кутоҳ шуда, дар шакли Чӣ? Кай? Дар куҷо? ва баъзан Оқибат чӣ шуд? ба формулаи асосии фаъолияти иттилоотии журналистика бадал гаштаанд.

Риторика хоси инсон бошад ҳам, он бидуни омилҳои иҷтимоӣ маънии комил пайдо намекунад. Ҷомеа феномени мураккаб буда, аз қишрҳои гуногун иборат аст. Суханвар ҳангоми муошират ба кадом қишри ҷомеа равона шудани гуфторашро бояд донад. Сухан ба мард, зан, ҷавон, пир, деҳқон, коргар, зиёӣ равона мешавад. Ҳамчунин он дар макони гуногун: маҷлисгоҳ, толори судӣ, масҷид, майдонҳо, синфхона ва амсоли ин гуфта мешавад. Вобаста ба гурӯҳ ва макон оҳанги гуфтор низ дигаргун мешавад. Дар дигар шудани оҳанги гуфтор муносибати сотсиологӣ мебояд, то тарзи муошират, лаҳни гуфтор ва самти мавзӯъ риоя шавад. Дар суханварии классикӣ ба мазмуни матн диққати амиқу чуқур дода мешуд, сирри матлаб мушоҳдакорона ва мантиқан ошкор мегардид.

Бо мурури замон баҳси чунин хусусияти таҳлили матн ба журналистика аз нав баргашт ва он яке аз омилҳои асосии ин пеша, касб ва ҳунар пазируфта мешавад. Ташаккули фарҳанги хаттӣ риторикаро ба гӯшаи фаромӯшӣ набурд, балки матни хаттӣ намуди риторикӣ гирифта, бо жанрҳои нав ва оҳанги тозаи иҷтимоӣ ғанӣ гардид. Он ифодакунандаи набзи рӯз, нигаҳдорандаи далелҳо, иттилоот ва дар умум таърихи инкишофи инсоният гардид. Ба ин қоғазҳои папируси мисрии даврони империяи Рим, ки таҷассумкунандаи на танҳо комёбиҳои баргузидаи афкори фалсафӣ, ақидаҳои динӣ ва ё маҷмӯи қонунҳои ҷамъиятӣ, балки инъикоскунундаи ҳолатҳои равонӣ, ҳиссиёте, ки дар

натиҷаи тағйиротҳои ҷамъиятӣ, ҳамдигарнофаҳмиҳо дар доираи қишрҳои гуногуни ҷомеа рӯй додаанд, далел шуда метавонад. Дар мутуни хаттӣ шикоятҳо, бахшоишҳо, мактубҳои шахсии ирсолшуда, вазъи иқтисодӣ, ҷамъиятӣ, ба кадом гурӯҳ, қишр тааллуқ доштан, кор, таҳсил ва ғ. ба қайд гирифта мешуд.

Ихтирои дастгоҳи чопӣ, ки соли 1445 аз тарафи Гутенберг ба вуқуъ пайваста, ба чопи китоб ва дигар фаъолияти нашаротӣ замина гузошт, ҳолати муоширати иҷтимоӣ ва раванди ташаккули афкори оммавиро дигаргун кард. Ин кашфиёт гарчанде сабаби ақиб мондани тамаддуни эҷодии шарқиён аз аврупоиҳо гардид, аммо ба пешрафти ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангии Аврупо шароит фароҳам овард. Дар Аврупо китобҳои зиёде нашр гардиданд, ки қаблан барои мардум дастрас набуданд. Мардум оҳиста-оҳиста китобҳоро на танҳо мутолиа менамуданд, балки дар бораи онҳо фикрашонро низ баён мекарданд. Ба қавли С. М. Виноградова: «Доираи одамони қобилияти хондан, қабул кардан ва маънидод намудани мутуни чопӣ оҳиста, аммо беист васеъ гардида, дар зиндагии ҳаррӯзаи худ ба ҳолатҳои он такя карданҳо зиёд шуд» [134, с.318].

Бо ихтироъ гардидани машинаи чопӣ аз тарафи Гутенберг ва нашри аввалин китоб вазъият тағйир ёфт. Оҳиста-оҳиста нафарони хонда метавонистагӣ, дарк карда метавонистагии матни хаттӣ зиёдтар гардид. Ҷомеа ба қишрҳои элита (баргузида) ва бенаво ҷудо шуд. На ҳар кас ҳуқуқи мутолиаи китобро дошт. Масалан, дар «Англия, дар даврони Генрихи 8 (асри 16) китоби «Инҷил»-ро на ҳар кас метавонист ҳадди ақал барои худ хонад. Китоби муқаддасро бозаргонон ва йеменҳои бой метавонистанд танҳо барои худ мутолиа намоянд. Ҳаққи хонданро танҳо лордҳо, ҷанобон доштанд. Барои деҳқонон, хизматгорон, косибон хондани он қатъиян мамнуъ буд» [134, с.8].

Ҳамин тавр, барои ба вуҷуд омадани аудиторияи васеи хонандагон вақти тӯлониеро паси сар кардан лозим буд, аммо қадамҳои нахустин дар ин ҷода гузошта шуд. Сипас, маҳсули чопӣ, варақаю рӯзномаҳо ба

вуҷуд омаданду ба демократия замина гузошта шуд, ки баъдан он бемайлон, устуворона шакл гирифт. Бо мурури замон дастрасӣ ба матбуот чун ҳуқуқи инсон ба гирифтани маълумот пазируфта шуд.

Пайдоиши матбуот дар ин самт марҳилаи дигареро ба вуҷуд овард. Рӯзномаву маҷаллаҳо, ки ҳаёти иҷтимоии ҳаррӯзаро инъикос мекарданд, бо вуҷуди монеаҳои гуногуни дастрасӣ ба мардум, тадриҷан теъдоди хонандагонашон зиёд мешуд. Ин омил, аз як тараф, ба афзудани дониши хонандагон мусоидат мекард, аз тарафи дигар, зарурияти робитаи нашрияву аудиторияро ба вуҷуд меовард. Масъулини нашрияҳо ба мақсади дар миёни мардум маъруф гардидан, кӯшиш менамуданд, ки мундариҷаи рӯзнома ва ё маҷаллаашон ба ҳолати қабул ва майлу рағбати хонандагон мувофиқ шавад. Ин ҳолат зарурияти омӯзиши зуҳуроти иҷтимоӣ, аниқтараш майлу рағбати хонандагонро тавассути методҳои амалӣ тақозо менамуд.

Аввалин рӯзномаҳои аврупоӣ бо вуҷуди он ки манфиатҳои ҳизбу ҳаракатҳои гуногунро таҷассум мекарданд, тадриҷан функсияи худро тағйир дода, ба масъалаҳои алоқаманд ба маркетинги истеҳсолоти моддӣ ва шикояти соҳибмулкони нав барои коркарди барномаҳои таъсиргузор ба тамоми ҷомеа низ эътибор медоданд. Агар ба таърихи матбуоти ҳам кишварҳои хориҷӣ ва ҳам ватанӣ таваҷҷуҳ намоем, ин равияро ба осонӣ мушоҳида мекунем. Ҳамчунин мубоҳисаҳо ва танқидҳо ба муқобили сохти ҳокимияти мавҷуда барои аксари нашрияҳои нахустин, аз ҷумла, «Бухорои шариф» хос аст.

Мо ин ҷо мехоҳем доир ба ду талабот, ки ба ҷомеаҳои нисбатан мураккаб хос буд, сухан ронем. Якум, дар чунин ҷомеаҳо, пеш аз ҳама, зарурият ба вуҷуд омад, ки талаботи аҳолӣ ба иттилоот қонеъ кунонида шавад. Дуюм, бояд масъулин аз бозор ва таъминоти молии он воқиф мешуданд. Барои қонеъ намудани ин талабот зарурияти таъсиси шабакаҳои иттилоотие ба вуҷуд омад, ки доманаи пахшашон бояд васеъ бошад. Бо таъсиси чунин шаклҳои иттилооти фарогирандаи ҳаракати сармоя, аксия, ҷараёни молӣ ва амсоли ин хусусияти халқӣ (ошкоро)

пайдо карданд. Ҳарчанд ин рӯзномаҳо аз ҷиҳати шаклу мундариҷа аз матбуоти имрӯза хеле фарқ мекунанд, аммо онҳоро метавон ҳамчун типи нашрияҳои «маълумотдиҳанда дар бораи давлат ва корҳои иҷтимоӣ» маънидод намуд. Баъдтар инқилоби буржуазии Фаронса нишон дод, ки ҷомеа ба рӯзнома ниёз дорад, зеро маҳз тавассути рӯзнома метавон аҳолиро аз воқеаҳои сиёсӣ огоҳ намуд ва ба худ ҳамфикру ҳамақида гардонид.

Инкишофи матбуоти даврӣ раванди фаъолияти эҷодиро дар самти дарёфт, интихоб, коркард ва пахши иттилоот тадриҷан мураккаб гардонид. Масъалаи муносибат ба воқеияти иҷтимоӣ ва тарзи инъикоси он диққати рӯзноманигор - сотсиологҳоро ба худ мувоҷеҳ месохт. Аз ҷумла, яке аз асосгузорони сотсиологияи сиёсӣ мутафаккири франсуз Шарл Луи Монтескё тавассути мушоҳидаи дохилӣ омӯзиши қонунмандиҳои зуҳуроти иҷтимоиро ба роҳ монд. Ҳамчунин ӯ мисли маорифпарварони замони худ масъалаи озодии фикрро ба миён гузошт, ки ин ақида (постулат) баъдан, соли 1789 дар Деклоратсияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ба қайд гирифта шуд.

Дар давраи Эҳё омӯзиши ташаккули образи журналист ва муайян кардани ягонагии хислати касбию типологии он шурӯъ гардид. Чунончи, муҳаққиқ М. Муродов қайд мекунад: «Дар ин давра донишҳои сотсиологӣ дар бораи моҳияти ҷамъияту давлат, фарҳангу дин, илму маориф шакл мегиранд. Намояндагони ин давра дар бораи журналистика ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ, ки ба дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ таъсир мерасонад, таассуроти нисбатан комил ҳосил намуданд» [90, с.9-10]. Ин таассурот то асри XVIII идома ёфта, дар асри XIX бо ба вуҷуд омадани назарияи сотсиология дар Аврупо ба шакл гирифтани сотсиологияи журналистика боис гардид.

Ҳамин тавр, пайдоиши рӯзнома ва ташаккули матбуоти даврӣ зарурияти муносибати сотсиологиро дар фаъолияти журналистӣ ногузир намуд. Ин заруриятро, пеш аз ҳама, сотсиологҳое дарк карданд, ки ба фаъолияти журналистӣ машғул буданд. Онҳо байни сотсиология ва

журналистика иртиботи хеле қавиро ошкор намуданд ва пешравии кори матбуотро дар ҳамкории дутарафа диданд. Аз ҷумла, соли 1836 дар Фаронса «Матбуот»-и Эмил Жирарден ҳамчун типи нави нашрия ба вуҷуд омад, ки он ба завқ ва майлу рағбати хонандаи буржуй (хонандагони асосӣ) мувофиқ кунонида шуда буд. «Матбуот» хусусияти «қомусӣ» дошт. Дар он навгониҳои мухталифи иқтисодӣ, тиҷоратӣ, илмӣ, судӣ, адабӣ, театрӣ ва ғайра мувофиқ ба завқ ва ҳолати қабули хонандагон зери рубрикаҳои гуногун ба табъ мерасид. Баъди зиёда аз 30 сол М. П. Мило нашрияи ҳаррӯзаи «Пети журналь»-ро таъсис дод, ки онро муҳаққиқон аввалин рӯзномаи оммавии Аврупо номидаанд, ки «иттилооти умумӣ»-ро инъикос менамуд.

Бино ба навиштаи муаррихон соли 1817 идораи нашрияи англисии «Таймс», ки онро Томас Барнс роҳбарӣ мекард, ба минбари афкори оммаи кишвар табдил ёфт. Ин нашрия бори аввал иттилоотеро таҳия намуд, ки барои намояндагони қишрҳои гуногуни ҷомеа шавқовар ва аҳаммиятнок буд.

Соли 1848 Г. Спенсер муҳаррири маҷаллаи «Иқтисодчӣ» шуд ва, аз як тараф, ба проблемаҳои иҷтимоӣ амиқтар кор гирифт, аз тарафи дигар, ба иртиботи нашрияву хонандагон эътибор дод. Таҷрибаи журналистӣ барои маърифати назариявии ӯ таъсир расонд ва маводи зиёде фароҳам овард.

Дар инкишофи сотсиологияи журналистика омилҳои дигар низ мусоидат кардаанд. Аз ҷумла, дар кишварҳои Аврупо ба мақсади рушди матбуот «сензура» ва «андоз аз дониш» барҳам дода шуд. Ин ду омил, ки дар асри XIX ба вуқуъ пайваст, воқеан ба рушди бемайлони матбуоти даврӣ, вусъат пайдо кардани саводнокии мардум мусоидат кард. Рушди матбуоти даврӣ, аз як тараф, имкони фарогирии воқеиёти гуногуни иҷтимоиро таъмин намуд, аз сӯйи дигар, миёни нашрияҳои алоҳида рақобат ба вуҷуд овард. Дар ҳалли ин омилҳо на танҳо донишҳои журналистӣ, балки муносибати сотсиологӣ низ тақозо мешуд. Агар донишҳои журналистӣ ба шинохти масъалаҳои таърихӣ ва назариявии

матбуот мусоидат мекарданд, донишҳои сотсиологӣ дар муайян кардани образи журналист, функсия ва вазифаҳои ӯ, нақши журналистика ва мавқеи журналист дар ҷомеа ва амсоли ин ба кор мерафтанд. Дар пажӯҳишҳои сотсиологӣ масъалаи дар фаъолияти журналистӣ мавҷуд будани оҳанги иҷтимоӣ эътибори бештар пайдо мекунад. Аз ҷумла, муҳаққиқ Готхолд Эфраим Лессинг ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, таъкид мекунад, ки дар инъикоси ҳаёти иҷтимоӣ барои журналистон муайян кардани мавқеъ нақши муҳим мебозад. Олимони дигари сатҳи ҷаҳонӣ амсоли М. В. Ломоносов, Н. И. Новиков, А. Н. Радишев ба масъалаи шинохти журналистика ва таъйиноти журналистон эътибор дода, фикру назарашонро баён намудаанд. Дар шинохти М. В. Ломоносов журналистика навъи махсуси фаъолият буда, ба хотири дарёфти ҳақиқат равона мешавад, журналист бояд соҳибмаълумот, ҷиддӣ ва мустақил бошад. Н. И. Новиков журналистро на танҳо паҳнкунандаи дониш, балки, пеш аз ҳама, инсони соҳиби тафаккури интиқодие медонад, ки ба муқобили бадиҳои иҷтимоӣ мубориза мебарад. Дар шинохти А. Н. Радишев рӯзноманигорон «муаррихони замони худ» мебошанд.

Ҳамин тавр, то шакл гирифтани назарияи сотсиология нашрияҳои даврии алоҳида, аз ҷумла «Дейли мейл» аудиторияи худро мавриди омӯзиш қарор додаанд. Аллакай дар солҳои 1880 матбуоти америкоӣ доир ба маъракаҳои интихоботӣ пурсиши афкори оммавӣ гузаронидааст. Ин ҳолат, чунончи муҳаққиқ М. Смирнова менависад, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки «алоқаи матбуот бо чунин шакли муҳимми таҳқиқи эмпирикӣ, чун пурсиш, таърихан қабл аз ташаккули илми сотсиологияи иртиботи оммавӣ ба вуҷуд омадааст» [124, с. 14].

Дар асри XIX бо пайдоиши назарияи сотсиология масъалаи алоқамандии журналистика бо сотсиология мадди назари муҳаққиқон қарор гирифт. Аз ҷумла, Г. Спенсер, К. Маркс, Ф. Энгелс, Э. Дюркгейм, М. Вебер аносири ин алоқамандиро ошкор намуда нишон додаанд. Ин зумра ва муҳаққиқони дигар дар таълифоти худ ҳолатҳои сотсиологию

журналистиро таҳлил намуда, масъалаи муҳити иҷтимоӣ, воқеияти иҷтимоӣ, бо факт асоснок намудани он, инъикоси ҷараёнҳои иҷтимоӣ дар матбуот ва амсоли инро баррасӣ намуда, ба ин васила дар ташаккули донишҳои рӯзноманигорӣ ва муносибати сотсиологӣ дар журналистика саҳм гузоштаанд. Дар ин ҷода хизмати олими англис М. Веберро метавон махсус қайд кард. М. Вебер дар соҳаи публитсистика зарур будани назари субъективӣ, муносибати арзиширо ҳамчун ҷанбаи муҳимми маърифат ва маънидоди маводи амалӣ ба миён гузошт. Ӯ доир ба омӯзиши матбуоти даврӣ барномаи омӯзиширо таҳия намуд, ки баъдтар дар таҳқиқотҳои сотсиологии муҳаққиқони англис Денис Макквейл, Ҷемс Халлоран, Ҷей Бламлер, Флипп Элиот, Том Бернс, Ҷорҷ Гербнер, Майкл Гуревич, Энтони Смит, Паул Крол, Ҷон Браун, Ролф Недрин, Ҷозеф Тренемен ҳамчун дастури раҳнамо истифода шудааст. Дар барномаи ӯ ду шарт: «Кадом молҳоро бояд реклама кард, кадомашонро не? Дар кадом ҳолатҳо овоз дода мешавад, дар кадом ҳолатҳо не» махсус таъкид гардида буд. Дар заминаи ин принсипҳои барномаи веберӣ, ки муносибати ӯро ба матбуот нишон медод, дар сотсиологияи журналистикаи 4 саволи асосии методологӣ: «Кадом шароити ҳукмрони иқтисодӣ рекламаро ба вуҷуд меорад?», «Матбуот маводро чӣ гуна дастрас мекунад?», «Ҳолати агентиҳои иттилоотӣ чӣ гуна аст ва онҳо дар сатҳи байналхалқӣ байни худ чӣ тарз алоқа доранд?» ва «Дар низоми матбуоти муосир (вақт) ҳолати эҷодии журналистон чӣ гуна аст? шакл гирифт».

М. Вебер соли 1910 бори аввал «мафҳуми сотсиологияи матбуот»-ро ба контексти илмӣ ворид намуда, омӯзиши ин соҳаро дар заминаи усулҳои оморӣ ба роҳ монд. Ин усул баъдтар барои инкишофи сотсиологияи журналистика ҳамчун назарияи махсуси сотсиологӣ меҳвари асосӣ гардид. Ҳарчанд дар вақташ имконияти татбиқи ин назария вуҷуд надошт, аммо таҳқиқотҳои сотсиологии дорои хусусияти амалӣ вусъат пайдо кард. Аз ҷумла, М. Г. Смирнова қайд мекунад, ки дар соли 1910 дар ИМА зиёда аз 3 000 таҳқиқоти сотсиологии эмпирикӣ

гузаронида шудааст [124, с.13].

Осори намояндагони сотсиологияи классикӣ дар Россия низ маълум ва маъмул буданд, ки барои инкишофи илми сотсиология хидмат намудаанд. Дар инкишофи илми сотсиология дар Россия олимон П. А. Куропаткин, Н. К. Михайловский, Л. И. Мечников, М. М. Ковалевский, Л. И. Петражицкий ва дигарон саҳм гузоштаанд. Намояндагони сотсиология дар тӯли асрҳо ақидаҳои гуногунро ҷонибдорӣ намуда, онро инкишоф доданд. Агар иддае сотсиологияи субъективӣ ва позитивиро (М. М. Ковалевский) пеш мебурданд, гурӯҳи дигар эътиқодманди сотсиологияи марксистӣ (Б. П. Струве, Н. А. Бердяев) буданд. Матбуоти даврӣ барои инъикоси маҳсули илмии ин муҳаққиқон ва ҳамчун минбари музокираи онҳо хидмат менамуд. Дар баробари ин, инкишофи матбуоти даврӣ ва ташаккули типҳои гуногуни нашрияҳо барои шаклгирии сотсиологияи журналистика ва тавлиди масъалаҳои назарии он низ замина гузошт. Ин ҳолат доираи хонандагонро вусъат бахшида, барои хусусияти оммавӣ пайдо кардани матбуоти даврӣ имконият ба вуҷуд овард, аммо инкишофи матбуоти даврӣ дар кишварҳои гуногун як хел сурат нагирифтааст. Муносибатҳои сотсиологӣ, пеш аз ҳама, дар матбуоти мамолики Аврупо, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ пешқадам буд, ба вуҷуд омад. Яке аз омилҳои зуҳури муносибатҳои сотсиологӣ рақобати касбӣ маҳсуб меёфт. Ба ин маънӣ, муҳаққиқ М. Муродов дуруст қайд мекунад, ки «Дар асри XIX анъанаи нави инкишофи журналистика муносибати инҳисори рақибонаро ҳам дар дохили васоити ахбори омма ва ҳам миёни ВАО ва аудитория дигаргун кард» [90, с. 13]. Ин ҳолат ҷараёни омӯзиши аудиторияи матбуоти давриро тезонид. Аз тарафи дигар, бо ташаккули бозори матбуоти даврии ИМА ва Англия рақобати нашрияҳои даврӣ авҷ гирифт, арзиш ва ҳаҷми реклама аз дараҷаи теъдоди нашри рӯзномаҳо ва мавқеи онҳо вобаста шуд. Ҷараёни рақобат нишон дод, ки усулҳои анъанавии ҷалби хонанда ба мундариҷаи нашрияҳои даврӣ басанда нест. Ин ҳолат зарурияти аз ҷиҳати илмӣ маънидод намудани омилҳои

ҷолибсозии маводи матбуот ва пайдо кардани таъсири байниҳамии аудитория ва нашрияҳоро ба миён гузошт. Ба ин маънӣ, дар ИМА омӯзиши аудиторияи матбуоти даврӣ бо истифода аз усулҳои сотсиологияи амалӣ шурӯъ гардид. Баъдтар ба ин самт омӯзиши сотсиологии таъсири реклама ба аудитория ва манфиати он ба матбуот ҳамроҳ шуд. Ин раванд бо ҳамоҳангӣ дар матбуоти Аврупо низ ҷорӣ гардид. Дар соли 1937 дар Фаронса яке аз аввалин пурсишҳои сотсиологии оммавӣ гузаронида шуд. Ҳамчунин дар ин солҳо дар Англия омӯзиши аудиторияи Ширкати радиошунавонии Ви-Ви-Си оғоз гардид.

Таассурот дар бораи таъйиноти журналистика ва нақши иҷтимоии он дар давраи эҳё шурӯъ шуда бошад ҳам, он то асри XVIII шакли пурра пайдо накард. Тавре ишора намудем, пайдоиши воқеии сотсиологияи журналистика дар асри XIX, пас аз ба вуҷуд омадани назарияи сотсиология дар Аврупо ибтидо мегирад. Дар охири асри XIX Аврупо бо феномени нав – фарҳанги оммавӣ рӯ ба рӯ шуд. Дар ин аср бо ҳамаи махсусиятҳои сарнавишти таърихӣ, Русия низ ба капитализм рӯ овард. Ин авомил боиси пайдоиши сотсиологияи назариявӣ гардид. Равиши эволютсионии он дар заминаи таҳқиқоти Огюст Конт ва Герберт Спенсер сохта шуд, ҷараёни револютсиониаш бошад дар натиҷаи пажӯҳишҳои Карл Маркс шакл гирифт.

Ҳамин тавр, барои муайян намудани талаботи иҷтимоии ҷомеа ба матбуоти даврӣ сотсиологияи журналистика чун ниҳоди иҷтимоии омӯзандаи мақом ва нақши журналистика ташаккул ёфт. Дар ташаккули назарияи сотсиологияи журналистика намояндагони мактабҳои илмии Аврупову Амрико, аз ҷумла, намояндагони сотсиологияи Англия нақши бориз гузоштаанд. Яке аз асосгузорони мактаби назариявии сотсиологияи журналистика ва ВАО-и Англия Ҷозеф Тренеман дар таҳқиқоти худ «Иртибот ва фаҳмиши он» бо усули таҷрибавӣ имкониятҳои ВАО-и гуногунро муқоиса намуда, таъсири расонаҳоро ба аудитория нишон дод. Д. Макквейл бошад анъанаи сотсиологияи нимаи

дуюми асри XX-ро ривоҷ бахшида, сотсиологияи журналистикаро ҳамчун соҳаи муайяни дониш, ки предмети мушаххаси омӯзиш дорад, исбот кард. «Ӯ проблемаҳои журналистикаро ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ баррасӣ намуда, масъалаи аудиторияи ВАО, хислати иҷтимоиву иқтисодии он, шавқ, мавқеъ, муносибати байниҳамии журналистон бо муассисон ва, умуман, ҷомеаро мавриди омӯзиш қарор дод» [90, с. 15]. Ин муаллиф дар китобҳои «ТВ ва сиёсат: истифода ва таъсири он» (бо ҳаммуаллифии Ҷ. Бламлер) «Ба сӯйи сотсиологияи иртиботи оммавӣ» (1969), «Иртибот» (1972) масъалаҳои назариявии сотсиология ва журналистикаро баррасӣ намуда, дар муайян намудани нақш ва таъйиноти ВАО, зарурият ва аҳаммияти омӯзиши сотсиологӣ саҳм гузоштааст.

Намояндаи дигари сотсиологияи журналистикаи Англия Ҷ. Халлоран мебошад, ки бо Макквейл ҳамчун оппонент муносибат дошт. Ӯ намояндаи «мактаби интиқодӣ» буд, ки ҷонибдоронаш ба ниҳоди иҷтимоӣ будани журналистика шубҳа доштанд ва кӯшиш менамуданд, ки низоми ВАО-ро нисбатан инсонпарварона маънидод кунанд. Дар ин самт Халлоран корҳои зиёде ба анҷом расонид. Соли 1965 китоби ӯ «Таъсири иртиботи оммавӣ (махсусан ТВ)» интишор гардид. Соли 1970 зери роҳбарии Халлоран асари «Эътироз ва иртибот» ба табъ расид, ки омӯзиши муносибати ВАО ва сиёсатро фаро мегирад. Халлоран дар таҳқиқоти худ алоқамандии назария бо амалияро зарур меҳисобад ва таъкид менамояд, ки назария танҳо аз мафҳумоту ташреҳи онҳо иборат набошад, балки ба маводи зиёди эмпирикӣ бояд такя кунад.

Дар ибтидои асри XX сотсиологияи амрикоӣ фаъол гардида мавқеъ пайдо мекунад. То миёнаҳои даҳсолаи 1930 дар инкишофи самти эмпирикии сотсиологияи Амрико Донишгоҳи Чикаго (1892) нақши пешбаранда дошт. Намояндаи ин мактаб сиёсатшинос ва сотсиолог Гаролд Лассуэлл (1902–1978), дар таълифоти илмиаш «Техникаи тарғиб дар ҷанги ҷаҳонӣ» («Техника пропаганды в мировой войне») (1927), «Тарғиб, иртибот ва омма» («Пропаганда, коммуникация и публика»)

(1946), «Таҳлили рафтори сиёсӣ» («Анализ политического поведения») (1947) ва ғайра масъалаҳои назариявии сотсиология ва журналистикаро ба таҳқиқ кашида, дар баррасии ин масъалаҳо муносибати таъйинотии сиёсӣ намуда, дар таҳлили сиёсат ва тарғиб аз омилҳои психологӣ кор гирифт, нақши иртиботи оммавиро дар ороиш, пахш ва таҷдиди рамзҳои ҳукумати сиёсӣ нишон дод, проблемаҳои таҳлили контентии иртиботи оммавиро таҳқиқ кард. Ӯ таҳқиқи масъаларо бо усули таҳлили контентӣ, ки дар солҳои 40-уми асри гузашта дар Амрико ба таври васеъ паҳн шуда буд, ба роҳ монд. Ин олим дар мақолааш «Сохтор ва вазифаҳои иртибот (коммуникатсия) дар ҷамъият» ҷараёни иртиботро ба 5 ҷузъ тақсим намуда, формулаи: Кӣ хабар медиҳад – чиро – аз тариқи чӣ – ба кӣ – бо чӣ гуна таъсир таҳия намуд.

Асосгузори мактаби таҳқиқоти иртиботии Торант Хоралд Аммас Иннис (1894 -1952) дар асари худ «Империя ва иртибот» («Империя и коммуникация») (1959), империяи ҷаҳониро дар шакли иртиботи дар онҳо ҳукмрон мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ӯ ҷонибдори детерменизми технологӣ буд, яъне ба вуҷуд омадани фазои ягонаи иттилоотиро ба ихтирои коғаз, матбуот ва расонаҳои электронӣ алоқаманд медонист. Фазои ягонаи иттилоотӣ вобаста ба аҳаммияти иҷтимоии иттилоот, яъне навгонӣ муттаҳид мешавад.

Сотсиологи америкоӣ, сотсиопсихолог Чарлз Кули (1864-1929) назарияи гурӯҳҳои хурдро дар сотсиология асос гузошт. Ӯ дар таълифоташ «Насли инсонӣ ва тартиботи иҷтимоӣ» («Человеческая порода и социальный порядок») (1902), «Ташкилоти сиёсӣ» («Социальная организация») (1909), «Пешравии иҷтимоӣ» («Социальный прогресс») (1918), «Назарияи сотсиологӣ ва таҳқиқоти иҷтимоӣ» («Социологическая теория и социальное исследование») (1930) ҷомеа, гурӯҳҳо ва афродро ҳамчун организми зиндаи бо «Ман»-и маърифати иҷтимоӣ (организми иҷтимоӣ) алоқаманд, баррасӣ намуд. Тавре ки Л. Г. Свитич менависад: «Дар ин ягонагӣ пуррагии ҷанбаи коммулятивӣ иҷтимоӣ буда, ҷанбаи номутассилӣ фардияти он аст. Ҳамроҳ кардани

ҷараёнҳои инфиродӣ ба «шуури азим» ҷараёни иҷтимоӣ, иҷтимоигардонии шуури фардӣ аст. Ин танҳо дар иртибот, муошırати байнишахсии дохили гурӯҳҳои ибтидоӣ ба амал меояд» [119, с. 14].

Дар алоқаманд намудани муносибатҳои эмпирикӣ (амалӣ) ва назариявӣ ҷиҳати ҳалли проблемаҳои иҷтимоӣ сотсиолог, сарвари факултети сотсиологияи Гарвард (1930) Питирим Сорокин низ кӯшиши зиёд кардааст. Таҷрибаи машҳури мактаби ӯ майдони методҳои сотсиологиро васеъ намуда, ба назарияи «муносибати инсонӣ», самтҳои назарии «фазои гурӯҳӣ» ва «сотсиометрӣ» хусусиятҳои сотсиологияи амалиро илова, балки пурқувват намуд.

Дар нимаи аввали асри XX омӯзиши матбуоти даврӣ аз ҷониби сотсиологҳо қувват гирифт. Аз ҷумла, У. Липман дар асараш «Афкори иҷтимоӣ» («Общественное мнение») андешаи вобастагии манфиати нашрия аз харидории рекламагузорро ба миён овард. Ӯ собит намуд, ки фоидаи нашрия на аз хонандаи оддӣ, балки аз рекламадиҳанда вобаста аст. Ин андешаи Липман ҷонибдорони зиёд пайдо кард ва китоби ӯ «Афкори иҷтимоӣ» дар масъалаи омӯзиши ҷараёни иттилоотию тарғиботии ҷомеа ба сифати асари классикӣ машҳури ҷаҳон гардид. Липман қолабҳоеро ба шакл даровард, ки барои мувофиқгардонии инсон ба муҳити иҷтимоии мураккаб имкон медоданд.

Чунончи, дар китоби «Сотсиологияи журналистика» омадааст: «Агар У. Липман дар эҷодиёти худ назарияи самтбахшии афкори сиёсию иҷтимоии амрикоиро инкишоф дода бошад, П. Лазарсфелд, Б. Берелсон ва Э. Годэ самти амалии сотсиологияи амрикоиро рушд бахшиданд. Ин сотсиологҳо дар соли 1940 ба мақсади омӯзиши таъсири воситаҳои ахбори омма ба натиҷаҳои интихоби президент тадқиқоти мушаххаси сотсиологӣ гузарониданд. Дар натиҷа мафҳуми «пешвоёни афкори умум» пайдо шуд, консепсияи «амали дузинагии иртибот» ошкор гардид, ки моҳияти аввал ба иттилоот дастрасии мустақил доштани ашхоси нисбатан ҳушманд ва баъд тавассути онҳо ба оммаи васеъ расонида шудани онро мефаҳмонд. Баъдтар ин консепсияро Э. Катс, У. Шрамм

такмил дода, моҳияти амали серзинагии иртиботро нишон доданд» [90, с.17].

У. Шрамм дар китоби худ «Васоити иртиботӣ ва рушди миллӣ» (1964) мафҳуми «маънии инсон»-ро ба гӯйиши илмӣ ворид сохт. Ӯ ВАО-ро ҳамчун воситаи ба низом даровarandаи набзи иҷтимоӣ баррасӣ кард. Олими дигари америкоӣ Н. Мерриел доир ба ташкили «фалсафаи мухторияти журналистика» таҳқиқот ба анҷом расонида, нақши журналистикаро дар инкишофи ҷомеа аз назари мавҷудияти тазодҳои иҷтимоӣ ва муносибати ВАО ба онҳо баррасӣ намуд.

Дар даҳсолаҳои 1920-1940 дар Олмон мактаби Франкфурт ташаккул ёфт, ки яке аз асосгузорони он Ф. Теннис буд. Намояндаи ин мактаб файласуфи иҷтимоӣ Юрген Хабермас доир ба иртибот пажӯҳишҳои зиёдеро ба анҷом расонид, ки натиҷаҳои онҳо дар асарҳои «Донишҳо дар бораи манфиатҳои инсонӣ» («Знание о человеческих интересах», 1968), «Иртибот ва таҳаввули ҷомеа» («Коммуникация и эволюция общества», 1974), «Назарияи иртибот» («Теория коммуникации»), дар 2 ҷилд (1981), «Назарияи салоҳияти иртиботӣ» («Теория коммуникативной компетентности»), дар 2 ҷилд (1984 и 1988), «Таҷдиди сохтории соҳаҳои оммавӣ» («Структурное преобразование публичной сферы», 1989), «Маърифати ахлоқӣ ва амали иртиботӣ» («Моральное сознание и коммуникативное действие», 1990), «Воқеият ва аҳаммият» («Фактичность и значимость», 1992) интишор шудаанд. Ин муҳаққиқ ҷараёнҳои иртиботии ҷомеа ва таъсири онҳоро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Дар илми сотсиологияи Шӯравӣ ба масъалаҳои назариявии сотсиологияи иртиботи оммавӣ таваҷҷуҳ нисбатан камтар бошад ҳам, баррасии ин масъала аз доираи илмӣ дар канор набудааст. Муҳаққиқон Е. П. Прохоров, Б. А Грушин, Ю. А. Левада ва дигарон ба таҳқиқи масъалаҳои назарии сотсиологияи журналистика машғул шудаанд. Алалхусус Е. П. Прохоров дар асарҳояш «Муқаддимаи назарияи журналистика» («Введения в теорию журналистики») ва «Сотсиология ва

журналистика», ки соли 1981 зери таҳрири ӯ ба табъ расидааст, ба масъалаҳои назариявии сотсиологияи журналистика дахолат намуда, заруриятт ва аҳаммияти муносибати сотсиологиро дар журналистика нишон додааст.

Б. А Грушин дар омӯзиши таъйиноти иттилооти оммавӣ ва махсусияти шуури оммавӣ корҳои зиёди илмиеро ба анҷом расонидааст. Вай омӯзиши афкори оммавии «Комсомольская правда» (1960-1967)-ро раҳнамоӣ намудааст, солҳои 1969-1972 роҳбари Маркази омӯзиши афкори оммавии Институти таҳқиқоти мушаххаси сотсиологии Академияи илмҳои СССР ва солҳои 1988-1990 яке аз роҳбарони маркази омӯзишии афкори оммавӣ дар назди ШМУПК ва Комитети меҳнати ИҶШС (ВЦСПС и Гоструде СССР) будааст. Соли 1989 Хизматрасонии хусусии мустақили омӯзиши афкори омавии *Vox Populi* («Раъйи мардум»)-ро таъсис додааст.

Асарҳои ӯ «Фикрҳо дар бораи олам ва олами фикрҳо» («Мнение о мире и мир мнений», 1967), «Шуури оммавӣ» («Массовое сознание», 1987) ва Лоиҳаи машҳури Таганрог – «Иттилоти оммавӣ дар шаҳрҳои саноатии Шӯравӣ» («Массовая информация в советском промышленном городе», 1980), ки зери таҳрири ӯ чоп шудааст, китобҳои рӯимизии сотсиологҳо ва муҳаққиқони соҳаи журналистика мебошанд.

Падари дигари сотсиологии рус Ю. А. Левада дар асараш «Аз фикр ба фаҳмиш» («От мнения к пониманию», 2000) доир ба шарҳу маънидоди иттилооти сотсиологӣ, фазо ва хусусияти афкори омма маълумоти илмӣ ироа намуда, иртиботи ин ҷанбаҳои сотсиологияро бо иртиботи оммавӣ нишон додааст.

Пас аз пош хӯрдани ҳукумати Шӯравӣ фаҳмиши масъалаҳои назариявии сотсиологияи журналистика ранги дигар гирифт. Дар илми сотсиологияи Шӯравӣ аносири сотсиологияи ба истилоҳ «буржуазӣ» роҳ ёфт, балки мавқеъ пайдо кард. Муҳаққиқони зиёд, аз қабили Конецкая В. П. «Сотсиологияи иртибототӣ» («Социология коммуникавистики», 1997), Федотова Л. Н. «Сотсиологияи иртиботи

оммавӣ» («Социология массовой коммуникации», 2003), Шарков Ф. И., Родионов А. А. «Социология массовой коммуникации» (2003) масъалаҳои иртиботи оммавиро дар алоқамандӣ бо сотсиология мавриди таҳқиқ қарор дода, принсипҳои демократиро дар омӯзиши сотсиологии аудиторияи ВАО тақвият бахшиданд.

Баррасии масъалаҳои иҷтимоӣ-назариявии журналистика аз ҷониби муҳаққиқон А. Н. Алексеев, А. И. Верховская, И. М. Дзялошинский, С. Г. Корконосенко, В. С. Коробейников, Л. Г. Свитич, Л. Н. Федотова, Б. М. Фирсов, И. Д. Фомичева, А. А. Ширяева, Т. В. Шумилина ва дигарон бо назардошти омилҳои иҷтимоӣ ва касбии замони муосир шакл гирифт. Дар заминаи пажӯҳишҳои ин муҳаққиқон сарҳади назарияи сотсиологияи умумӣ, журналистика ва сотсиологияи журналистика муайян ва мушаххас гардид.

Маълум аст, ки таъйиноти асосии журналистика ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ таъмини талаботи ҷомеа бо иттилоот аст. Ба ин маънӣ, журналистика ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ шаклҳои гуногуни фаъолияти эҷодиест, ки «парадигмаҳои ҷаҳонбинии амиқан коркардашуда, системаи қонуну меъёрҳо, ҳамчунин назорати иҷтимоии иҷрои онро дар бар мегирад». Дар муносибат ба иҷтимоъ ва ҳалли масъалаҳои он журналистика ба ниҳодҳои дигар ҳамкорӣ мекунад. Баъзан чунин муносибат дар сатҳи назарияи махсуси сотсиологӣ сурат мегирад, ки онро сотсиологияи журналистика меноманд.

Назарияи махсуси сотсиологиро, ки дар пажӯҳишҳои илмӣ бо ибораи *«назарияи сатҳи миёна»* низ ёдрас мешавад, олими сотсиологи америкоӣ Р. Мертон соли 1947 ба илм ворид кардааст. Назарияи сатҳи миёна барои омӯхтан ва коркарди далелҳои эмпирикии дар соҳаҳои ҷудогонаи донишҳои сотсиологӣ, масалан, сотсиологияи журналистика, сотсиологияи сиёсат, сотсиологияи фарҳанг, сотсиологияи оила, сотсиологияи маориф ва амсоли ин муқаррар шудааст. Ба ин маънӣ, сотсиологияи журналистика бо вуҷуди нисбатан мустақил будан, аз як тараф, ба назарияи умумисотсиологӣ, аз тарафи дигар, ба назарияи

умумижурналистӣ такя мекунад.

Сотсиологияи журналистика якчанд хусусият ва бартарӣ дорад. Аз ҷумла, он «бидуни истифодаи категорияҳои назарияи умумисотсиологӣ ва умумижурналистӣ буда наметавонад; бо таҷрибаи воқеии журналистӣ алоқамандӣ ва таъсири байниҳамии зич дорад; имкон ба вуҷуд меорад, ки журналистон тавассути таҳқиқотҳои сотсиологӣ аз муносибати аудитория ба фаъолияти худ шинос гарданд.

Дар китобҳои илмиву таҳқиқотӣ се хусусияти асосии сотсиологияи журналистика ҳамчун назарияи махсуси сотсиологӣ муайян гардидааст, ки чунин аст: «вай баррасикунандаи соҳаи махсус ва маҳдуди воқеияти иҷтимоӣ мебошад; қонуниятҳое, ки дар сотсиологияи журналистика ошкор гардида шакл мегиранд танҳо дар навъи тасдиқи эҳтимолӣ амалӣ мешаванд; сотсиологияи журналистика унсурҳои гуногуни журналистикаро ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ, бо фарқиятҳои мушаххас дар сатҳи ташреҳӣ инъикос мекунад» [90, с. 32].

Журналистика бо хусусияту вазифаи худ на танҳо ҷомеаро бо иттилоот таъмин мекунад, балки дар ин зимн, паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоиро меомӯзад, таҳқиқ мекунад ва ба ин васила дар маърифати онҳо ба мардум ёрӣ мерасонад. Ба ин мазмун, сотсиологияи журналистика ҳамчун илми мустақил, аз як тараф, бо ташаккул ва инкишофи сотсиологияи иҷтимоӣ, аз сӯйи дигар, бо доман паҳн кардани таъйиноти журналистика ба вуҷуд омада, имрӯз дар қатори илмҳои дигар мақоми хоса пайдо кардааст. Аммо алоқамандии он бо сотсиологияи умумӣ ва журналистика чун ҷузъи таркибӣ боқӣ мондааст. Муҳаққиқ И. Д. Фомичева мувофиқати сотсиология ва журналистикаро дар дараҷаи методологӣ чунин нишон додааст, ки ба шакли фишурда меорем:

«– ҳарду навъи фаъолият ба соҳаи иҷтимоӣ тааллуқ доранд, аммо сотсиология бештар ба пешгӯи кардани инкишофи ҷараёну ҳодисаҳо равона карда мешавад, журналистика бошад ба таҷрибаи рӯз (ҳозира) такя мекунад;

– онҳоро мақсадҳои принсипиалии ба ҳам монанд: самти инсонгарой, масъулияти иҷтимоӣ, майлу рағбати шаҳрвандӣ, кӯшиш барои гирифтани иттилооти боэътимод ва боварибахш раҳнамоӣ мекунад;

– объекти таҳқиқ ва инъикоси онҳо як аст, яъне ҷомеаи муосир ва ҷузъиёти сохтории он тавассути мушоҳида ва пурсишҳо, аммо агар сотсиология ба фактҳо ва ҷараёни омории оммавӣ такя кунад, барои матбуот шиддат бахшидани таваҷҷуҳ ба фардияти инсон ва ҳодисаҳои беназир хос аст;

– дар ин соҳаҳо тақрибан маҷмӯи методҳои якхела истифода мешаванд, ки тавассути онҳо сотсиологҳо натиҷаҳои оморию оммавиро тахмин мекунанд, журналистон шиносоии амиқро бо зуҳуроти мушаххаси фардӣ ба вуҷуд меоранд;

– унвонияти асосӣ (истеъмолкунандаи маҳсулот) барои сотсиологҳо мутахассисон ва ташкилотҳои идорӣ, барои журналистон аудиторияи оммавӣ аст, аммо ҳамчунонки олимон ба гуфтугӯ бо ҷамоатчигии васеъ ниёзманданд, кормандони ВАО низ дар ҳолати зарурӣ ба ташкилоти идорӣ муроҷиат мекунанд;

– сотсиология ва журналистика бо пурра кардани ҳамдигар тарҳи комилеро ба вуҷуд меоранд, ки фактҳои омории аҳаммиятнок ва қонуниятҳои инъикоси шаклҳои фардии ҳаёти иҷтимоӣ ба ҳам тавъам мегарданд» [160, с. 23-24].

Тавре дар боло ишора шуд ва аз ин тавсифот низ бармеояд, муносибати сотсиологӣ дар журналистика, асосан, ба ҷанбаҳои амалӣ ва таҷрибавӣ такя мекунад. Яъне, муносибати сотсиологӣ дар шаклҳои гуногун, бахусус бо усули методологияи таҳлил метавонад ба ташаккули касбии кормандони эҷодии ВАО мусоидат кунад. Дар замони муосир бидуни муносибати сотсиологӣ фаъолияти ВАО, хоса матбуоти давриро наметавон пурра кард. Аввалан, раванди демократикунонии ҷомеа ва ҳамчунин демократикунонии фаъолияти журналистӣ тақозо менамояд, ки дар ҳаллу фасли масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ, ҳамзамон дарёфти

роҳҳои беҳтаргардонии сифати маҳсулоти журналистӣ бо мардум, хоса бо аудитория дар иртибот бошем, фикру назари онҳоро ба назар гирем. Баъдан, ба ин васила, аз як тараф, панорамаи васеъ ва мухталифи вазъияту ҳолатҳоро нишон диҳем, аз сӯйи дигар, ба фаъолияти минбаъдаи худ беҳбудӣ бахшем.

Дар сотсиологияи журналистика таҳлили фактҳои воқеӣ, ҷараён ва анъанаи инкишофи воқеиёти иҷтимоӣ дар асоси афкори мардум сурат мегирад. Аз ин рӯ, асосҳои назариявии онро дар муносибат ба афкори иҷтимоӣ бояд муайян кард. Аввалан, асоси назариявии сотсиологияи журналистикаро омӯзиши муносибати аудитория ба воситаҳои ахбори омма ташкил медиҳад. Ин омӯзиш танҳо мушоҳидаи беруна ва ё пурсиши мардум нест, балки маърифат ва ошкор намудани қонунмандиҳои дохилӣ, мазмун ва моҳияти ҳолат низ мебошад. Баъдан, дар баррасии мавзӯъ журналист-муҳаққиқ озод нест, балки маҳдудият дорад, ки он аз доираи маълумоти ҳосилшуда берун нашудан аст. Сеюм, тавре ишора шуд, сотсиологияи журналистика зери таъсири назарияи журналистика – ҳамчун соҳаи мустақил ва вусъатёфтаи маърифати иҷтимоии ба таври амиқ баррасикунандаи тамоми қонунмандиҳо, ҷараёнҳо, қувваҳои ҳаракаткунандае, ки дар дохили низоми ВАО мавҷуд аст, такя мекунад. Сотсиологияи журналистика аз ин назария сарчашма мегирад, аммо аз рӯйи предмет, метод ва мавқеъ ба омӯзиши махсус машғул мешавад. Азбаски назарияи журналистика бо назарияи илмҳои дигар чун филология, сотсиология, назарияи коммуникатсия алоқамандӣ дорад, сотсиологияи журналистика низ бо ин ва илмҳои дигар иртибот мегирад.

Тавре дар боло зикр шуд, сотсиологияи ВАО низ аз соҳаҳои предмети сотсиология маҳсуб меёбад. Назарияи умумисотсиологӣ барои омӯзиши сотсиологии ВАО таҳкурсии заруриро ба вуҷуд овардааст. Сотсиологияи ВАО назарияи умумисотсиологиро дар бораи ҷомеа ҳамчун низоми алоқаҳои иҷтимоӣ, субъекҳои он, сохт, навъҳои ҷараёни иҷтимоӣ, истифода мебарад. Вай, аз як тараф, ба психологияи иҷтимоӣ,

назарияи идоракунӣ ва, аз ҷониби дигар, ба назарияи эҷод (бо вазифаву таъсиргузорӣ) омехтагӣ пайдо мекунад. Дар таҳқиқоти муайяни иҷтимоӣ, ки дар заминаи назарияи сотсиологияи журналистика шакл мегирад, таҳқиқгар ба ҷараёни ахбори оммавӣ, далелҳо ва натиҷаҳое, ки дар асоси пурсишҳо, таҳлили маҷмӯи ҳуҷҷатҳо, омӯзиши матнҳои журналистӣ, мушоҳидаҳои васеъ, назари экспертҳо ба даст меоянд, сару кор дорад. Чунин тарзи ҷамъоварии маълумот (ахбор) имкон медиҳад, ки объекти омӯхташаванда бо хусусият, иртибот, омилҳо, вазъу ҳолат равшан гардад. Таҳлил ва шарҳи далелҳои эмпирикӣ барои муайян намудани арзиши илмии объект, ҳосил намудани натиҷа, тавсия барои беҳтар намудани ҳолати минбаъдаи он ёрӣ мерасонад. Сотсиологияи журналистика, махсусан, барои муайян намудани зуҳурот ва анъанаҳои инкишофи ВАО ва баррасии хусусиятҳои он чун ниҳоди иҷтимоӣ аҳаммият дорад. Дар баробари ин сотсиологияи ВАО илми гуногунҷанба аст, ки ҳар кадомаш хусусияти худро дорад.

Баъзе муҳаққиқон қисматҳои сотсиологияи журналистикаро аз назар гузаронида, се дараҷаи онро муайян намудаанд:

а) Сотсиологияи умумисиёсӣ, ки масъалаҳои методологии муаянкунандаи накши иҷтимоии матбуот, қонуният, вазифа ва қисмати он дар системаи иҷтимоӣ, таваҷҷуҳ ба инкишофи таммадунро ҳал менамояд;

б) Сотсиологияи махсус – назарияи хусусии нисбатан муайян дар бораи аудиторияи оммавӣ, шохаҳои алоҳидаи ВАО, меҳнати иҷтимоии журналист;

в) Сотсиологияи таҷрибавӣ – зуҳуроти муайяни ҷараёни кори журналистиро дар бораи фаъолияти редаксияҳо, афкори хонандагон, мактубҳо ҷамъ меорад ва ба система медарорад.

Ҳамин тавр, масъалаҳои назариявии сотсиологияи журналистика аз аносири назариявии сотсиологияи умумӣ ва журналистика маншаъ гирифта, дар муносибат ба объекти таҳқиқ, метод ва методологияи омӯзиш, мақсад ва вазифа қонунмандиҳои худро ба шакл даровардааст.

Шакл гирифтани сотсиологияи журналистика, ҳамчун назарияи сатҳи миёна, аз як тараф, ба мустақилияти соҳа, аз тарафи дигар, аз ҷузъи таркибии журналистика будани он дарак медиҳад. Дар назарияи сотсиологияи журналистика ҳарчанд муносибат сотсиологӣ аст, аммо объект журналистика мебошад. Аз ин рӯ, дар муносибати сотсиологии расонаҳои хабарӣ ҳамеша маърифати илмии журналистӣ дар ҷойи аввал қарор мегирад.

### I.2. Ташаккули омӯзиши сотсиологии матбуоти даврӣ

Ташаккули сотсиологияи журналистика ҳамчун илм, қабл аз ҳама, ба шакл гирифтани системаи матбуоти даврӣ ва инкишофи он алоқаманд аст. Чунончи дар фасли аввал ишора шуд, матбуот нахуст дар Аврупо ба вуҷуд омад. Ҳамчунин дар муқоиса ба давлатҳои дигар маҳз ин кишварҳо монеа ва мушкилоти тағйир хӯрдани оҳанги таърихии ҷамъиятро дар худ эҳсос намуданд. Матбуот бо душворӣ озодии баёнро амалӣ менамуд. Озод гаштан аз сензура, андоз ва дигар омилҳо матбуотро арзон ва барои ҷомеа дастрастар гардонид. Теъдоди мардуми хонда метавонистагӣ бештар гардид, доманаи мавзӯъҳо вусъат ёфт ва тадриҷан матбуот хусусияти оммавӣ пайдо кард.

Дар олами Шарқ аввалин рӯзномаҳо дар нимаи дуюми асри XVIII ба вуҷуд омаданд. Нашрияҳои нахустин ба фаҳмиши имрӯза на ба рӯзнома, балки ба варақаву брошюра монанд буданд. Бо вуҷуди ин қадамҳои аввалин дар ташаккули матбуоти даврӣ гузошта шуд. Дар Шарқ рӯзноманигорӣ ва матбуот ба маънии аврупоиаш дар мамолики форсизабонон роиҷ гардид. Дар ибтидо касе дар ҷустҷӯйи вожаҳои худӣ нашуд ва ҳамон калимаҳои «газет» ва «журнал» ҳамчун истилоҳоти асосӣ қабул гардиданд. Аз охири асри XIX сар карда аз Ҳиндустон, Миср ва Аврупою Русия ба сарзамини Мовароуннаҳр рӯзномаҳо ворид мешуданд. Матбуоти кишварҳои Шарқ, Туркия, Ҳиндустон ва Миср дар таъсири матбуоти Ғарб аз миёнаҳои садаи асри XIX ба таври густурда интишор ёфт ва, асосан, хусусияти тақлидӣ дошт. Зимнан, агар ба

таърихи пайдоиши матбуоти даврӣ дар ҷаҳон назари иҷмолӣ намоем, хулоса кардан мумкин аст, ки оғози матбуот аз Аврупо шурӯъ гардида, матбуоти кишварҳои дигар, хоса форсизабонон зери таъсири онҳо ба вуҷуд омадааст. Чунончи, дар Ҳиндустон ба шарофати англисҳо, дар Осиёи Миёна бо таъсири русҳо аввалин нашрияҳои даврӣ интишор ёфтаанд.

Аммо муҳим он буд, ки ағлаби равшанфикрони олам муҳиммият ва аҳаммияти матбуотро дарк карданд ва аз пайи таъсису ташкили он шуданд. Ин иқдом боис гардид, ки матбуот дар тамоми ҷаҳон ба вуҷуд омад ва бо гузашти вақт доманааш густурдаву муштариёнаш зиёд гардид. Ҳар қадар системаи матбуот мураккаб мегардид, ҳамон қадар талаботи ҷомеа ба он меафзуд. Ҳар қадар талаботи ҷомеа ба маводи матбуот зиёд мешуд, ҳамон қадар миёни нашрияҳо рақобат ба вуҷуд меомад. Ин ҳолат кормандони матбуотро водор месохт, ки роҳҳои ҷалби хонанда ва ба идораи нашрия манфиатоварро ҷӯё шаванд. Яке аз чунин роҳҳо тариқи омӯзиши сотсиологӣ фаҳмидани майлу рағбати хонандагон буд.

Табиист, ки матбуоти даврӣ раванди ҳаёти иҷтимоиро инъикос мекунад ва мундариҷаи он ба ҷомеа равона мегардад. Бо вуҷуди он ки дар замони муосир суръати раванди ҷаҳонишавии фазои ҷомеаҳо меафзояд, аммо ҳар кишвар ҷомеаи худро дорад, ки бо ин ё он хусусият фарқ мекунад. Ҳар ҷомеа ниёз ба маводи журналистии муайянро дорад. Аз ин рӯ, барои омӯхтани хостаҳои ҷомеа ва ба талабот ва завқи мардум мувофиқ намудани мундариҷаи нашрияҳо ниёз ба вуҷуд меояд. Ин ниёзмандӣ дар журналистикаи кишварҳои олам ба таври мухталиф дарк шудааст. Агар дар Аврупо чунин ниёзмандӣ ҳанӯз дар нимаи аввали асри XIX дарк шуда бошад, дар Русия дар охири ин сада ва ибтидои асри XX маърифат шудааст. Барои матбуоти даврии тоҷик нисбатан дертар, дар даҳсолаҳои 1960-1980 роиҷ гардидааст.

Соли 1817 Томас Барнс, ки редаксияи газетаи машҳури англисии «Таймс»-ро раҳбарӣ менамуд, ба гуфти муаррихон, ин газетаро ба

«баёнкунандаи ақидаи ҷомеа (омма)» табдил дод. Ӯ аз аввалинҳо шуда ҷамъоварии иттилоотро дар бораи ақидаҳои табақаҳои гуногуни ҷомеа ба роҳ монд. Ҳисоботҳои мухбиронро, ки аз гӯшаву канор ба идораи нашрия мерасиданд, ҳамчун иттилооти ифодакунандаи ҳолати ҷомеа ва назорати он истифода менамуд. Дар натиҷа мундариҷаи нашрия ба завқу талаботи хонандагон наздик мешуд. Дар охири асри XIX газетаи «Дейли Мейл»-и Англия (1896) низ аз ин усул истифода намуд ва мундариҷаи нашрияро ба завқи ҷавонони босаводе, ки мехостанд мутуни сода ва фаҳморо мутолиа намоянд, равона кард.

Ҷозеф Пулитсер ба омӯзиши хонандагон, аз ҷумла хонандагони иқтидорӣ (диққати махсус ба муҳоҷирон равона мешуд) шурӯъ намуд. Ӯ бо ин роҳ ба «журналистикаи нав» иқдом гузошт.

Дар даҳсолаи 1880 дар матбуоти Амрико доир ба ширкатҳои интихобӣ пурсишҳои оммавӣ гузаронида шуд. Яке аз сабабҳои ташаккули муносибати сотсиологӣ дар матбуоти Аврупову Амрико дар заминаи омилҳои иқтисодӣ ба вуҷуд омадани нашрияҳои даврӣ аст. Ҳадафи чунин нашрияҳо на танҳо инъикоси воқеияти иҷтимоӣ, балки қонеъ гардонидани талаботи хонанда ва ба даст овардани манфиат аз фурӯши нашрияҳо буд. Миёни нашрияҳо рақобати пулӣ чарх мезад. Аз ин лиҳоз ҳукумати Шӯравӣ муносибатҳои сотсиологиро як навъ омили ҷомеаи буржуазӣ медонист, ки дуруст ҳам буд.

Ин аст, ки ба истиснои даҳсолаҳои 1920 ва 1960 ба баъд дар замони шуравӣ ба ин паҳлуи журналистика чандон эътибор намедоданд, зеро дар он давра идеологияи ягонаи сиёсӣ ва ваҳдати ҳизбӣ ҳукмрон буд ва пешвоёни ҳизбӣ муносибатҳои сотсиологиро дар ҳаллу фасли масъалаҳо на ҳамеша меписандиданд. Бо вуҷуди ин ҳукми он ки дар матбуоти замони Шӯравӣ муносибатҳои сотсиологӣ тамоман вуҷуд надошт, низ дуруст нест. Нашрияҳои алоҳида гоҳ-гоҳ аз ин усул истифода бурдаанд. Агар таърихи муносибатҳои сотсиологӣ дар матбуоти даврии Ғарб бо таҳлили вазъи сиёсиву иқтисодии ҷомеа, пурсишҳои маркетингӣ ва фаъолмандии афкори омма муайян гардад, пас таърихи инкишофи

муносибатҳои сотсиологӣ дар матбуоти шӯравиро бо шароитҳои сиёсӣ, аз ҷумла, ҳайати шахсии ҳокимияти болоӣ муайян кардан мумкин аст. Файласуф ва ҷомеашиноси рус Б. А. Грушин таҳқиқоташро дар бораи ақидаҳои ҷомеаи ИҶШС ба анҷом расонида, дар китоби бисёрҷилдааш «Чор давраи ҳаёти Россия дар оинаи пурсишҳои ақидаҳои мардум» чунин давраҳоро зикр намудааст: давраи Хрушёв, Брежнев, Горбачев ва Елтсин [36, с. 43].

Ба ақидаи олимон дар Русия нахустин муҳаққиқи сотсиологияи журналистика Н. А. Добролюбов мебошад, ки маҷаллаи «Ҳамсуҳбатони дӯстори сухани русӣ» («Собеседник любителей российского слова»)-ро мавриди омӯзиш қарор додааст. Мувофиқи маълумоти ӯ, маҷалла аз 20.05.1783 то 6.09.1784 ҳамагӣ 16 шумора чоп шудааст. Таҳқиқоти Добролюбов аз 82 саҳифа иборат буда, дар шумораҳои 8-10-и «Современник» (1858) дарҷ гардидааст. Объекти таҳлили ӯро мактубҳои хонандагон, ки дар «Собеседник...» чоп шудаанд, ташкил медиҳанд. Аз рӯйи таҳқиқоти Добролюбов дар ин маҷалла зиёда аз 50 мактуби хонандагон интишор гардидааст. Дар заминаи омӯзиши муаллифони мактубҳо Н. А. Добролюбов дар илми журналистикаи рус аввалин шуда «харитаи» омориро бо фаро гирифтани маълумот дар бораи вазъи иҷтимоӣ, ҷинсият, макони зисти шахсони ба маҷалла ҳамкории эҷодӣ дошта тартиб додааст.

Тавре профессор М. Муродов қайд мекунад: «Аз мундариҷаи мақолаи Н.А. Добролюбов метавон тахмин кард, ки ӯ аз методи таҳлили сифатию мундариҷавӣ, ки баъдтар бо методи таҳлили контентӣ маълум гардид, истифода бурдааст. Масалан, аз рӯйи ҳисоби ӯ 16 шумораи «Собеседник…» ҳамагӣ 2800 саҳифаро ташкил медодааст. Мундариҷаи онро дар маҷмӯъ 242 мавод (асар), аз ҷумла 110 шеър - 500 саҳифа ва нигоштаи Екатеринаи II «Записки кастельно Российский империи» - 1348 саҳифаро ташкил медиҳад. Аз таҳлили омории Добролюбов бармеояд, ки маҷалла, асосан, барои интишори меҳнати Екатеринаи II таъсис дода шудааст» [90, с.19].

Муносибатҳои сотсиологӣ чи дар матбуоти Россия ва чи дар матбуоти Шӯравӣ на ба сурати марҳилавӣ, балки дар ҳолати мавҷӣ (спиралӣ) шакл гирифтааст. Ба вуҷуд омадани чунин мавҷҳо ба ҷараёни демократикунонии ҷомеа, барҳам хӯрдани низоми тоталитарӣ вобаста будааст. Аввалин фавораҳои мавҷ дар матбуоти даврии солҳои 1920, баъд аз инқилоб, вақте ки кишвар кӯшиш мекард, бо шикасти монархия ҷомеаи навро бунёд намояд, ба вуҷуд омадааст. Мавҷи дуюм ба солҳои 60-юм –давраи хрушевӣ, пас аз об шудани яхи сталинӣ ва сеюм ба даҳсолаи 1990 баъд аз замони бозсозиву барҳам хӯрдани ҷомеаи Шӯравӣ ва онро иваз намудани муносибатҳои бозорӣ рост меояд.

Воқеан, дар солҳои 20-уми қарни ХХ таҳқиқотҳои сотсиологӣ дар Россия авҷ гирифтааст. Дар ин солҳо дар донишгоҳу донишкадаҳо кафедраву шуъбаҳои сотсиологӣ ташкил дода шуд, ки онҳо дар баробари омӯзиши муносибатҳои иҷтимоӣ ба таҳқиқи журналистика, хоса матбуоти даврӣ низ машғул шудаанд.

Таҳқиқотҳои сотсиологии матбуоти даврии солҳои 20-ум хусусияти таҷрибавию амалӣ дошта, асосан, масъалаҳои ҳолати таъмини кадрҳо, собиқаи корӣ ва касбияти онҳоро фаро гирифтаанд. Дар онҳо кӯшиш шудааст, ки ба ҷанбаҳои дар редаксияҳо чӣ қадар кадрҳо намерасанд, хислатҳои иҷтимоиву демократии кормандон чӣ гуна аст, ҳолати молии редаксия ва мухбирон дар кадом сатҳ қарор дорад ва мисли ин равшанӣ андохта шавад. Масалан, соли 1923 Я. Шафир дар губернияи Воронеж хонандагони нашрияи «Рӯзномаи мо» («Нашей газеты»)-ро мавриди омӯзиши сотсиологӣ қарор додааст. Ӯ барои ин таҳқиқ анкета таҳия намудааст, ки аз 26 савол иборат буд.

Баъдтар нашрияҳо низ бо истифода аз имконоти худӣ ба омӯзиши аудитория машғул шудаанд. Аз ҷумла, соли 1925 нашрияи «Рӯзномаи коргарӣ» («Рабочая газета») барои хонандагони худ анкета чоп кардааст, ки 7483-тои он пур ва ба редаксия бозгаштааст. Ин аввалин пурсиши анкетавии оммавӣ дар соҳаи сотсиологияи журналистикаи Шӯравӣ буд. Натиҷаҳои пурсишҳои анкетавӣ нишон медиҳад, ки 54,1%-и хонандагони

рӯзнома коргар ва 27,1 % хизматчӣ будаанд. Занҳо ба мутолиаи рӯзнома камтар майл доштаанд.

Дар қатори таҳқиқотҳои сотсиологии нисбатан ҷиддӣ омӯзиши хонандагони «Коргарони Москва» («Рабочая Москва»)-ро метавон дохил намуд, ки соли 1929 бо пахши 300 000 анкета сурат гирифтааст. Ин аввалин таҳқиқоти интихобӣ дар сотсиологияи Шӯравӣ маҳсуб меёбад. Интихоб чунин шудааст. Аз муассисаҳои гуногун онҳое интихоб шуданд, ки мувофиқи нишондодҳои обуна хонандагонашон зиёдтар аст. Қариб 1/3 қисми интихобшудагон хонандагоне буданд, ки рӯзномаро аз дӯконҳо дастрас мекарданд. Дар 92 муассиса ва 60 дӯкони рӯзномафурӯшӣ ба наздик 11000 респондент пурсида шудааст.

Дар миёнаи даҳсолаи 1920 дар журналистикаи Шӯравӣ марҳилаи нави инкишофи таҳқиқоти мушаххаси сотсиологӣ шурӯъ гардид. Дар Москва, Ленинград, Тарту, Сведловск, Новосибирск, Воронеж ва дигар шаҳрҳои калон марказҳо ва гурӯҳҳои таҳқиқотӣ ташкил карда шуданд. Дар қатори ин марказҳо нашрияҳои даврӣ ба омӯзиши аудиторияи худ шурӯъ карданд. Бахусус, нашрияҳои «Правда», «Известия», «Труд», «Комсомольская правда», «Литературная газета», «Неделя» аз муносибатҳои сотсиологӣ бештар истифода намудаанд. Дар ин давра таҳқиқотҳои сотсиологӣ ва ҳамчунин психологӣ басо маъмул буданд, ҳатто дар факултетҳои журналистӣ лабораторияҳои психотехникӣ амал мекарданд, ки донишҷӯёну рӯзноманигорон ба таҳқиқи психологӣ машғул мешудаанд. Аммо «таҳқиқгарони кадрҳои журналистӣ дар солҳои 20-уми асри XX, асосан ташкилотҳои ҳизбӣ будаанд, ки зери роҳбарии бахши матбуоти шуъбаи тарғибу ташвиқотии КМ РКП(б) амал мекарданд» [115].

Аз моҳи майи соли 1920 ҳар сол таҳқиқи кадрҳои редаксияҳои нашрияҳои даврӣ гузаронида мешавад. Чунончи, дар мақолаи Бонус қайд шудааст дар моҳи майи соли 1920 шуъбаи инструктории РОСТА (Российского телеграфного агенства) аз 190 нашрия (36 губерниявӣ, 154 уездӣ) доир ба собиқаи кории 452 журналист – маълумот ва собиқаи

кори адабии онҳо иттилоот ҷамъоварӣ намудааст [Красный журналист. – 1920. – № 2-3].

Дар солҳои аввал таҳқиқотҳои сотсиологӣ ба омӯзиши чунин ҷиҳатҳо маҳдуд шудаанд: «доир ба ҳизбият ва собиқаи корӣ, ки муҳимтарин характеристикаи кормандони редаксия ба ҳисоб мерафт; дар бораи ҳолати иҷтимоӣ, зеро сиёсати «коргаркунонӣ»-и ҳайати журналистон пеш бурда мешуд; дар бораи сатҳ ва типи маълумот, сатҳи маълумот басо паст буд ва нафарони дорои омодагии касбии журналистӣ дар солҳои 20-ум ҳамагӣ 5% буданд; дар бораи собиқаи кори дар редаксия, аз ҷумла собиқаи кории тоинқилобӣ; доир ба ихтисоси касбӣ ва вазифа» [134, с. 212 ].

Соли 1923 мактуби дастурии КМ ПКР (б) «Дар бораи матбуоти даврии маҳаллӣ» рӯйи чоп омад, ки дар он тартиби ҷамъоварии иттилоот дар бораи редаксияҳо баён шуда, аз ҷумла таъкид гардидааст, ки: «то ҳанӯз омори матбуот дар мо ғайриқаноатбахш аст. Дар баробари ин вазъи мураккаби матбуоти мо ва корҳои беҳтаргардонии ҳолати он омӯзиши ҳаматарафа ва тӯлониро тақозо менамояд. Ба ин ҳамон вақт мерасем, ки шуъбаҳои матбуот дар бораи тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҳар як нашрия маълумоти мувофиқ дошта бошанд» [Известия ЦК РКП (б). – 1923. –№ 6. – С. 77-78]. Аз 2 анкетае, ки шуъбаи тарғибу ташвиқотӣ барои омӯзиши идораи нашрияҳо ирсол намуд, яке масъалаи ҳолати иқтисодии рӯзнома ва теъдоди нашр ва дигарӣ масъалаи омӯзиши хонанда ва журналистонро фаро мегирифт. Ҳар ду анкета аз 38 савол иборат буд. Бо истифода аз ин анкетаҳо дар бораи журналистони 206 идораи нашрияҳои даврӣ маълумот ҷамъоварӣ шуд.

Моҳи майи соли 1926 шуъбаи матбуоти КМ ПКУ (б) аз 66 репортёри штатӣ ва 56 ғайриштатии 18 рӯзномаи Москва пурсиши анкетавӣ гузаронид. Соли 1927 бо ҳамин анкетаҳо 146 репортёри 8 рӯзномаи Москва, 4 рӯзномаи Ленинград (СПб) ва 26 рӯзноманигори нашрияҳои музофотӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Дар ҳамин сол тариқи пурсишҳои анкетавӣ дар 220 нашрия бо мақсади муайян кардани

тавсифи асосии журналистон: собиқаи корӣ дар матбуот, сатҳи маош, сарфаи вақт, ҳизбият таҳқиқот гузаронида шуд.

Дар сотсиологияи журналистикаи Шӯравӣ аз соли 1926 омӯзиши «сарфаи вақт»-и журналистон шурӯъ гардид. Сексияи сарфаи вақти бюрои марказӣ 341 нафар кормандони матбуот – журналистонро аз 10 шаҳри кишвар мавриди пурсиш қарор дод. Соли 1929 пурсиши оммавии журналистон гузаронида шуд, ки дар он аз 376 идораи нашрия 5000 (68% рӯзномаҳои дар он вақт дар СССР чопшаванда) иштирок доштанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ имкон медиҳанд, ки хислатҳои иҷтимоиву демографӣ ва касбии кадрҳои журналистиро дар солҳои 1929-1930 муайян кунем. Масалан, дар соли 1923 аз 3539 корманди нашрияҳои даврӣ 18,1% коммунист будаанд. Дар ин солҳо дар рӯзномаҳои асосии Москва 10% репортёрҳо аъзои ҳизб будаанд. Соли 1924 дар 32 рӯзнома миёни муҳаррирон 19,4% коргар, 26,1% деҳқон ва 38,4% зиёӣ будааст.

Дар соли 1926 22% -и шореҳони нашрияҳои пойтахт маълумоти олӣ, 70% миёна, 5% ибтидоӣ доштаанд. Умуман, соли 1929 дар СССР 13% журналистон маълумоти олӣ, 1% маълумоти хонагӣ, 52% миёна 34% ибтидоӣ ва ё миёнаи нопурра доштаанд. 8,2% собиқаи кори тоинқилобӣ дошта, ними журналистон синну соли 24-25-ро ташкил медиҳанд, синну соли журналистони ҳамаи гурӯҳҳо ба 30 мерасидааст.

Аз рӯйи ҷинсият дар аввал миёни 470 узви иттифоқи журналистон 1 нафар зан будааст. Дар соли 1929 ҳайати кормандони нашрияҳои давриро 75% мард ва 25% зан ташкил медодаанд, ки аз ин миқдор 10% занони журналист буданд. Кам будани теъдоди занон ба рӯзи кори тӯлонии журналистон иртибот доштааст. Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқотҳо сарфи вақти кормандони эҷодии нашрияҳо дар як рӯз 9,4 соатро ташкил медод. Илова бар ин онҳо дар хона барои корҳои эҷодӣ боз 2 соат вақти худро сарф мекарданд.

Самти дигари таҳқиқ дар сотсиологияи журналистикаи солҳои 1920 омӯзиши дархостҳои хонандагон будааст. Бо ин мақсад соли 1923 идораи нашрияи «Зангулаи меҳнат» («Трудовой набат», Тюмен) 2000 анкета

пахш намудааст, ки 500-тоаш ба идора баргардонида шудааст. Соли 1924 тариқи пурсиши анкетавӣ хонандагони нашрияи «Подолского рабочей» мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Соли 1926 рӯзномаи Иркутск – «Власть труда» 20 000 анкетаро пахш кардааст, ки 5000-тоаш ба редаксия баргаштааст.

Дар нимаи дуюми ҳамин даҳсола масъалаҳои назариявии методологии сотсиологияи журналистика низ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Доир ба ин масъала асарҳои зиёде ба табъ расиданд, ки китобҳои Я. Шафир «Очерки психологии читателя» (1927), В. А. Кузьмичев «Организация общественного мнения» (1929), В. А. Кузмечик «Печатная агитация и пропаганда» (1930) намунаи онҳост. Ин асарҳо аз нахустин таҳқиқотҳое маҳсуб меёбанд, ки ҳам ҷанбаи сотсиологӣ ва ҳам психологии маводи матбуоти давриро дар бар мегиранд.

Дар нимаи дуюми даҳсолаи 1930 дар бахши сотсиологияи журналистика мақолаҳое интишор шуданд, ки ба масъалаҳои методӣ ва протседурии омӯзиши хонандагони нашрияҳо ва майлу рағбати онҳо алоқамандӣ доштанд. Дар ин мақолаҳо зарурият ва аҳаммияти омӯзиши сотсиологии хонандагони нашрияҳои даврӣ баррасӣ гардида, мунтазам гузаронидани пурсишҳои сотсиологӣ таъкид мешавад. Масалан, С. Безборедов дар мақолааш «Чӣ тавр хонандаро метавон омӯхт? (тахмини амалӣ)» (Журналист.– 1927.– №3) пешниҳод мекунад, ки пурсишҳои сотсиологӣ на дар 1-2 сол як маротиба, балки ҳар 3-4 моҳ гузаронида шаванд. Н. Гринблет муаллифи мақолаи «Омӯзиши хонанда дар муносибат ба рӯзнома» (Журналист.– 1926.– №10) масъала мегузорад, ки пурсишҳои анкетавӣ на аз ҷониби идораҳои рӯзномаҳо, балки аз тарафи хизматрасониҳои мутамарказ ташкил ва гузаронида шаванд.

Я. Шафир дар китоби «Очерки психологии читателя» (1927) барои омӯзиши сотсиологии аудитория се самт: омӯзиши имконоти иқтисодии хонанда дар муносибат ба рӯзнома; омӯзиши фарҳанги демографии хонандагони матбуоти даврӣ, хонанда ва мувофиқати он ба забони рӯзнома; омӯзиши махсусияти иҷтимоию демографии хонандагони

матбуоти давриро муайян кардааст. Ин муаллиф дар мақолаи худ «Методҳои омӯзиши хонанда» (Журналист.– 1927.– №4) барои омӯзиши аудитория методҳои мушоҳида, эксперимент, анкета, ҳисоби оморӣ, таҳлили ҳуҷҷатро зарур меҳисобад, ки баъдтар ин методҳо дар сотсиологияи журналистика маълуму маъмул гардиданд.

Дар даҳсолаи 1930 бо пурзур гардидани идеологияи сталинӣ пурсишҳои васеи умумишӯравӣ қатъ гардид, аммо дар матбуоти даврӣ гоҳ-гоҳ омӯзиши  сотсиологии хурд дар шакли пурсиш ва таҳлили мактубҳои хонандагон гузаронида мешуд. Баъд аз ин таҳқиқотҳои сотсиологӣ амалан то даҳсолаи 1960 нест шуданд.

Баъд аз фавти Сталин дар ҷомеаи Шӯравӣ дигаргуниҳои демократӣ ба вуҷуд омад. Ин дигаргунӣ боис гардид, ки таҳқиқотҳои сотсиологӣ аз нав эҳё шаванд, омӯзиши сотсиологии матбуоти даврӣ роиҷ гардад.

Дар соли 1960 Пажӯҳишгоҳи афкори омма таҳти роҳбарии Б. А. Грушин ва сотсиологҳои Эстония Ю. Вооглайд, М. Лауристон, П. Вихалем нашрияи «Комсомольская правда»-ро мавриди омӯзиш қарор дода, ба ин васила журналистикаро ба илми сотсиология пайваст. Дар ин таҳқиқот донишҷӯёни факултетҳои фалсафа ва журналистикаи ДДМ низ иштирок намуданд. Натиҷаҳои таҳқиқ мунтазам дар саҳифаҳои «Комсомольская правда» дарҷ гардидааст.

Солҳои 1966-1967 комитети вилоятии Ленинград карточкаи журналистро ташкил намуд, ки дар он саволҳои муайянкунандаи хислатҳои иҷтимоӣ-демографӣ ва касбии журналистон ҷой дода шуда буд. Муаллифи лоиҳа В. И. Кузин солҳои 1970-1971 омӯзиши ҳаматарафаи сотсиологии ҳайати кадрии редаксияҳои нашрияҳои Ленинград ва вилояти Ленинградро гузаронид [ниг. 69; 70; 71;72]. Дар таҳқиқоти ӯ тамоюли касбии журналистон, таассурот дар бораи вазифаҳои матбуот ва тарҳи журналист, сохтори вақти холӣ ва амсоли ин ҷой дода шудааст.

Таҷрибаи ленинградиҳо ба шаҳрҳои дигар паҳн гардид. Аз ҷумла, комитети ҳизбии вилояти Новосибирск зери роҳбарии Г. С. Парфенов ба

омӯзиши кадрҳои журналистӣ машғул гардид. Натиҷаи ин таҳқиқот дар мақолаи Г. С. Парфенов [102] таҳлил шудааст.

Соли 1969 дар қолаби лоиҳаи «Рӯзномаи ноҳиявӣ ва роҳҳои инкишофи он» (роҳбар Е. П. Прохоров) кормандони Донишгоҳи давлатии Москва масъалаи кадрии редаксияҳо, талабот ва майлу рағбати аудиторияи матбуоти маҳаллиро мавриди омӯзиш қарор доданд. Таҳқиқотҳои сотсиологии олимони факултети журналистикаи ДДМ то имрӯз аҳаммияти худро нигоҳ медоранд. Хусусан, А. А. Ширяева ва Л. Г. Свитич дар доираи лоиҳаҳои гуногуни умумироссиягӣ, умумишӯравӣ ва байналхалқӣ даҳҳо таҳқиқот гузаронидаанд.

Солҳои 1983-1986 дар доираи лоиҳои «Таъсирнокии воситаҳои иттилоотии маҳаллӣ» дар панҷ ноҳияи Россия таҳқиқоти сотсиологӣ гузаронида шуд, ки дар он бо усули анкета наздик ба 700 журналист мавриди пурсиш қарор гирифт. Мақсади ин пурсиш муайян кардани муносибати байниҳамии редаксия бо органи роҳбарикунанда ва аудитория, ташкили кори редаксия ва проблемаҳои эҷоди журналистӣ буд. Натиҷаҳои ин пурсиш дар таълифоти Л. Г. Свитич [116] мунъакис шудааст.

Солҳои 1988-1989 дар Қирғизистон проблемаҳои матбуоти гуногунзабон мавриди омӯзиши сотсиологӣ қарор гирифт. Дар ин таҳқиқот бори аввал дар ҷамоҳири миллӣ протседураи ҷамъоварии маълумоти оморӣ дар бораи теъдоди чопи нашрияҳо, нишондодҳои иқтисодӣ, таъминоти кадрӣ, кор бо мактубҳо истифода гардид.

Дар инкишофи минбаъдаи илми сотсиологияи журналистикаи Шӯравӣ олимон Ю. А. Левада, Б. М. Фирсов, В. Ядов, Е. П. Прохоров, Б. А. Грушин, И. Д. Фомичева ва дигарон саҳми арзанда гузоштаанд. Ин зумра дар асоси таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ, бахусус муҳаққиқони амрикову олмон хусусиятҳои ҷудогонаи ҷанбаи иҷтимоии ВАО, алоқаи он бо омма ва амсоли инро мавриди омӯзиш қарор дода, ба ин минвол мактаби хосаи сотсиологияи журналистиро инкишоф додаанд.

Ҳамин тавр, дар замони Шӯравӣ дар баробари масъалаҳои зикршуда, предмети таҳқиқоти сотсиологияи журналистикаро масъалаҳои иҷтимоиву демографӣ (ҷинс, синну сол, маълумот, собиқаи корӣ ва таҷрибаи корӣ), майлҳои интихоби касб ва муносибат ба он, таассурот дар бораи таъйиноти журналистика, муносибати байниҳамии ҳайати кормандони эҷодӣ ва муассис, шахсияти журналист, проблемаҳои тайёр намудани журналистон, теъдоди аудитория, имтиёзоти хонандагону шунавандагон, сохти барномаҳо, таносуби маводи марказҳои иттилоотӣ, муносибат ба мавзӯъ, рубрикаву жанр, талаботу хоҳиши хонандагон ва амсоли ин ташкил медод. Аммо, тавре ки ишора шуд, дар замони Шӯравӣ баъзан натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ гӯё «бо номукаммал будани асосҳои назариявию методологии таҳқиқ» мавриди баҳс қарор мегирифт. Гурӯҳе хулосаҳои сотсиологиро маҳсули амалию таҷрибавӣ ҳисобида онҳоро ба эътибор намегирифтанд. Гурӯҳи дигар омӯзиши илмии таҳқиқотҳои сотсиологиро талаб мекарданд. Чунин ихтилофоти назар то андозае шубҳаи журналистонро ба ташкил ва гузаронандагони таҳқиқотҳои сотсиологӣ ва натиҷаҳои он ба вуҷуд меовард. Бо вуҷуди ин натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологии ВАО, хоса матбуоти даврӣ ҳамеша мадди назари ҳам сотсиологҳо ва ҳам рӯзноманигорон қарор дошта, онҳо ҳамчун омили ёрии амалӣ ба идораҳои нашрияҳои даврӣ истифода мешуданд. Дар таҳқиқоти баъд аз даҳсолаи 1960-и соҳаҳои ВАО, асосан, самтҳои зерин ба назар гирифта шудаанд:

«1) Ташкил ва гузаронидани тадқиқотҳои сотсиологӣ бо назардошти назарияи умумии журналистика. Ба назар гирифтани таъсири байниҳамии журналистика - журналистон ва аудитория;

2) Ба назар гирифтани тадқиқотҳои сотсиологии хориҷӣ» [ 90, с. 24].

Дар муҳити илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷузъи таркибии мамолики Шӯравӣ ба ҳисоб мерафт, гарчанде таҳқиқотҳои сотсиологӣ, муносибати сотсиологӣ ба ВАО ҳам дар шакли ихтисосӣ ва ҳам оммавӣ нисбатан дертар шакл гирифтааст, аммо кӯшиши ба вуҷуд овардани

иртибот миёни хонандагон ва идораҳои нашрияҳо ҳамқадами матбуоти даврӣ будааст. Яке аз усулҳои робита бо аудитория дар баробари мактубҳои хонандагон пурсишномаҳо аст. Чунончи, аз як матолиби шумораи 8-и маҷаллаи «Раҳбари дониш», ки ба яксолагии нашрия бахшида шудааст, маълум мегардад, «хонандагон тавассути пурсишномаҳои паҳнкардаи маҷалла низ нуқтаи назари худро изҳор кардаанд» [112, с. 106]. Дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи матбуоти тоҷик мактубҳои хонандагон ҳамчун василаи омӯзиши аудитория маъмул шуда бошад ҳам, пажӯҳишҳои илмӣ нисбатан дертар шакл гирифтаанд.

«Соли 1967 дар шуъбаи фалсафаи Академияи улуми Тоҷикистон шуъба (сектор)-и тадқиқоти сотсиологӣ таъсис дода шуд. Гурӯҳҳои сотсиологӣ дар назди иттиҳодия, вазорат ва муассисаҳо амал мекарданд» [171, с.121]. Чунончи аз ин иқтибос бармеояд, Тоҷикистони Шӯравӣ аз марҳилаи аввали инкишофи таҳқиқотҳои сотсиологии матбуоти даврӣ, ки ба даҳсолаи 1920 рост омада буд, то андозае бебаҳра мондааст. Танҳо дар давраи дуюми инкишофи муносибатҳои сотсиологӣ дар ин кишвар имкон ба вуҷуд омадааст, ки сектори таҳқиқоти сотсиологӣ таъсис ёбад. Аммо ин сектор дар шакли лоиҳавӣ матбуоти давриро мавриди таҳқиқоти сотсиологӣ қарор надодааст.

Бо таъсири лоиҳаи Б. А. Грушин, ки «Комсомольская правда»-ро мавриди таҳқиқ қарор дода буд, дар даҳсолаи 1970 аксари нашрияҳои даврии тоҷик дар заминаи мактубҳои меҳнаткашон (хонандагон) шуъбаҳои омӯзиши сотсиологӣ таъсис дода, тариқи муносибати сотсиологӣ омӯзиши фаъолияти худро ба роҳ монданд.

Ба ин маънӣ, дар рӯзноманигории замони шӯравии тоҷик тадқиқотҳои сотсиологӣ дар шакли омӯзиши мактубу номаҳои хонандагон ва анкетаҳои тариқи нашрияҳо паҳншуда, нисбатан маъмул буд. Ҳарчанд дар аксари нашрияҳо ин муносибат ба назар мерасад, аммо нашрияи «Комсомоли Тоҷикистон» аз ин усул бештар истифода намудааст. Дар даҳсолаҳои 1970 - 1980 ин нашрия ба мақсади омӯхтани

фикру андешаи хонандагон доир ба фаъолияти худ рубрикаҳои «Мулоқоти ғоибона», «Ба мо менависанд», «Мактуб ба редаксия», «Аз почтаи К.Т.», «Саҳифаи мактубҳо» ва амсоли инро таъсис намудааст. Ин нашрия тавассути мактубҳои воридшуда бо аудиторияи худ муносибати мустақим барқарор намуда, байни редаксия ва хонандагон алоқаи тарафайнро ба вуҷуд овард. Аз рӯйи миқдори мактубҳои ба редаксия воридшуда, дараҷаи рағбати хонандагон, дар кадом сатҳ қарор доштани рӯзномаҳо, дар байни аудитория маҳбубият доштан ва ё надоштани онҳо муайян карда мешуд. Редаксия ҳамеша кӯшиш менамуд, ки мувофиқи завқу рағбат ва хоҳишу талаби хонандагон мавод интишор намояд. Ба ибораи М. Муродов, ««Комсомоли Тоҷикистон» дар солҳои 70-80-уми қарни XX ба сернуфузтарин ва беҳтарин нашрияи даврӣ табдил ёфт» [90, с. 24].

Дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон демократикунонии ҷомеа суръати тоза касб намуд, ки дар ин раванд ниҳодҳои гуногуни иҷтимоӣ ва ташкилоту созмонҳои байналхалқӣ низ нақш доштанд. Ба мақсади омӯзиши раванди демократикунонӣ, таъсир ва рушди соҳаҳои гуногун дар Тоҷикистон созмон ва Марказҳои мухталифи пажӯҳишӣ таъсис ёфтанд. Аз ҷумла, аз нимаи дуюми даҳсолаи 1990 инҷониб дар Тоҷикистон марказҳои зиёди омӯзишӣ аз қабили Маркази ҷамъиятии тадқиқотии «Шарқ», Маркази тадқиқоти иҷтимоии «Зеркало», Маркази тадқиқоти сотсиологии «Афкор», Маркази тадқиқоти иҷтимоӣ-сиёсии «Коршинос», Маркази дастгирии ислоҳоти маориф «Пульс», Маркази иттилоотию тадқиқотии «Соцсервис», Маркази тадқиқотии «Ҳамкорӣ», Фонди ҷамъиятии «Панорама», Маркази таҳқиқоти сотсиологии «Бозтоб» пайи ҳам таъсис ёфта, дар тӯли солҳои муайяни фаъолият, дар баробари «омӯзиши масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ, аз ҷумла мавқеъ ва мақоми ВАО машғул гардидаанд» [90, с. 25].

Маркази тадқиқоти иҷтимоӣ-сиёсии «Коршинос» соли 2006 аз ҷониби олимони варзидаи Академияи улуми Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил гардидааст. Ин марказ оид ба проблемаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва

антропологӣ таҳқиқот мегузаронад. Мақсади «Коршинос» таъмин намудани алоқа байни ҷамъият ва давлат мебошад, ки ба мустаҳкамнамоии ниҳоди иҷтимоии шаҳрвандӣ мусоидат менамояд. Вазифаи асосии Марказ фаро овардани иттилооти сифатан баландест, ки барои ҳалли проблемаҳои ҷараёндошта ва стротежӣ дар шароити ҳамеша тағйирёбандаи ҳаёти ҷамъиятӣ кумак мерасонанд. Дар ҷараёни фаъолият «Коршинос» мусоҳибаҳои сифатӣ, экспертӣ, контент-анализ, фокус группа, пурсишҳоро истифода мебарад. Марказ ҳам бо ташкилотҳои давлатӣ ва хориҷӣ таҷрибаи ҳамкорӣ дорад. Директори марказ доктори илмҳои фалсафа Пулод Шоазимов аст.

Равияҳои асосии фаъолияти Маркази ҷамъиятии таҳқиқотии «Шарқ» амалӣ намудани корҳои пажӯҳишӣ дар соҳаи антропологӣ, динӣ, сиёсӣ, илмҳои ҷамъиятӣ, иқтисод, таҳқиқотҳои комплексии регионалӣ, конфликтология, бехатарӣ ва ғайра мебошад. Ба хизматрасониҳои пажӯҳишӣ; Desk Research (ҷамъоварӣ ва таҳлилии маркетингӣ, иқтисодӣ ва иттилооти ҷамъиятӣ) низ даст мезанад. Роҳбари ташкилот доктори илми таърих, профессор Музаффар Олимов аст. Маводҳои нисбатан муҳимми ба чоп баровардаи ин Марказ «Межтаджикский конфликт: путь к миру», М.: Донишкадаи этнологӣ ва антропологии РАН – Маркази иттилоотӣ-аналитикии "Шарқ", 1998, «Таджикистан на пороге перемен». – М.: Маркази стротегӣ ва сиёсии таҳқиқотӣ, илми-аналитикӣ «Шарқ», 1999, «Трудовая миграция из Таджикистана», бо ҳаммуаллифии Игорь Боск соли 2003, «Двусторонние отношения между США и Таджикистаном: взгляд государства и общества», муаллиф Музаффар Олимов мебошанд.

Дар ин миён Маркази тадқиқоти сотсиологии «Зеркало» нисбатан фаъол аст, ки дар баробари масъалаҳои гуногун барои муайян кардани мониторинги воситаҳои ахбори омма, таҳқиқоти маркетингӣ ва сотсиологӣ мегузаронад. Ин Марказ ҳамчунин дар самти коркарди барномаҳои таҳқиқ ва таҳияи ҳисоботҳои таҳлилӣ силсилаи хизматрасониҳоро пешниҳод мекунад.

Зеркало моҳи ноябри соли 1999 дар Душанбе бо ташаббуси гурӯҳи сотсиологҳо, мутахассисони соҳаи омӯзиши афкори оммавии Тоҷикистон ташкил шудааст. Таҳқиқотҳои ин Марказ дар аввал танҳо шаҳри Душанбе ва шаҳрҳои марказии кишварро фаро мегирифт. Ҳоло ин Марказ дар тамоми ҳудуди Тоҷикистон таҳқиқот мегузаронад.

Идораи МТС «Зеркало» дар шаҳри Душанбе воқеъ аст, аммо он дар тамоми минтақаҳои кишвар намояндагони худро дорад. Ин Марказ аз 6 шуъба: асосӣ, таҳлилӣ, иттилоотӣ, назорати корҳои саҳрой, коркарди компютерии иттилоот ва дастгирии техникӣ ва молия иборат аст. Директораш Қаҳрамон Бақоев мебошад.

Вазифаи асосии МТС «Зеркало» коркард ва иҷрои Барномаҳои таҳқиқотии худӣ аст, вале ҳамзамон ин Марказ фармоиши ташкилотҳои хукумативу ғайриҳукуматиро ҷиҳати гузаронидани таҳқиқоти сотсиологиву маркетингӣ низ иҷро мекунад. Барномаи асосии МТС «Зеркало» «Мониторинги афкори оммавӣ» ба ҳисоб меравад, ки соли 2000 шурӯъ гардида, пайваста байни аҳолии кишвар таҳқиқот мегузаронад. «Мониторинги афкори оммавӣ» бо таҳлили маълумоти тариқи пурсишҳои сотсиологӣ ҳосилшуда, муносибати аҳолиро ба тағйиротҳои дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ муайян намуда, доманаи тағйиротҳоро зери назорат мегирад.

МТС «Зеркало» ба омӯзиши соҳаи иҷтимоиёт, фаъолияти соҳибкорӣ ва соҳаҳои дигар, аз ҷумла ВАО машғул аст. Дар ҷараёни фаъолият маркази мазкур асосан, аз методҳои пурсиш: анкета, мусоҳибаи шахсӣ, пурсиши телефонӣ, пурсиши мусоҳиба, таҳлили контентӣ ва сифатӣ, мусоҳибаи амиқ, мушоҳида, пурсиши экспертӣ, таҳлили ҳуҷҷат истифода мебарад.

Солҳои 2002-2003 МТС «Зеркало» бо дастгирии молиявии Фонди «Евразия» аз рӯйи лоиҳаи таҳқиқотии «Аудиторияи ВАО-и Тоҷикистон» омӯзиши сотсиологиро ба роҳ монд. Натиҷаҳои ин ва дигар таҳқиқоти ин Марказ дар бюллетени «Зеркало» интишор шудааст.

Дар шароити инкишофи босуръати воситаҳои ахбори омма,

масъалаи чӣ гуна қабул шудани расонаҳои хабарӣ аз ҷониби аудитория ва чӣ мавқеъ доштани онҳо дар ҷомеа аҳаммияти бештар касб мекунад. Усулҳои нави ташкили ҳаёти иҷтимоӣ тақозо менамояд, ки вазифа ва нақши ВАО дар ҷомеа муайян шавад. Ин масъаларо танҳо тариқи таҳқиқҳои сотсиологӣ метавон ҳал намуд. Таҳқиқоти соҳаи ВАО самтҳои зиёдеро фаро мегирад. Яке аз самтҳои асосӣ «таҳқиқи афзалиятҳои таъсиргузории аудиторияи мақсаднок маҳсуб меёбад. Таъсири аудиторияи мақсаднок кифоятан рангоранг ва афзалиятҳои расонаҳо хусусияти хоси худро дорад» [59, с. 91].

Барои таҳқиқи афзалиятҳои расонаҳо бояд бо аудиторияи мақсаднок пурсиш гузаронд. Дар пурсиш метавон истифодабарандагони шабакаҳои Интернет, телевизион, радио, рӯзномаҳо, маҷаллаҳоро интихоб намуд. Баъд аз ин самти ҳар як шабака, масалан, самти шабакаи Интернет (ахбор, шабакаҳои иҷтимоӣ ва ғ.) мушаххас карда мешавад. Дар мувофиқа ба манбаъҳои иртиботии интихобшуда, шабакаҳои нисбатан серистифодаи сомонаҳои Интернет, барномаҳои шабакаҳои радио ва телевизион, рӯзномаву маҷаллаҳои нисбатан хонданӣ нишон дода мешавад. Ҳамин тавр, бо таҳлили маълумоти дастрасшуда ва таҳлили онҳо шабакаҳои нисбатан маъруф ошкор карда мешавад.

Ҳангоми омӯзиши афзалиятҳо зарур аст, ки дар бораи расонаи таҳқиқшаванда, шароити объективии дастрасии иттилоот аз ҷониби аудитория, имконоти техникии қабули аломатҳои телевизионӣ ва ё шабакаҳои ноқилӣ таассурот дошта бошем, забони рӯзномаҳо ва ё барномаҳои радиову телевизионро донем.

Омили дигар дар таҳқиқоти сотсиологии ошкор намудани афзалиятҳои расонаҳо метавонад сатҳи даромад бошад, ки имконияти талаботи иттилоотии харидорон ва доманаи вақти холииро муайян мекунад. Ҳамчунин дар таҳқиқоти сотсиологӣ муайян кардани хислатҳои иҷтимоиву демографӣ амсоли синну сол, миллат, маълумот, ҷойи истиқомат (шаҳр, деҳот) ҳолати оилавӣ, машғулият ва касб, ки дар маҷмӯъ ба афзалиятдонии мундариҷа, арзишҳои тамоюлӣ ва рағбати

шаҳрвандон таъсир мерасонад, аҳаммияти муҳим дорад. Масалан, дараҷаи маълумот метавонад тарҳи истеъмоли маводи ВАО-ро намоёнтар кунад. Таваҷҷуҳ ба ин ё он барнома (иттилоотӣ, таҳлилӣ фароғатӣ) ба сатҳи маълумотнокии аудитория алоқаманд аст.

Тавре, ки А. А. Қуватова қайд мекунад: «моҳиятан, донишҳои сотсиологии аудитория аз ошкор намудани ин омилҳо, мураттаб ва ба низом даровардани онҳо, алоқаи байниҳамӣ, нишон додани бартариҳо дар рафтори иртиботӣ ва амсоли ин иборат аст» [65, с. 58].

МТС «Зеркало» ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти сотсиологӣ аз рӯи мавзӯи афзалиятҳои расонавии шаҳрвандони Тоҷикистон ба маҷмӯи саволҳои зерин такя намудааст:

– ҳиссаи бинандагони телевизиони ватанӣ; шабакаҳои телевизионии маъруфтарини кишвар – дар умум ва пахш дар тамоми минтақаҳо, ҷинс, гурӯҳҳои синнусолӣ;

– ҳиссаи шунавандагони доимии радио (ҳафтае якчанд маротиба); шабакаҳои радиоии маъруфтани кишвар - дар умум ва пахш дар тамоми минтақҳо, ҷинс, гурӯҳҳои синнусолӣ;

– ҳиссаи истифодабарандагони доимии Интернет (ақаллан ҳафтае як маротиба); сайтҳои маъмултарин - дар умум ва пахш дар тамоми минтақаҳо, ҷинс, гурӯҳҳои синнусолӣ;

– ҳиссаи хонандагони доимӣ (ақаллан моҳе 2-3 маротиба); рӯзномаҳои маъруфтарин - дар умум ва пахш дар тамоми минтақаҳо, ҷинс, гурӯҳҳои синнусолӣ;

– ҳиссаи хонандагони маҷаллаҳо; маҷаллаҳои маъруфтарин - дар умум ва пахш дар тамоми минтақаҳо, ҷинс, гурӯҳҳои синнусолӣ [184].

Инак, имкониятҳои истифодаи методҳои таҳқиқоти сотсиологиии МТС «Зеркало»-ро дар алоқа бо ҷомеа ҳангоми нишон додани афзалиятҳои расонавии шаҳрвандони Тоҷикистон баррасӣ менамоем.

Аз апрел то июни соли 2005 МТС «Зеркало» ба мақсади муайян кардани афзалиятҳои шаҳрвандони кишвар ба телевизион пурсиши обнибусӣ (навъи пурсиш, М, Р.) гузаронидааст. Дар моҳи апрел 5%

респондентон ҷавоб додаанд, ки телевизион тамошо намекунанд. Дар моҳи июл ин нишондод ба 8,6% расидааст. Миёни пурсидашудагон (респондентон) сокинони вилояти Хатлон бештар – 13% телевизион тамошо намекардаанд, аз ҷумла респондентони аз 60-сола боло – 20%, респондентони сатҳи маълумоташон миёна – 18%, респондентони бекор – 11%, респондентон бо худбаҳодиҳии даромади оилавии аз миёна паст – 12 %.

Аудиторияи мақсадноки шабакаҳои телевизионӣ дар шаҳрро эҳтимолан тамоми аҳолӣ фаро гирифтааст, зеро гурӯҳи умумии ин таҳқиқоти МТС «Зеркало»-ро аудиторияи аз 18-сола болои сокини шаҳрҳо ташкил медиҳад, ки теъдоди умумиашон ба 897 294 нафар баробар аст. Ҳиссаи респондентон – бинандагони ТВ – 91,4%-ро ба назар гирифта, мутахассисони «Марказ» дар моҳи июл аудиторияи нисбатан зиёд – 820 127 нафарро фаро гирифтаанд. Таҳқиқот нишон додааст, ки тамошои телевизион дар рӯзҳои корӣ ва истироҳат ҳангоми субҳ ва шом андаке фарқ доштааст. Ҳамин тавр, нисфи респондентон – бинандагони ТВ (51%) дар рӯзҳои корӣ аз соати $6^{00}$ то $8^{00}$ барномаҳои телевизионро тамошо мекардаанд. Дар рӯзҳои истироҳат дар ин вақт аудиторияи шабакаҳои телевизионро 41%-ро ташкил додааст. Дар рӯзҳои корӣ дар фосилаи аз соати $8^{00}$ то $14^{00}$ аудиторияи шабакаҳои телевизионӣ кам ва дар фосилаи аз $10^{00}$ то $12^{00}$ то 7 % зиёд будааст. Дар рӯзҳои истироҳат аз соати $8^{00}$ то $14^{00}$ аудиторияи шабакаҳои телевизионӣ аз 16 % кам набудааст. Аз соати $14^{00}$ шурӯъ карда ҳам дар рӯзҳои корӣ ва ҳам дар рӯзҳои истироҳат аудиторияи шабакаҳои телевизионӣ баробар шуда, қариб теъдоди мувозиро ташкил додаанд. Қуллаи баланди тамошои телевизион ба соатҳои $18^{00}$ - $20^{00}$ рост меояд. Таҳқиқотҳои МТС Зеркало» нишон медиҳад, ки 50 % - и аудитория шом аз соати $18^{00}$ то соати $20^{00}$, зиёда аз 60% аз соати $20^{00}$ то $22^{00}$ ва 3, 5% шабонгоҳ шабакаҳои телевизиониро тамошо мекардаанд. Хусусиятҳои иҷтимоиву демографии аудиторияи шабакаҳои телевизиониро баррасӣ намуда, мутахассисони

«Зеркало» ба хулосае расидаанд, ки бинандагони барномаҳои телевизион дар рӯз аксаран занҳо ва дар шаб бештар мардҳо мебошанд.

Аудиторияи шабакаҳои телевизионӣ дар рӯз аслан бекорон ва дар шом – аз соати $22^{00}$ то $24^{00}$ кормандон будаанд. Дар рӯзҳо ва шабҳои корӣ аудиторияи шабакаҳои телевизионӣ аз ҳисоби бекорон ва дар рӯзу шабҳои истироҳат аз ҳисоби кормандон меафзудааст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар шомгоҳӣ аудиторияи ҳамаи шабакаҳоро беш аз ним миллион шаҳрвандон ташкил медодааст.

**Шабакаҳои афзалиятдошта.** Шабакаҳои умумиҷумҳуриявӣ. Аз ҷумлаи шабакаҳои ба ҳудуди зиёди кишвар паҳншаванда – телевизиони «Тоҷикистон» ва Шабакаи телевизионию радиоии умумироссиягӣ (РТР) дар фосилаи таҳқиқ РТР нибатан маъмултар будааст. 82% ин шабакаро ҳар рӯз ва 7% ҳафтае 2-3 маротиба тамошо мекардаанд. Телевизиони «Тоҷикистон»-ро 65% ҳар рӯз ва 13% ҳафтае 2-3 маротиба тамошо мекардаанд. Ҳиссаи респондентоне, ки дар моҳи июл ТВТ-ро тамошо намекардаанд 16%-ро ташкил медиҳад. Чунончи, мутахассисони «Марказ» қайд кардаанд, ин ҳолат аз натиҷаҳои моҳи апрел андак фарқ мекунад [140, с. 9-17] .

Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳад, ки аудиторияи ТВТ миёни шаҳрвандони аз 18-сола боло то ба 650 ҳазор нафар ва аудиторияи РТР ба 750 ҳазор наздик аст. Теъдоди бинандагони доимии ТВТ миёни аудиторияи аз 18-сола боло 643 ҳазор нафрарро ташкил медиҳад.

Махсусиятҳои сохтори иҷтимоию демографии аудиторияи доимии ТВТ ва тамоми бинандагон фарқ мекунад. Дар сохтори аудиторияи ТВТ ҳиссаи респондентони шаҳри Душанбе, вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеи марказ, ки дорои сатҳи миёнаи маълумот буда, кор намекунанд, нисбатан зиёд аст.

Дар сохтори ин шабака респондентон – бонувони 45–49-сола бартарӣ доранд. Дар муқоиса бо сохтори тамоми телевизионҳо дар сохтори ТВТ аз вилояти Суғд респондентони мард, респондентони 18-29-сола, респондентон бо дараҷаи миёна ва олии маълумот, хонандагон ва

кормандон камтаранд.

Чунончи аз далелҳо бармеояд, фарқи аудиторияи ТВТ аз аудиторияи умумӣ чандон зиёд нест. Ба ақидаи мутахассисони Марказ, шабеҳии сохтори аудиторияи умумии ТВ ва ТВТ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки дар лаҳзаи таҳқиқ имконияти интихоби шабакаи дигар вуҷуд надошт.

**Рейтинги барномаҳои телевизионӣ.** Чун телевизиони «Тоҷикистон» нисбатан маъруф аст, бинобар ин дар таҳқиқи ин ҷиҳати масъала, асосан, ин шабака интихоб шудааст. Ба респондентоне, ки дар тӯли як моҳи гузашта телевизион тамошо кардаанд, суол пешниҳод шудааст, ки дар моҳи охир кадом барномаҳоро дидаанд. 1069 респондент зиёда аз 30 барномаро номбар кардаанд. Аз ҷумла, барномаҳои «Субҳ» ва «Ахбор», барномаи ҳаҷвии «Лаҳзаҳои гуворо», барномаи бонувон - «Кошона», барномаҳои консертии «Клип-консерт», «Гулчини мусиқӣ» ва барномаи ахбори криминалӣ нисбатан бинандаи зиёд доштаанд.

Таҳқиқот ҳамчунин сохтори барномаҳои ТВТ-ро аз рӯйи ҷинс ва синну соли бинандагон ошкор намудааст. Аз ҷумла, муайян шудааст, ки аудиторияи «Кошона»-ро асосан, бонувон ташкил медиҳанд. Ҳамчунин дар аудиторияи барномаҳои «Субҳ», «Клип-консерт», «Гулчини мусиқӣ» ва филмҳои бадеӣ теъдоди бонувон бартарӣ доранд. Мардон ба барномаҳои «Ахбор», «Ахбори криминалӣ» ва «Инсон ва қонун» бештар майл доранд.

Ҷавонони синну соли 18 -29-сола барномаҳои «Ҳамадон», «Клип-консерт», «Лаҳзаҳои гуворо» ва филмҳои бадеиро маъқул донистаанд. Респондентони 30-44-сола аудиторияи аксари барномаҳои маъруфи ин шабакаро ташкил медиҳанд. Респондентони синнашон аз 40 боло бештар барномаҳои «Ахбор», «Ахбори криминалӣ», «Инсон ва қонун» тамошо мекардаанд. Хонандагони мактаб ба барномаҳои «Ҳамадон» ва «Клип-консерт» афзалият додаанд. Респондентони бекор барномаҳои «Гулчини мусиқӣ», «Кошона» ва «Субҳ»-ро беҳтар шуморидаанд. Ҳамин тавр, аз таҳқиқот бармеояд, ки:

– аксари шаҳрвандон телевизион тамошо мекунанд (91%);

– вақти асосии тамошои ТВ: субҳ аз $6^{00}$ то $8^{00}$ (41-51% дар рӯзҳои корӣ ва истироҳат), шом аз $18^{00}$ то $20^{00}$ (55%) ва аз $20^{00}$ то $22^{00}$ (64%);

– барномаҳои телевизиони «Тоҷикистон»-ро аксаран сокинони шаҳрҳо тамошо мекунанд (84%);

– барномаҳои нисбатан маъруфи телевизионӣ дар моҳи июли соли 2005 «Субҳ», «Ахбор», «Лахзаҳои гуворо» ва филмҳои бадеӣ будаанд [109].

Баъдтар МТС «Зеркало» дар қолаби лоиҳаи «Хулосаи бозори ВАО-и электронӣ дар Тоҷикистон: воқеият, арзиш ва дурнамо–2012-2013» ба таҳқиқоти расонаҳо машғул шудааст. Ба ин мақсад аз 5 то 13 декабри соли 2012 дар мавзӯи барномаҳо, барандаҳо ва рӯзномаҳои дӯстдошта пурсиши обнибусӣ гузаронидааст. Дар ин таҳқиқ 650 респондент тавассути пурсиши телефонӣ иштирок намудаанд. Ба ақидаи мутахассисони Марказ гузаронидани ин таҳқиқ ногаҳонӣ будааст.

Яке аз саволҳое, ки дар ин пурсиш истифода шудааст: *«Дар телевизиони ватанӣ кадом барномаро бештар тамошо мекунед?»* мебошад. Натиҷаҳо нишон медиҳад, ки 15% - и респондентон барномаи «Ахбор» ва аз 3% то 5% барномаҳои дигарро тамошо мекардаанд. Дар баробари ин 45%-и респондентон посух додаанд, ки дар телевизиони ватанӣ барномаи ҷолибе вуҷуд надорад, ки онҳо тамошо кунанд. Ин ҳолат зарурияти таҳияи барномаҳои нави ба талаботи аудитория мувофикро нишон медиҳад.

Дар бахши ВАО-и чопӣ МТС «Зеркало» солҳои 2003, 2005, 2013 ва 2018 таваҷҷуҳ намудааст. Натиҷаи омӯзиши соли 2003 ҷиҳати афзалиятшумории нашрияҳои даврӣ, ки дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қурғонтеппа ва Кӯлоб (535 нафар) гузаронида шудааст, чунин аст:

| **Нашрия** | **миқдор** | **фоиз** |
|---|---|---|
| Оила | 147 | 27,5 |
| Чархи гардун | 101 | 18,9 |

| | | |
|---|---|---|
| Авицена | 46 | 8,6 |
| Азия Плюс | 45 | 8,4 |
| Дайджест Пресс | 37 | 6,9 |
| Ҷумҳурият | 20 | 3,7 |
| Спорт-Варзиш | 14 | 2,6 |
| Крим-инфо | 13 | 2,4 |
| Омӯзгор | 10 | 1,9 |
| Тирози ҷаҳон | 10 | 1,9 |

Таҳқиқоти соли 2005 нишон медиҳад, ки 55%-и респондентон ин ё он рӯзнома ва ё маҷалларо ҳамеша мутолиа менамудаанд. Рӯзномаи аз ҳама хонотарин «Оила» будааст. Дар ҷойи дуюм ва сеюм бо 8%-и нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Муҳаббат ва оила» қарор доранд. Нашрияи «Азия Плюс» дар ҷойи чорум меистад. Аммо табқи таҳқиқоти дар соли 2013 гузаронидашуда «Азия Плюс» маъруфтарин нашрияи иҷтимоию сиёсӣ ва Олга Тутабалина беҳтарин мухбири он шинохта шудааст. Ҳангоми муаррифии ин пурсиш, ки дар Иттифоқи журналистони Тоҷикистон баргузор гардид, намояндагони МТС «Зеркало» иттилоъ доданд, ки мувофиқи натиҷаҳои пурсиш оҷонсии иттилоотии «Озодагон» агентии сол, шабакаи радиои «Ватан» ва нашрияи «Оила» беҳтарин расона ва «Рекламная газета» манфиатбортарин нашрия ҳисобида шудаанд» [186].

Ҳамзамон дар қолаби лоиҳаи «Хулосаи бозори ВАО-и электронӣ дар Тоҷикистон: воқеият, арзиш ва дурнамо» маълум карда шуд, ки дастрасии аҳолӣ ба интернет то 25% афзудааст, ки 61%-и аҳолӣ интернетро дар хона тавассути компютер ва 54% ба воситаи телефони мобилӣ истифода мекардаанд. Ҳамчунин рағбати аҳолӣ ба шабакаҳои иҷтимоӣ афзудааст. Аз ҷумла, дар давраи солҳои 2012 - 2013 80%-и аҳолӣ аз шабакаҳои иҷтимоӣ истифода намудаанд, ки 73 %-и он рағбати соф фароғатӣ ва 63% мақсади пайдо кардани дӯстон ва алоқаҳои навро доштаанд.

Ба ақидаи мутахассисони МТС «Зеркало» аксари пурсидашудагон ба Интернет ҳамчун манбаи фароғат муносибат мекунанд. Ба ин манзур аз ҷавобҳо маълум мегардад, ки 51% ба шабакаи «Одноклассники», 7,3% ба равзанаи mail.ru, 5% ба Google ва 2,7 % ба Яндекс рағбат доранд. Танҳо 1, 4 % - и аҳолӣ ба шабакаи иҷтимоии Фейсбук майл доштаанд [184].

Аммо, агар сухан дар бораи маъруфияти манбаи иттилоот равад, барои аҳолии Тоҷикистон ҳанӯз ҳам ТВТ боқӣ мемонад. 99% -и аҳолӣ иттилоотро аз телевизион мегиранд. Аз ин 73 % барои огоҳӣ аз воқеаву рӯйдоди Тоҷикистон, 61% аз навгониҳои байналхалқӣ, 58% навгониҳои Россия ба ТВ муроҷиат мекардаанд. Барои 42% манбаи асосии иттилоот Интернет будааст. 71% ба радио муроҷиат мекардаанд. 48%-и аҳолӣ ба иттилооти хислати фароғатӣ дошта майл доранд [184].

Дар таҳқиқоти дигар, ки дар заминаи Лоиҳаи муштараки Вазорати фарҳанг, ташкилоти ҷамъиятии «Машварати расонавӣ» ва Маркази тадқиқоти сотсиологии «Зеркало» бо мақсади муайян намудани дараҷаи истифодаи аҳолии кишвар аз воситаҳои ахбори оммаи ватанӣ ва хориҷӣ дар соли 2018 гузаронида шуд, маълум гардид, ки серхонандатарини рӯзномаи кишвар нашрияи расмии Чумҳурии Тоҷикистон – рӯзномаи «Ҷумҳурият» будааст. Дар ин таҳқиқот нашрияи «Ҷумҳурият» (34 %) ҷойи аввал, «Омӯзгор» (23,8%) ҷойи дуюм ва «Минбари халқ» (22,2%) ҷойи сеюмро ишғол намуд. Дар ҷойи чорум «Садои мардум» меистад. Дар таҳқиқоти мазкур зиёда аз 2000 нафар респондент аз тамоми манотиқи кишвар ширкат варзидааст.

Ҳамин тавр, муайян кардани афзалиятҳои расонаҳо яке аз вариантҳои таҳқиқи сотсиологии маркетингӣ маҳсуб ёфта, одатан бо истифодаи усули пурсиш ва мусоҳибаи шахсӣ гузаронида мешавад. МТС «Зеркало» низ дар рафти таҳқиқот аз ин усул истифода бурда, мавқеи ВАО-и ватаниро аз ҷиҳати фосилаи интишор, вақти истеъмол, теъдоди аудитория, рағбат ба шабакаҳои алоҳида, аз ҷумла барномаҳои телевизионӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо ва амсоли ин муайян намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот, аз як тараф, шабака ва нашрияҳои нисбатан таъсирнокро дар низоми ВАО-и чопӣ ва электронӣ муайян мекунад, аз сӯйи дигар, барои масъулин ва кормандони эҷодии расонаҳо як навъ ёрии амалиест барои боз ҳам ба талаботи ҷомеа ва аудитория мувофиқ сохтани фаъолияти эҷодии расонаҳо.

Умуман, омӯзиш, таҳлил ва баррасии масъалаҳои назариявии сотиологияи умумӣ, сотсиологияи журналистика ва пайдоишу шаклгирии таҳқиқотҳои сотсиологии матбуоти даврӣ ба мо имкон медиҳад, ки натиҷаҳои зеринро ҳосил намоем:

1. Ҳарчанд доир ба моҳияти сотсиология ҳамчун илм назари муҳаққиқони илмҳои гуманитарӣ гуногун аст, аммо аксар ҷомеашиношону муҳаққиқон сотсиологияро илми ҷавон номида, пайдоиши онро ба солҳои 30–40-уми асри XIX дар Фаронса нисбат медиҳанд. Пайдоиши сотсиология ҳамчун илми ҷомеашиносӣ ба омилҳои таърихӣ алоқаманд буда, муносибатҳои сотсиологӣ таърихи тӯлонӣ доштааст;

2. Сотсиологияи журналистика ҷузъи таркибии сотсиологияи умумӣ маҳсуб ёбад ҳам, аз фаҳмиши назарияи журналистика бебаҳра нест. Маҳз ба ҳам омезиш ёфтани назарияи сотсиология ва журналистика имкон медиҳад, ки вазъият ва ҳолати воситаҳои ахбори омма, хоса матбуоти даврӣ дар шароити феълӣ омӯхта шавад;

3. Пайдоиши донишҳои сотсиологӣ дар журналистика ҷараёни тӯлониро фаро гирифта, пеш аз ҳама, ба инкишофи назарияи сотсиологияи Аврупо ва инкишофи матбуоти даврӣ дар ин гӯшаи ҷаҳон алоқамандӣ дорад. Муносибатҳои бозориву маркетингӣ, ба вуҷуд овардани шароит баҳри рушди матбуоти даврӣ, усулҳои пахши иттилоот ба аудиторияи оммавӣ аз омилҳое ба ҳисоб мераванд, ки дар пайдоиш ва ташаккули донишҳои сотсиологӣ дар журналистика мусоидат кардаанд Аввалин нафароне, ки пажӯҳиши матбуоти давриро бо усулҳои сотсиологӣ ба роҳ мондаанд, сотсиологҳои маъруф буданд, ки дар як вақт вазифаи муҳаррири нашрия ва ё маҷаллаҳои илмиро ба дӯш

доштанд. Ба шарофати онҳо сотсиологияи журналистика дар асри XIX шакл пайдо кард;

4. Таассурот дар бораи таъйиноти журналистика ва нақши иҷтимоии он дар давраи Эҳё шурӯъ шуда бошад ҳам, он то асри XVIII шакли пурра пайдо накард. Пайдоиши воқеии сотсиологияи журналистика дар асри XIX пас аз ба вуҷуд омадани назарияи сотсиология дар Аврупо ибтидо мегирад. Дар охири асри XIX Ғарб бо феномени нав – фарҳанги оммавӣ рӯ ба рӯ шуд. Дар ин аср бо ҳамаи махсусиятҳои сарнавишти таърихӣ, Русия низ рӯ ба капитализм менамояд. Дар ин замон сотсиологияи назариявӣ ба вуҷуд меояд. Равиши эволютсионии он дар заминаи таҳқиқотҳои Огюст Конт ва Герберт Спенсер сохта мешавад, ҷараёни револютсиониаш бошад дар натиҷаи пажӯҳишҳои Карл Маркс шакл мегирад. Дар ташаккули назарияи сотсиологияи журналистика намояндагони мактабҳои илмии Аврупову Амрико нақши муҳим гузоштаанд;

5. Масъалаҳои назариявии сотсиологияи журналистика аз аносири илмии сотсиологияи умумӣ ва журналистика маншаъ гирифта, дар муносибат ба объекти таҳқиқ, метод ва методологияи омӯзиш, мақсад ва вазифа қонунмандиҳои худро ба шакл даровардааст. Шакл гирифтани сотсиологияи журналистика, ҳамчун назарияи сатҳи миёна, аз як тараф, ба мустақилияти соҳа, аз тарафи дигар, аз ҷузъи таркибии журналистика будани он дарак медиҳад. Дар фаҳмиши назариявии сотсиологияи журналистика ҳарчанд муносибат сотсиологӣ аст, аммо объект ва предмети омӯзиш журналистика мебошад. Аз ин рӯ, дар муносибати сотсиологии расонаҳои хабарӣ ҳамеша маърифати илмии журналистӣ дар ҷойи аввал қарор мегирад;

6. Омӯзиши сотсиологии матбуоти даврӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ гуногун будааст. Агар дар матбуоти Аврупо дар нимаи дуюми асри XIX шурӯъ шуда бошад, дар матбуоти рус дар охири ҳамин аср роиҷ гардидааст. Дар матбуоти Шӯравӣ, асосан дар ду давра: даҳсолаи 1920 ва солҳои 1960 инкишоф ёфтааст. Предмети таҳқиқоти сотсиологияи

журналистикаро масъалаҳои иҷтимоиву демографӣ (ҷинс, синну сол, маълумот, собиқаи корӣ ва таҷрибаи корӣ), майлҳои интихоби касб ва муносибат ба он, таассурот дар бораи таъйиноти журналистика, муносибати байниҳамии ҳайати кормандони эҷодӣ ва муассис, шахсияти журналист, проблемаҳои тайёр намудани журналистон, теъдоди аудитория, имтиёзоти хонандагону шунавандагон, сохти барномаҳо, таносуби маводи марказҳои иттилоотӣ, муносибат ба мавзӯъ, рубрикаву жанр, талаботу хоҳиши хонандагон ва амсоли ин ташкил медод;

7. Дар рӯзноманигории замони шӯравии тоҷик ба таҳқиқотҳои сотсиологӣ ҳарчанд бо ташаккули матбуоти даврӣ тавaҷҷуҳ шуда бошад, аслан дар солҳои 1970-1980 дар шакли омӯзиши мактубу номаҳои хонандагон ва анкетаҳои тариқи нашрияҳо паҳншуда, афзалият пайдо кардааст. Ҳарчанд дар аксари нашрияҳо ин муносибат ба назар мерасад, аммо нашрияи «Комсомоли Тоҷикистон» аз ин усул бештар истифода намудааст;

8. Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, ки раванди бунёди ҷомеаи демократиро ба ҳукми расмӣ даровард, боиси эҳёи муносибатҳои сотсиологӣ дар ВАО, хоса матбуоти даврӣ гардид. Дар ин раванд ниҳодҳои гуногуни иҷтимоӣ ва ташкилоту созмонҳои байналхалқӣ низ нақш доштанд. Ба мақсади омӯзиши раванди демократикунонӣ, таъсир ба рушди соҳаҳои гуногун дар Тоҷикистон созмон ва Марказҳои мухталифи пажӯҳишӣ таъсис ёфтанд, ки миёни онҳо Маркази тадқиқоти иҷтимоии «Зеркало» дар омӯзиши сотсиологии ВАО нақши муҳим гузоштааст.

## Боби II
## Махсусияти омӯзиши сотсиологии матбуоти даврии тоҷик

Тавре дар боби қаблӣ баррасӣ гардид, омӯзиши сотсиологии матбуоти даврӣ дар умум таърихи тӯлонӣ дошта, марҳилаҳои гуногунро фаро мегирад. Омӯзиши сотсиологии матбуот дар ин марҳилаҳои гуногун дар баробари ба ҳам умумият доштан, хусусияти хос ҳам доштааст. Ин хусусиятҳо ҳам ба сохти ҷомеа, ҳам ба рӯҳияи иҷтимоъ ва ҳам ба тарзи истифодаи усулҳои омӯзиши ВАО, хоса аудиторияи он иртибот мегирад.

Ҳар гуна ҷомеа, ба вижа ҷомеаи демократӣ аз рӯзноманигорон тақозо менамояд, ки барои ташаккули афкори солим ва таъмини рангорангии муносибатҳои иҷтимоӣ ҳарчи бештар кӯшиш намоянд, зеро раванди бунёди ҷомеаи воқеан демократӣ дар ҳолате самаранок ҷараён мегирад, ки масъулияти шаҳрвандии мардум баланд ва майли дахолатпазириашон ба корҳои иҷтимоӣ бештар гардад. Дар журналистикаи муосир яке аз усулҳои нисбатан муносибу мусоид барои ба вуҷуд овардани рангорангии фазои иттилооту маълумот, ташаккули афкори мухталиф ва ҷолибгардонии мавод, муносибати сотсиологӣ ба воқеияти иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Бояд қайд кард, ки муносибати сотсиологӣ танҳо ба матбуоти имрӯз хос нест. Дар рӯзноманигории замони шӯравии тоҷик низ чунин муносибат дар шаклҳои гуногун, амсоли пурсишҳои анкетавӣ, омӯзиши мактубу номаҳои хонандагон нисбатан маъмул будааст. Мактубҳои хонандагон на танҳо василаи таъмини мавод, балки омили робитаи идораи нашрия бо хонандагон ба ҳисоб мерафт. Ин аст, ки аксари нашрияҳо аз ин усул истифода намудаанд.

### II. 1. Мактуб ҳамчун шакли классикии омӯзиши аудитория

Журналистика аз пешаҳоест, ки дар он хусусиятҳои навъҳои гуногуни фаъолияти инсонӣ дида мешавад, балки ба кор меравад. Аз ин рӯ, журналистро зарур меояд, ки методу усулҳои мухталифро аз худ

кунад, технологияҳои нави кориро омӯзад ва дар ҷараёни фаъолияташ аз имконоти он самаранок истифода барад. Ин амал ба ӯ имкон медиҳад, ки фаъолият ва маҳсули эҷодашро ба талаботи ҷомеа, аз ҷумла майлу рағбати аудитория мувофиқ кунонад. Чунончи, А. И. Верховская қайд мекунад: «Фардияти эҷодӣ, навишта тавонистан аз бисёр ҷиҳат ба амиқтар фурӯ рафтан ба ҳаёт, таҳлили ҳаматарафа ва тезутунди он алоқаманд аст, аммо ин аз журналист интихоби дурусти сарчашма, маърифат ва бо он муносибат карда тавонистанро талаб мекунад» [25. с. 3]. Воқеан, барои фарди эҷодкор, хоса журналист маърифати олам ва одам зарур ва муҳим аст. Ин ҷараёни тӯлониест, ки омӯзиш ва ҷустуҷӯйи ҳамешагиро мехоҳад. Дар ин раванд маҷмӯи методҳои фаъолияти журналистӣ ҳамчун технологияи ҷамъоварии иттилоот, коркард ва пахши он низ нақши муҳим гузошта метавонад. «Вобаста ба вазифаҳои маърифат усулҳои фаъолияти эҷодии журналистро ба ду гурӯҳ: эмпирикӣ ва назариявӣ ҷудо мекунанд» [27, с. 37]. Дар ин маҷмӯъ методҳои эмпирикӣ, яъне усулҳои ҷамъоварии иттилоот нақши муҳимтарро мебозанд, зеро мазмуннокӣ, рангорангӣ ва ҷолибгардонии маҳсули эҷоди журналистӣ аз бисёр ҷиҳат ба ин марҳила вобаста аст.

Дар назарияи журналистика, ҳамчунин сотсиология чор навъи методҳои асосии дастрасии ахбору маълумотро муайян кардаанд, ки пурсиш, мушоҳида, омӯзиши ҳуҷҷат ва таҷриба (эксперимент) мебошанд. Ин методҳо имкон медиҳанд, ки аз як тараф, доир ба рӯйдодҳои давру замон иттилоот ба даст орем, аз сӯйи дигар, муносибати аудиторияро ба ҳаёти иҷтимоӣ ва маҳсули эҷоди журналистон фаҳмем ва ба ин васила вазъ ва ҳолати ин ё он соҳа, нашрия ва дар маҷмӯъ ВАО-ро муайян кунем.

Раванди фаъолияти журналистӣ тарзу усулҳои дигари ба даст овардани иттилоот, омӯзиши аудитория ва ҷустани роҳҳои беҳтар намудани фаъолияти минбаъдаро низ ба вуҷуд овардааст, ки омӯзиши мактубҳои хонандагон намунаи он аст. Албатта, ин навъи иртибот имрӯз то андозае шакл ва таъйиноташро дигаргун кардааст, аммо дар

таҷрибаи журналистӣ ҳамчун василаи классикии робита бо хонанда ва муайян кардани мавқеи нашрия дар фазои иттилоотӣ нақши муҳим доштааст, ки имрӯз ҳамчун сабақҳои касбии омӯзиши аудиторияи ВАО боқӣ мондааст.

Масъалаи мактуби хонандагон ҳамчун манбаи дастрасии иттилоот ва омӯзиши аудитория то кунун дар илми журналистикаи тоҷик дар шакли алоҳида мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор нагирифтааст. Аммо дар китобу воситаҳои таълимӣ аз ҷумла, «Таърихи журналистикаи тоҷик [147], «Асосҳои эҷоди журналистӣ» [89], «Сотсиологияи журналистика» [88] «Жанри мактуб: рисолат ва имконот» [172] ва амсоли ин дар алоқамандӣ бо мавзӯъҳои дигар доир ба шуъбаҳои мактубҳо, теъдод ва мундариҷаи номаҳои ба идораи нашрияҳо воридшуда, хусусияти мактубҳои публитсистӣ маълумот ироа шудааст. Ҳамчунин аксари нашрияҳои даврӣ дар дараҷаи имконоти худ, мактубҳои ба идораашон воридшударо таҳлилу баррасӣ карда, натиҷагирӣ намудаанд, ки дар поён баъзе аз намунаҳои онҳоро ба сифати далел меорем.

Омӯзиши таҷрибаи нашрияҳои даврӣ ҷиҳати робита бо аудитория нишон медиҳад, ки дар такя ба омилҳои зер аз усулҳои маъмул ва анъанавии омӯзиши аудитория будани мактубро нишон диҳем:

1. Аз сарчашмаҳои асосии иттилоот маҳсуб ёфтани почтаи нашрияҳо дар матбуоти замони Шӯравӣ;

2. Маъмултарин усулҳои кор бо мактубҳои хонандагон;

3. Нақши шуъбаи мактубҳо дар сохтори нашрияҳои даврӣ;

4. Шаклҳои нави иртибот бо хонандагон дар матбуоти дирӯз ва имрӯзи тоҷик.

Омӯзиш ва шиносоӣ бо адабиёти соҳа ва бастаи нашрияҳои даврӣ, минҷумла «Тоҷикистони Советӣ» ва «Комсомоли Тоҷикистон» нишон медиҳад, ки дар замони Шӯравӣ мактубҳои хонандагон, ҳамчунин шунавандагон ва бинандагон яке аз сарчашмаҳои асосии дарёфти мавзӯъ ва иттилоот барои журналистон маҳсуб меёфтааст. Мактубҳои ба идораи нашрияҳои даврӣ воридшуда, ки ба талаботи замон бо истилоҳи

«номаҳои меҳнаткашон» маъмул буданд, ҳамчун воситаи маърифати рӯйдодҳои кишвар, сарчашмаи иттилооти иҷтимоӣ дар бораи ҳолати иҷрои корҳо дар тамоми соҳаҳои ҷомеа шинохта мешуданд ва хидмат мекарданд. Онҳо ифодагари иштироки омма ба корҳои ҷамъиятӣ, идораи давлат, аз ҷумла идораи фаъолияти муассисаҳои журналистӣ буданд. Тавассути мактубҳо байни системаи идоракунанда ва идорашавандаи ҷомеа алоқаи тарафайн ба вуҷуд меомад. Аз рӯйи миқдори мактубҳои ба редаксия воридшуда, дараҷаи рағбати хонандагон, дар кадом сатҳ қарор доштани рӯзномаҳо, дар байни аудитория маҳбубият доштан ва ё надоштани онҳо муайян карда мешуд. Бинобар ин дар тамоми нашрияҳо шуъбаи мактубҳо амал мекард ва маҳорати бо мактубҳо кор карда тавонистан яке аз талаботи касбияти журналист ба ҳисоб мерафт.

Кор бо мактубҳои хонандагон маҷмӯи корҳо ва амалиёти гуногунро талаб мекард. Ба таъбири А. И. Верховская «Ин кор дар якчанд марҳила ҷараён гирифта, аз навъҳои гуногуни фаъолияти журналистӣ: ташкилӣ, эҷодӣ, банақшагирӣ ва ғ. иборат аст» [27, с. 134 ]. Ин марҳилаҳо шинос шудан бо мактубҳо, гурӯҳбандӣ намудани онҳо, таҳлил кардан ва баҳо додан ба мундариҷаи номаҳоро фаро мегирифт.

Табиист, ки журналистика ҳамеша дар хидмати ҷомеа аст ва ба ин манзур ҳеҷ як ВАО бидуни аудитория буда наметавонад. Бинобар ин иртибот бо аудитория дар ҳар давру замон аз масъалаҳои мубрам буд ва боқӣ хоҳад монд. Аз ҷумла, мактуби (алоқаи) хонанда барои фаъолияти нашрия ҳамеша ба сифати сарчашмаи асосии иттилоот метавонад хидмат кунад. Чунончи, дар замони имрӯз ба ин мазмун ҳамкории аудитория бо ВАО, аз ҷумла нашрияҳои даврӣ дар шакли аудиовизуалӣ маъмул шудааст. Дар ин раванд фаъолмандии ҷомеа низ нақши муҳим мебозад. Чи қадаре ки мардум кунҷков, суҳбатоторо ва иҷтимоигаро бошанд, ҳамон қадар таъсиргузории онҳо тавассути расонаҳои иттилоотӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ бештар мегардад, робитаашон бо расонаҳои хабарӣ қавитар мешавад.

Барои журналист низ мактубҳои хонандагон ҳамчун манбаи иттилоот маҳсуб меёбад. Ба ин маънӣ, истифодаи он дар фаъолияти журналистӣ гуногун буда метавонад:

– факти аз мактуб дастрасгардида, ҳамчун маводи илова метавонад ба ахбору маълумоти мавҷуда тақвият бахшад ва ё дар санҷиши он мадад расонад;

– он журналистро ба проблемаҳо ошно месозад, ба омӯзиши онҳо талқин менамояд ва ӯро водор месозад, ки барои таҳқиқи ин проблема ба манбаъҳои дигар муроҷиат кунад;

– агар мавзӯъ ва проблема аз ҷониби журналист интихобшуда бошад, мактуб метавонад чун воситаи саҳеҳкунанда, тасдиқкунандаи иттилооти пешаки бадастомада хидмат кунад;

– мактубҳо метавонанд проблемаи интихобгаштаро пешгирӣ ва ё маҳдуд намоянд, ба дарёфти объекти мушаххаси эмпирикӣ, дарёфти қаҳрамонҳо, коркарди матолиб, фаъолияти эҷодии оянда ва кашфи манбаъҳои иттилоотии иловагӣ мусоидат кунанд.

Мактубҳои меҳнаткашон дар ҳар муассиса, аз ҷумла дар идораи ВАО ҳамчун ҳуҷҷат шинохта мешаванд. Мафҳуми илмии ҳуҷҷат аз маънои умумии он, ки як навъи иттилооти расмиро мефаҳмонад, фарқ мекунад. «Дар фаҳмиши сотсиологӣ ҳар гуна иттилооте, ки дар навъи чопӣ, дастнавис, сабти магнитӣ, акс, киноплёнка инъикос гардидаанд, ҳуҷҷат меноманд» [90, с. 97].

Дар илм байни мафҳуми ҳуҷҷат ва сарчашма фарқ мегузоранд. Зери мафҳуми сарчашма предметҳое фаҳмида мешавад, ки ба фарҳанги моддӣ алоқаманд буда, барои омӯзиши ҳаёти гузашта ва имрӯзаи ҷомеа имкон медиҳанд. Роҳу усулҳои омӯзиши сарчашмашиносӣ ба дӯши ихтисоси таърихнигорӣ – сарчашмашиносӣ аст. Ҳуҷҷат аз сарчашма бо он фарқ мекунад, ки «онро инсон махсус барои пахш ва нигоҳ доштани ахбор ба вуҷуд овардааст» [99, с. 94].

Мактуби хонанда низ ҳуҷҷат аст, ки ба мақсади пахши иттилоот махсус ба вуҷуд оварда шудааст. Вай ҳуҷҷати шахсӣ аст, ки муносибати

нигорандаашро ба ин ё он рӯйдод ифода мекунад, аммо ин муносибат на ба шахсияти алоҳида, балки ба муассисаи расмӣ – идораи васоити ахбори омма равона мешавад. Мактуб паёмест, ки хислати ғайрирасмӣ дошта, бо ташаббуси худ аз ҷониби шахси алоҳида ва ё гурӯҳи муайян ихтиёран навишта мешавад. Мавзӯъ, мундариҷа ва тарзи баёни он озод аст. Мактуби хонанда ҳуҷҷатест, ки дар аксар мавриди иттилооти эксклюзивиро (сарироҳӣ, ногаҳонӣ) интиқол медиҳад, иттилооте, ки аз сарчашмаи дигар дастрас намуданаш номумкин аст. Танҳо муаллифи мактуб, ки иштирокчӣ ё шоҳиди бевоситаи воқеа аст, метавонад чунин иттилоотро ба идораи нашрия пешниҳод намояд. Ин гуна иттилоотро на танҳо барои таҳияи шумораи навбатии нашрия, балки ҳангоми банақшагирии фаъолияти минбаъдаи он, ташкили кори мушаххаси журналистон ва бо иттилои зарурии қонеъкунандаи талаботи ҷомеа истифода намудан мумкин аст. Мактубҳои хонандагон ҳамчунин чун василаи бавуҷудоварандаи алоқаи мустақил ва мутақобила муҳим мебошанд. Ҳангоми чопи мактуб дар нашрия ва мурочиати муаллифони он ба хонандагони нашрия алоқаи мустақил ба вуҷуд меояд. Алоқаи мутақобила ҳамеша ба манфиати нашрия аст, ки ба пешрафти кори он мусоидат мекунад. Аз тарафи дигар, интишори мактубҳои хонандагон баёнгари маърифати шахсӣ, андешаи фардӣ, фикри иҷтимоӣ буда, аз имконоти озодии баён ва рӯҳияи демократии ҷомеа дарак медиҳад. Аз ин рӯ, кор бо мактубҳои хонандагон аз вазифа ва уҳдадории асосии идораи нашрия ба ҳисоб мерафт, ки имрӯз дар шаклҳои дигар идома дорад.

Мактуб василаи робитаи байни ҷомеаи роҳбаришаванда ва ҳокимият мешавад. Мактуб шакли классикӣ ва таърихӣ аст. Он ҳам дар нашрияҳои пешазшӯравӣ, замони Шӯравӣ ва имрӯз истифода мешуду мешавад, маъмул буду то ҳол маъмулиашро аз даст надодааст. Дар варақаи «Тақвими рӯзнома» («Календарь газеты»), ки бо нашрияи «Волховский труженник» ба таври ҳамешагӣ чоп мешуд, аз 19 декабри соли 1925 мактубҳоро чунин тақсим карда буданд:

Мактубҳо аз ҷониби деҳқонон қабулгардида – 64.

Аз тарафи коргарон – 17.

Аз мухбирони қишлоқ ва мухбирони коргар – 159.

Аз обуначиёни ин нашр – 2400.

Мактубҳои омехта аз деҳа – 26.

Мактубҳои омехтаи коргарон – 12.

Мақолаҳои ҷойгиршуда – 14.

Ҳамагӣ қайдҳо – 78.

Дар солҳои 1980-ум бошад, тамоюли дар асоси мактубҳои ба редаксия омада, ба анҷом расонидани таҳқиқотҳо проблемаҳои муҳим гардид. Ба ин метавон мисолҳои зеринро намуна овард: нашрияи «Правда» дар маводи Л. Жмырёв «Таъсири идорӣ чӣ гуна аст?» («Каков эффект управления?») (Правда. – 1981. – 2 феврал), ки дар асоси мактубҳои ба редаксия расида, проблемаи таркиби волоияти иқтисодӣ ташхис мегардад. Ё нашрияи «Литературная газета» ба мисли «Рағбат аз рӯйи устав» («Страсти по уставу») мақолаи Л. Графов (Литературная газета. – 1980. – 7 декабр.) доир ба проблемаҳои ҳалношуда дар ташкилотҳои кооператсионии маҳалли зист баҳс мекунад. «Боз дар бораи медали мактабӣ» («Снова о школьной медали» (Литературная газета. – 1981. – 4 феврал) талаботи ба мактаббачагон супоридани ҷойизаҳои олӣ ва ғайраро баррасӣ мекунад. Истифодаи мактубҳо теъдоди жанрҳоро васеъ гардонид. Нигориши мактуб ба вуҷуд омад, ки гузаронидани ташхис аз рӯйи на танҳо мактубҳо, балки рӯйдодҳои ҳаётиро дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, рӯҳияи ҷомеаи Шӯравӣ, ки ба синфи коргару деҳқон асос ёфта буд, аз кормандони воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла матбуоти даврӣ тақозо менамуд, ки бештар ба ин қишри ҷомеа такя кунанд. Аз ин рӯ, аксари мактубҳои ба идораи нашрияҳои даврӣ воридшударо нигоштаҳои ин табақаи ҷамъият ташкил медод.

Нашрияҳои даврӣ дар таҷрибаи худ аз мактубҳои хонандагон ба тарзи гуногун истифода бурдаанд. Аз ҷумла, нашрияи «Комсомоли Тоҷикистон» («Ҷавонони Точикистон») аз ин сарчашмаи муҳим

моҳирона истифода кардааст. Муҳаққиқ М. Муродов масъалаи истифодаи усулҳои сотсиологӣ дар журналистикаи замони шуравии тоҷикро баррасӣ намуда, аз ҷумла қайд менамояд, ки: «Дар рӯзноманигории замони шӯравии тоҷик муносибати сотсиологӣ дар шакли омӯзиши мактубу номаҳои хонандагон ва анкетаҳо нисбатан маъмул буд. Аз ин имкон аксари нашрияҳои даврӣ истифода намуда бошанд ҳам, «Комсомоли Тоҷикистон» бартарият дошт. Ин нашрия зери рубрикаҳои «Мулоқоти ғоибона», «Ба мо менависанд», «Мактуб ба редаксия», «Аз почтаи КТ», «Саҳифаи мактубҳо» ва амсоли ин бо аудиторияи худ муносибати мустақим намуда, ҳамеша мекӯшид, ки мувофиқи завқу рағбат ва хоҳишу талаби онҳо мавод интишор намояд. Ин буд, ки «Комсомоли Тоҷикистон» дар солҳои 70-80-уми қарни XX ба сернуфузтарин ва беҳтарин нашрияи даврӣ табдил ёфт» [90, с. 134].

Воқеан, вақте мо ба таври иҷмолӣ шумораҳои даҳсолаи 1980-и нашрияи мазкурро варақгардон кардем, ба дурустии ин андеша мутмаъин шудем. Аммо шиносоии мо рубрикаҳои дигар, амсоли «Сатрҳо аз мактубҳо», «Мактубҳо», «Пурсед ҷавоб медиҳем», «Аз пайи мактубҳои чопнашуда»-ро низ маълум намуд, ки далели ба ин ҷиҳат таваҷҷуҳи хос доштани кормандони нашрияи мазкурро мефаҳмонад. Зери ин рубрикаҳо мактубҳои хонандагон баррасӣ гардида, натиҷагирӣ шудааст. Аз баррасиҳо бармеояд, ки нашрия ҳар моҳ мактубҳои ба идораи нашрия воридшударо хулоса карда, натиҷаашро пешкаши хонандагон менамудааст. Чунончи, дар шумораи 18-уми октябри соли 1985-и нашрия дар саҳифаи сеюм зери рубрикаи «Мактубҳо» дар фасли «Аз почтаи КТ» ҷудокардашуда, чунин маълумот пайдо мекунем: «Моҳи сентябр ба редаксияи рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» беш аз 500 мактуб омад. Хушбахтона, ин назар ба моҳҳои пешин хеле зиёд аст. Ва табиист, ки номаҳо аз ҷиҳати фарогирии мавзӯву масъалаҳои рӯзмарраи ҳаёти комсомолу ҷавонони республика хеле ғанианд. Моро фатҳи қуллаҳои нави меҳнатии пахтакорону чорводорон, коргарону зиёиён ва донишҷӯёну хонандагон шод менамояд.

Баробари ин редаксия дар давоми ин моҳ беш аз 20 мактуби шикоятӣ гирифт. Маълум шуд, ки ҳанӯз ҳам баъзе роҳбарони корхонаву муассисаҳо, хоҷагиҳо, комиҷроияҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба шикояти мардум саҳлангорӣ зоҳир мекунанд, сари вақт аз пайи ҳалли проблемаҳо намешаванд. Редаксия шикоятҳоро бодиққат омӯхта, қисмашро барои чораҷӯӣ ба органҳои дахлдор фиристод. Натиҷаҳои баромади газета таҳти рубрикаҳои «Аз паи мактуб», «Дар чорсӯйи зиндагӣ», «Лабханди Сафар-махсум», «Аз паи мактубҳои чопнашуда», «Ба редаксия ҷавоб омад» чоп шудаанд» [196; 1985. –18 октябр].

Аз ин иқтибос ва ҳамчунин аз муҳтавои матолиби дигари зери рубрикаҳои зикршуда, ки аз ҷониби шуъбаи кор бо мактубҳои ин нашрия таҳия гардидааст, бармеояд, ки асоси ташкили кор бо мактубҳои хонандагонро дуруст муайян намудани типи масъалаҳо, интихоб ва шаклҳои истифодаи онҳо барои чоп дар саҳифаҳои нашрия ташкил медиҳад. Кормандони ин шуъба мактубҳоро аз ҷиҳати мавзӯъ ва масъалагузорӣ гурӯҳбандӣ намуда, номаҳои ҳамгунро дар як маврид истифода намудаанд, ки шаклҳои гуногун пайдо кардани рубрикаҳои нашрия ба ин далолат медиҳад. Баъзан ба назар мерасад, ки рубрикаҳои асосии нашрия ба шуъбаи мактубҳо тааллуқ доранд, гӯё ин шуъба аксари рубрикаҳоро монополияи худ карда бошад.

Омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки ҳар чи қадар ба редаксия мактуб зиёд ворид шавад, ҳамон қадар шумораи ками онҳо дар саҳифаҳои нашрия интишор мешудааст, зеро аксари мактубҳо аз ҷиҳати шаклу мазмун матлаби тайёр набуда, як навъ маълумотномаи фактианд, ки муносибати муаллифонро ба ин ё он воқеа ва рӯйдод баён мекунанд. Аммо маълумот дар бораи пешқадамони меҳнат, ӯҳдадориҳои сотсиалистӣ, матнҳои муроҷиатӣ, шикоятҳо, таҷрибаи коллектив ва амсоли ин нисбатан бештаранд. Онҳо иттилооте мебошанд, ки ба коркард ниёз доранд. Аз ин рӯ, на ҳамаашон сазовори чопанд, вале кормандони редаксия мактубҳои чопнашударо ҳамчун манбаи иттилоот қарор дода, дар нигоштаҳои худ дар шакли нақл ва ё иқтибос истифода

намудаанд. Баъзан мактубҳои хонандагон боиси сафари эҷодии журналистони нашрия гардидааст. Масалан, дар заминаи мактубҳои хонандагон доир ба худсӯзии духтарони деҳот кормандони нашрия барои таҳқиқи масъала ба сафарҳои хидматӣ рафтаанд. Аз ин рӯ, идораи нашрия ҳамеша аз мактубҳои хонандагон хуш истиқбол гирифта, ба муаллифони онҳо изҳори сипос намудааст. Ба ин мазмун, дар яке аз хулосаҳои шуъбаи мактубҳо мехонем: «Ҳар саҳар даста-даста мактубҳое, ки ба редаксия меоянд, аз кору бор, меҳнату роҳат, барору нобарорӣ, фароғату ташвишҳо, комёбиву проблемаҳои баҳодурони арсаи меҳнату маърифат нақл менамоянд, аз ҷонбозиҳо, муҳорибаҳои онҳое, ки барои ин рӯзи фирӯз қурбон шудаанд, ҳикоят мекунанд.

Ба шумо мухбирони коргару деҳқон ва ҳамаи хонандагон барои ёрию ҳамкориатон ба газета изҳори миннатдорӣ баён намуда, чанд мактуби рӯзҳои охир ба идораи редаксия омадаро дар саҳифаи навбатии мактубҳо чоп мекунем» [196; 1984. –28 сентябр].

Аз шиносоии иҷмолӣ бо бастаи як даҳсолаи нашрияи «Ҷавонони Тоҷикистон» метавон хулоса кард, ки яке аз муваффақиятҳои ин нашрия ва нуфузи бештар пайдо кардани он миёни мардум, иртиботи бештар доштан бо хонандагон ва аз рӯйи имкон ба шакл даровардани мундариҷаи нашрия ба завқи муштариён будааст. Бино ба нақли собиқ журналисти ин нашрия Қ. Шарифзода «дар солҳои охири 1980 теъдоди нашри ин рӯзнома то 200 ҳазор нусха расид ва агар КМ Ҳизби Коммунист ба хотири аз рӯзномаи рақами яки ҷумҳурӣ – «Тоҷикистони Шӯравӣ» нагузаштани он монеа намешуд, шояд теъдодаш аз ин ҳам зиёдтар мегардид».

Албатта, барои ба ин дараҷа расидани теъдоди нашри рӯзномаи мазкур омилҳои дигар амсоли ташаббуси роҳбар, ҳавасмандгардонии рӯзноманигорон, ҷуръати шаҳрвандӣ ва маҳорати касбии кормандон низ таъсир доштанд, аммо нақши мактубҳои хонандагон ва ба назар гирифтани майлу рағбати онҳо низ кам набуд, зеро мактубҳои хонандагон ҳамчун усули робита бо аудитория барои ба завқ ва талаби

аудитория мувофиқ кунонидани мундариҷаи нашрия ёрии хуби амалӣ расонидааст.

Мактубҳое, ки ба идораи нашрияҳои даврӣ ворид мешаванд, аз ҷиҳати шаклу мазмун гуногунанд. Ба қавли муҳаққиқ Верховская, «дар байни онҳо на танҳо мактубҳои ба маънии аниқ, балки номаҳои хислати ёддоштӣ (хотира аз ҷанг, давраи наврасиву ҷавонӣ, шиносоӣ ба одамони маъруф, саргузашт)-ро метавон пайдо кард; мактуб-ҳолнома; мактуб-омурзиш; қайдҳои рӯзномавӣ» [ 27, с. 18]. Ба ин монанд нависандагони зиёд аз қабили Абулқосим Лоҳутӣ, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҳошим, Пӯлод Толис ва дигарон бардоштҳои худро аз аввалин вохӯрӣ бо устод С. Айнӣ дар матбуоти даврӣ дарҷ гардонидаанд. Дар баробари ин мактубҳои дорои хусусияти тарҷумаҳолӣ дар матбуоти даврии тоҷик низ кам нестанд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки робитаи ВАО бо аудитория ҳамеша боқӣ мемонад. Маҳз чунин ҳамкориҳо мундариҷаи нашрияҳоро рангоранг ва ҷолиб мегардонад. Имрӯз навъҳои замонавии алоқаи нашрияҳо бо хонандагони худ шакл мегирад, ки суҳбати телефонӣ, фиристонидани паёмак, бевосита ба редаксия омадан аз ҷумлаи онҳост. Ҳамчунин бо истифода аз технологияи нави иртиботӣ нашрияҳои даврӣ аз рӯйи имкон бо шахсиятҳои барӯманди ҷомеа: сиёсатмадорон, иқтисоддонон, ҳунармандон доир ба масъалаҳои гуногун, аз ҷумла сатҳу сифати матбуот мусоҳибаҳои вертуалӣ ташкил менамоянд. Дар матбуоти тоҷик аз ин усул бештар нашрияҳои «Нигоҳ» ва «Тоҷикистон» истифода бурданд, ки «Мушкилоти ҳалношудаи муҳоҷирати корӣ» мусоҳибаи вертуалӣ бо Сафиаллоҳ Девонаев, сардори Раёсати Хадамоти муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Нигоҳ, 2010.– 7 январ), «Шахси бовариноки Эмомалӣ Раҳмон будам» посуххҳои ҳунарманд Афзалшоҳи Шодӣ, ки 7 декабр тӯли 3 соат дар паси компютер ҳосил шудааст (Нигоҳ, 2010.– 14 январ), «Тоҷикистон, ҳама дунёи манӣ» суҳбати онлайн бо ҳунарманд Шуҳрат Сайнаков (Нигоҳ, 2010.– 28 январ) «Гуфтугӯи мустақим бо Қодири Қосим: Роғун, Норак,

Талко ва Шарқи Озод моликияти кист? Оё замин ҳам фурӯхта мешавад» (Тоҷикистон, 2015.– 4 июн) аз намунаи онҳост. Дар ин гуна суҳбатҳо баъзан, хусусан дар «Нигоҳ», гӯиш ва имлои суолдиҳандагон бетағйир мондааст.

Ҳамчунин имрӯз бо шарофати шабакаи интернет имкониятҳои боз ҳам васеътари истифодаи фикри ҳамдигарӣ ва ё табодули андеша ба вуҷуд омадааст. Аксари нашрияҳо дар шабакаи ҷаҳонии интернет сомонаи худро доранд, ки ба хонандагонашон на танҳо имконоти шиносоӣ бо шакли электронии мундариҷаи рӯзномаро медиҳад, балки роҳҳои нави иртибот бо идораи нашрия, тавзеҳи матолиб, баёни фикр, муайян намудани мавқеъ ва амсоли инро фароҳам меоваранд. Ин ва дигар омилҳо нишон медиҳанд, ки ВАО ҳамеша ба аудиторияи худ ниёз дорад ва алоқаи хонандагон бо идораи нашрияҳои даврӣ, яз як тараф, барои рангоранг шудани мундариҷаи рӯзномаву маҷаллаҳо, аз тарафи дигар, дар муайян кардани сатҳу сифати онҳо мусоидат менамояд.

Муносибати сотсиологӣ талаб мекунад, ки дар инъикоси ҷараёни ҳаёти иҷтимоӣ ва ташаккули афкори пешқадами мусоидаткунанда ба ҳаллу фасли масъалаҳои муҳимми рӯз на танҳо журналистон, балки омма, бахусус коршиносону мутахассисон низ иштирок кунанд. Дар шароити инкишофи босуръати ҷомеа маҳсулоти иттилоотӣ хислати нисбатан тоза пайдо карда, ба воқеият ва масъалаҳои рӯз ва равзанаи гуногун: иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ муносибат намуданро ба миён мегузорад.

Муносибати сотсиологӣ, пеш аз ҳама, истифодаи методҳои гуногун дар фаъолияти ВАО, муайян кардани хусусият, ҳадаф ва ҳолати кори эҷодии нашрияҳо, барномаҳои алоҳидаи радиою телевизион, робитаи аудитория бо матбуот ва васоити электронии ахбор мебошад.

Робитаи фаъоли ҷомеа бо ВАО, барои омма имконияти бештари аз тарафи ҳокимият шунида шудани онҳоро фароҳам меорад. Ба ғайр аз ин, иштирок доштан дар иртиботи оммавӣ ба мардуме, ки ба гурӯҳи ҳоким ё элита мансуб нестанд, имкони ивази манбаъ, дар доираи васеи

хонандагон иброз намудани фикри худ, гирифтани маълумот ва дигар амалҳоро фароҳам меоварад.

Тавре ишора намудем, воситаи маъмули робитаи ҷомеа бо редаксия мактуб ба ҳисоб меравад. Навъи дигари робита бо идораи нашрияҳо мактубҳои публитсистӣ аст. Албатта, мактуби публитсистӣ аз номаҳои хонандагон фарқ мекунад. Он мисли номаҳои хонандагон иттилооти ба коркард ниёз дошта нест, балки қолаби муайянест, ки ҳиссиёт фикр ва андешаи муаллифро доир ба масъалаи мухталифи муҳим дар шакли муҳокимаҳои дуҷониба ва ё бисёрҷониба фаро мегирад ва дар тарҳи муроҷиати бевосита номанавис ба номагир сурат мегирад. Ин гуна мактубҳоро муҳаққиқон ба ду навъ мактуби кушод ва мактуби беунвон ҷудо намуданд. Дар мактуби кушод шахсияти номагир муайян аст. Муаллифи ин навъи мактуб номагирро мушаххас медонад, аммо ҳарчанд мактуби кушода ба унвони шахси мушаххас навишта мешавад, мундариҷаи он ба хонандагон низ манфиат дорад ва хонанда ҳамчун ҳакам метавонад ба онҳо баҳо диҳад, ҳақиқатро аз дурӯғ, саҳеҳро аз носаҳеҳ ҷудо намояд. Мактуби беунвон ба гурӯҳи одамон ва шахсони номаълум фиристода мешавад. Ҳарчанд дар мактуби публитсистӣ низ муносибати сотсиологӣ ба назар мерасад, аммо онро наметавон пурра ба контексти номаҳои хонандагон дохил намуд.

Дар ҷомеаи муосир мактуб яке аз василаи таҷассумкунандаи ҳуқуқи конститутсионии инсон аст. Мактубҳо воситаи дахолати омма ба корҳои ҷамъиятӣ, роҳбарии давлат ва аз ҷумла, роҳбарии органҳои фаъолияти журналистӣ шуда метавонанд. Инро моддаи 27-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тасдиқ менамояд, ки дар он чунин омадааст: «Шаҳрванд ҳақ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд….» ва ё моддаи 30-юми Конститутсияи ҶТ чунин аст: «Ба ҳар кас озодии сухан, нашр ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад», аммо дар баробари ин уҳдадориҳо маҳдудиятҳо низ дида мешавад, ки барҳақ, заруранд. Ба

монанди «Таблиғот ва ташвиқоте, ки бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, диннӣ ва забониро бармеангезанд, манъ аст».

Дар замони имрӯз мактубҳои ба тарзи классикӣ – дастӣ иншо гардидаву тариқи почта ба идораи нашрия ирсолшуд кам андар каманд, вале худи мактуб ба редаксия ба мисли пешин роиҷ аст. Мактубҳо шаклашонро дигар кардаанд. Кунун суҳбат намудан, робита барқарор сохтан навиштани мактуб тариқи воситаи электронӣ, аз ҷумла почтаи электронӣ сурат мегирад. Ин намуд, албатта, қулайтар аст. Агар дар гузашта то макони муқарраргардида расидани мактуб, вобаста ба масофа вақти зиёдеро мегирифт, пас ҳоло он метавонад аз як гӯшаи курраи замин ба гӯшаи дигараш дар муҳлати сонияҳо ба воситаи «почта»-и электронӣ равон гардад. Дар ин шакли интиқоли номаҳо камбудӣ низ ҳаст. Мактубҳое, ки ба тариқи почтаи электронӣ меоянд, ба тафтиши асл буданашон ниёз доранд. Бархе аз хонандагон дар ду ва зиёда суроғаи электронӣ, бо имзои гуногун номнавис гаштаанд.

ВАО-и муосир, аз ҷумла нашрияҳои даврӣ низ суроғаи «почта»-и электронии худро доранд. Мисол, суроғаи электронии «Ҷумҳурият» e-mail: jumhuriyat@bk/ru, «Озодагон» – tajmediacouncil@gmail.com, «Нигоҳ» - nugoh_tj@inbox.ru, аз «Фараж» faraj-73@ mail.ru, «Миллат»- www.millat.tj мебошад. Мактубҳои ирсолгардида низ дар ин нашрияҳо кам нестанд. Дар матбуоти имрӯз номаҳои хонандагон бештар дар нашрияҳои умумиҷумҳуриявӣ ба назар мерасад. Аз ҷумла, дар нашрияи «Ҷумҳурият» таҳти рубрикаи «Номаҳо», дар «Тоҷикистон» дар шакли «Пурсед, посух медиҳанд», дар «Нигоҳ» зери рубрикаи «Нигоҳи мардумӣ», дар «Фараж», дар саҳифаи «Мо ва шумо» пайваста номаҳои хонандагон интишор карда мешаванд. Албатта, номаҳои хонандагон аз ҷиҳати мундариҷа гуногунанд. Аз ин нигоҳ онҳоро метавон ба масъалаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ гурӯҳбандӣ намуд. Муносибати аксари нигорандагон ба масъалаи ба миён гузошташуда фардӣ бошад ҳам, андешаву пешниҳодоташон аҳаммияти иҷтимоӣ доранд, аз камбудиҳо ишора мекунанд, ба манфиати ҷомеаи имрӯз

равона шудаанд. Бинобар ин дар номаҳои хонандагон ҳам оҳанги сипос, ҳам шикоят, ҳам ҳамовозӣ, ҳам пешниҳод ва амсоли инро эҳсос мекунем. Ба далели фикр нашрияи «Ҷумҳурият» номаи сокини шаҳри Қӯрғонтеппа Баҳром Айниддиновро зери сарлавҳаи «Чӣ мехонӣ? Порина?» интишор кардааст, ки муаллиф аз куҳнагии матнҳои сурудҳои барномаҳои консертии шабакаҳои телевизиониву радиоӣ изҳори нигаронӣ мекунад: «Ҳамасола Наврӯзи байналмилалӣ бо шукӯҳи хоса таҷлил мегардад. Ба он мардум ва масъулон бо муҳаббату дилгармӣ омодагӣ мегиранд. Шабакаҳои телевизионӣ ва радиоӣ аз тантанаҳои наврӯзӣ дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат намоишҳои ҷолиброро пешкаши тамошобинону шунавандагон мегардонанд. Мутаассифона, дар ин тантанаҳо ҳама он сурудҳои куҳна шунавонида мешаванд. Чаро мумкин нест, ки овозхонон барои ҷашни Наврӯз як суруди навро омода созанд? Охир як соли тамом фурсат доранд. Магар аз рӯйи одоб аст, ки дар чунин як ҷашн ба ҳаводорон сурудҳои куҳнаву обшуставу дилбазанро бирасонанд? Аз ин амал чунин бармеояд, ки овозхонҳои мо кам эҷод мекунанд ва дар ин маврид масъулон бепарвоӣ зоҳир менамоянд. Бисёр мехостам, ки талаботро пурзӯр созанд ва дар ҷашнҳои оянда Наврӯз сурудҳои куҳнаро ба барномаҳои консертӣ ворид накунанд. Шояд ин амал масъулияти овозхононро бештар намояд» (Ҷумҳурият, 2015. – 8 май). Агар ин муаллиф назарашро ба барномаҳои консертии телевизионӣ баён намуда бошад, сокини шаҳри Душанбе Дорои Сухроб дар бораи нархномаи нақлиёти мусофиркашони пойтахт ва муносибати ронандагон ба мусофирон изҳори нигаронӣ намуда, бо шарҳи масъала чунин пешниҳодро ироа медорад:

«Рӯзе бо ҳамроҳии як дӯстам ба нақлиёти мусофиркаше нишастем, ки ба ҷониби Қарияи Боло равона буд. Марди миёнсоле аввалин шуда роҳкироеро, ки аз тарафи шаҳрдорӣ тасдиқ шудааст, яъне 1 сомониву 60 дирам дароз кард. Аммо, баробари дидани тангаҳо пулчинаки нақлиёт гуфт: «Нарх 2 сомонӣ аст, 1 сомониву 60 дирам нест, дигарҳо

мусофиронро то ба Қаряи Боло дар ин қисмати шаб бо нархи 3 сомонӣ мебаранд, мо бошем, 2 сомонӣ мегирем». Ӯ ҳамаро бо ин рафтору гуфтораш ҳайратзада кард. Воқеан, боиси таассуф аст, ки чунин ҳолатҳоро борҳо аз тарафи ронандагон ва пулчинакҳои онон мушоҳида кардаем. Аммо аз чӣ бошад, ки бархе ба нархномаи тасдиқшудаи шаҳрдорӣ ба дидаи эътибор наменигаранд. Ин гуна ҳолатҳои ногуворро ҳамаи масъулон медонанд, аммо дар пайи ислоҳаш намешаванд. Пешниҳод мекунам, ки нархи роҳкироро ба ҷойи 80 дирами муқарраргардида 1 сомонӣ ва ба ҷойи 1 сомонию 60 дирам 2 сомонӣ бинамоянд. Дар ин сурат онҳо на моро мефиребанд, на шаҳрдориро ва низ масъулияти назорат, ки бе ин ҳам дида намешавад, аз миён меравад. Ё ман хато мекунам?» (Ҷумҳурият, 2015.– 29 октябр).

Чунин мактубҳо, ки оҳанги сипос, эрод, гила, нигаронӣ ва ҳамовозӣ доранд, дар нашрияи «Ҷумҳурият» маъмул гардида, ҳукми анъанаро касб намудаанд. Миёни номаҳои хонандагон ба навиштаҳое низ дучор мешавем, ки мундариҷаи онҳоро фаъолияти ВАО, аз ҷумла матбуоти даврӣ ташкил намуда, аз як тараф, таваҷҷуҳи мардум ба расонаҳои иттилоотӣ, аз тарафи дигар, дар беҳтар гардонидани сифати онҳо бетараф набудани аудиторияро мефаҳмонанд. Барои мисол номаҳои Н. Аминов, сокини ноҳияи Рӯдакӣ «Агар шакли электронии рӯзномаҳо истифода шаванд» (Ҷумҳурият, 2010. – 21 июн), Ҳангома Давлатова, ноҳияи Рӯдакӣ «Ба телевизион ва ё шабакаи фароғатӣ ниёз дорем» (Ҷумҳурият, 2012. – 10 январ), Ҷумъахон Ҳусейнов, шаҳри Душанбе «Рӯзномаҳои хусусӣ пур аз хато ба табъ мерасанд» (Ҷумҳурият, 2012. – 23 август), Саидалӣ Бобохонов, шаҳри Қӯрғонтеппа «Пирӯзӣ насиби рӯзномаҳост (Ҷумҳурият, 2014. – 30 сентябр) ин ҷо зикр менамоем. Мавзӯи баҳси ин номаҳо воситаҳои ахбори омма ва мақсадашон ёрмандӣ ба кормандони он аст. Ба ин маънӣ, Саидалӣ Бобохонов навиштааст:

«Тақозои ҳаёт чунин аст, ки вобаста ба вазъи ҷомеа тағйироту таҳаввулот ва дигаргуниҳое, ки дар он ба амал меоянд, рӯзномаҳо низ табдили ном карда, самти фаъолияташон дигаргун мегардад. Чунин ҳақиқати маҳз ба ҳамагон маълум аст, ки рӯзнома ойинаи рӯз аст ва инъикоскунандаи ҳамон рӯз мебошад. Баъд аз солҳои навадум дар ҷомеа тағйироту дигаргуниҳои азиме ба вуқӯъ пайвастанд. Ҷомеа куллан такмилу тағйир ёфт. Сохти давлатдории мо, низоми зиндагии мо нисбати гузаштаи начандон дур аз замин то осмон фарққунанда гашт. Мо аз ҷумлаи он нафароне нестем, ки ҷонибдори ҳар доим иваз кардани ному унвонҳо бошанд. Ному унвонҳое ҳастанд, ки садсолаҳо, ҳазорсолаҳо ва ҳатто зиёдтар аз он барҷоянду ба мардум хизмат кардаанд. Вале боз ному унвон ва мақому мартабаҳое ҳастанд, ки вобаста ба вақту замон онҳоро иваз бояд кард. Табдили ном кардани рӯзнома, бешак, ба салоҳдиди ҳайати эҷодӣ, ҳайати таҳририя ва муассисони он вобаста мебошад. Аммо ба андешаи кумак расонидан ба идораи нашрияҳо мо таъкидан мегӯем, ки рӯзномаҳо метавонад тавассути эълон кардани озмун чандин номҳои муъҷазу мувофикро пайдо кунанд. Он номҳо истифода мешаванд ё не, вале пирӯзӣ хоҳу нохоҳ боз насиби рӯзномаҳо хоҳад шуд. Зеро ба ин васила пайванди хонандагон бо онҳо боз ҳам қавитар мегардад (Ҷумҳурият, 2014. – 30 сентябр)».

Солҳои охир дар ин нашрия рубрикаи «Розу ниёз» (гӯшаи номаҳои шаҳрвандон) маъмул шудааст, ки дар зери он ҳамчунин номаҳои хонандагон чоп кунонида мешавад. Аз ҷумла, дар шумораи 6-уми январи соли 2015, дар саҳифаи 4-ум шаш мактуби шаҳрвандон интишор шудааст, ки мазмун ва оҳанги ҳамовозиро доранд.

Робита бо хонандагон ва дар шакли номаҳо нигоҳ доштани алоқа бо аудитория дар нашрияҳои мустақил низ маъмул шудааст. Аз ҷумла, чунончи ишора шуд, саҳифаи 15-и нашрияи «Нигоҳ» «Нигоҳи мардумӣ» ном дорад, ки дар он нигошта ва суолҳои хонандагон ба

таври мудовим нашр шудааст. Ин саҳифа аз рубрикаҳои хурди алоҳида, амсоли «Ман қабул надорам», «?-нобоб», «Акси гӯё», «Наход», «Латифа», «Чаро?» иборат аст. Аз ин рӯ, номаҳо дар шакли луқма, пешниҳод, раддия, маслиҳат, пурсиш ва амсоли ин омаданд. Албатта, тамоми маводи ин саҳифаро маҳсули муносибати сотсиологии хонандагон ба воқеиёти иҷтимоӣ гуфта наметавонем, зеро дар он баъзан эълону таваҷҷуҳ низ ҷой дода мешавад, аммо як омил - назари хонандагон будани маводиб сохтори мундариҷавии саҳифаро ба шакл медарорад. Як хусусияти номаҳои ин нашрия он аст, ки аксарияташон оҳанги танқидӣ доранд, аз камбудиҳо сухан меронанд, ислоҳи онҳоро талаб мекунанд. Барои далел ин ҷо танҳо аз ду маводе ёдрас мешавем, ки предмети инъикосашон бевосита ВАО аст. Маводи аввал ба қалами сокини шаҳри Душанбе Раҷабалӣ Мардонов тааллуқ дошта, таҳти унвони «Рӯзноманигорон! Хатоҳои имлоии шуморо қабул надорам!!!» интишор шудааст. Муаллиф аз рағбат доштани худ ба маводи рӯзномаву маҷаллаҳо ишора намуда, таъкид месозад, ки ҳар ҳафта писар ва наберагони худро хоҳиш мекунад, ки барояш ҳафтавори зарурирo харида оранд. Ӯ ҳамчун хонандаи доимии матбуоти даврӣ ҳолати рӯзномаҳои замони Шӯравӣ ва имрӯзаро муқоиса намуда, аз зиёд шудани рӯзномаҳо дар замони истиқлол, рангоранг гардидани матолиби нашрияҳо ва ба сӯйи худ кашидани муштариён изҳори хурсандӣ менамояд. «Аммо бисёр ҷойи нигаронӣ аст, менависад ӯ, ки дар аксари нашрияҳои тоҷикӣ хатогии услубию имлоӣ бисёр мушоҳида мешавад. Бар замми ин ҳарфҳои думчадори тоҷикӣ гоҳе дар вожаву ҷумлаҳо чаппа ё ба шакли нохоно чоп мешаванд, Ҳатто дар баъзе ҷумлаҳо ҳарфҳои думчадор навишта намешаванд» (Нигоҳ, 2013. – 4 сентябр). Ҳарчанд муаллифи нома сабаби чунин иллатро мушаххас нишон намедиҳад, аммо бо таъсири «Главлит»-и замони Шӯравӣ дар нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Садои мардум» нисбатан кам будани хатоиҳо ва дар нашрияҳои ғайриҳукуматии «Нигоҳ», «Фараж», «Озодагон», «СССР», «Миллат»,

«Тоҷикистон», «Чархи гардун», «Самак» ва ғайра зиёд мушоҳида шудани норасоиҳоро зикр менамояд. Ба андешаи ӯ «Нашрияҳо дар баробари маърифатнок кардани хонандагон, бехато навиштанро бояд риоя карда, дар тарзи дурусти навиштани вожа, ибора, ҷумла ва матн барои хонандагонашон намуна бошанд. Хуб мешуд, ки сардабирони газетаҳо ба ин норасоиҳо саҳлангорӣ накарда, аз паси ислоҳи он мешуданд, ё мусаҳҳеҳони ботаҷрибаро ба кор даъват мекарданд».

Матлаби дуюм, ҳарчанд бевосита ба фаъолияти ВАО иртибот надошта бошад, аммо муносибати танқидшавандагон, хоса мансабдоронро ба матбуоти даврӣ мефаҳмонад. Мазмуни номаро маҳз чунин муносибат, яъне нест кардани шумораҳои нашрияҳо аз ҷониби танқидшавандагон ташкил медиҳад. Муаллифи мактуб, сокини шаҳри Исфара Эркин Раҳимзода бо таассуф менависад, ки аз дуконҳои шаҳри Исфара нашрияи «Нигоҳ»-ро пайдо карда натавонистааст. Дар ҳар дӯкон ӯ ҷавоби «як мард ҳамаашро яклухт харида рафт» шунидааст. Ин ҳолат боиси афзудани ҳайраташ гардида, ба Хуҷанд меравад. Вақте аз шаҳри Хуҷанд шумораи ин нашрияро пайдо мекунад ва аз рӯйи вокуниши Муҳибуллоҳ Қурбон таҳти сарлавҳаи «Пистаи бемағз агар лаб во кунад…» тахмин мекунад, ки шояд ин амали раиси шаҳри Исфара Раҳмоналӣ Амиров, муовинаш Осифхон Маматов, сармеъмори шаҳр Мубин Фатоев ва ё мухотабони дигари вокуниш омӯзгорон - сарварони мактабҳо Абулҳафиз Азизов ва Наима Назирӣ бошад. Ба ин маънӣ, савол мегузорад (масъалагузорӣ мекунад): «Намедонам ин кори дасти кист. Акнун саволи матраҳ ин аст, ки чунин ҳолатҳо дар Исфара то кай давом мекарда бошад? Акнун наход, ки ҳар боре фаъолияти кори ягон мансабдори Исфара дар ин ё он нашрия танқид шавад, моро рафтани шаҳри Хуҷанд як сарборӣ шавад?» (Нигоҳ, 2012.– 12 декабр).

Истифодаи номаҳои хонандагон ва интишори онҳо дар нашрияи «Фараж» низ усули хоси худро дорад. Ин нашрия, асосан, зери рубрикаҳои «Номаҳои бетаҳрир» ва «Мо ва Шумо» нигоштаҳои

хонандагонашро ба табъ мерасонад. Номаҳои ин нашрия низ аз рӯйи мундариҷа ва мазмун гуногунанд, аммо ифшои мушкилоти иҷтимоиву фардӣ, ки оҳанги илтиҷо доранд, дар он зиёдтар ба назар мерасад. Масалан, факти номаи Мавлуда Кенҷаева сокини шаҳри Душанбе, ки зери рубрикаи «Номаи бетаҳрир» ба табъ расидааст, фиреб хӯрдани фарзандаш аз ҷониби фирмае бо номи «Таджик Авио Тур» аст, ки се сол боз бедарак аст. Муаллиф ҳодисаро муфассал шарҳ дода, бо оҳанги илтиҷо менависад: «Ман аз президенти муҳтарам, аз ҳамаи масъулин ҳамчун як модари дар суроғи фарзанд ҷигарсӯхта, эҳтиромона хоҳиш мекунам, ба ман кумак кунанд, то ин ки писарам ёфт шавад» (Фараж, 2013. – 28 август). Дар номаи дигаре, ки зери чунин рубрика чоп шудааст, пушаймонӣ ва узрхоҳии «Номаи муаллиме аз маҳбас» аст, ки аз кирдораш мутаассиф гашта, гуноҳшӯйӣ мекунад ва ба омӯзгорон мурочиат менамояд, ки ба амалҳои номатлуб даст назананд ва ба номи шарифи муаллим доғ наоранд: «Омӯзгорони азиз! Эй онҳое, ки номи пуршарафи муаллимро доред, бовар кунед, то замоне, ки таълиму тарбияи омӯзгор назарфиребона ва рӯякӣ аст, то замоне, ки гардиши ғайриқонунии маблағ дар мактабу маориф вуҷуд дорад ва сохторҳои ҳифзи ҳуқуқи ҷомеа маорифро фасодзодатарин соҳа дар ҷумҳурӣ медонанд, муаллим метавонад субъекти ҷиноят бошад. Бовар кунед, ҳар омӯзгоре, ки имрӯз дар маҳбас қарор дорад, худро танҳо мебинад ва аз худ гиламанд аст. Вале надомати пушти панҷара дигар суд надорад. Бовар кунед, ҳамаи он амалҳои ғайриқонунӣ, чи қадаре ки хурд ё бузург набошанд, як рӯз не як рӯз метавонанд подоши худро дарёбанд…» (Фараж, 2012.–17 октябр).

Дар баробари ин зери рубрикаи «Мо ва Шумо» матолибе низ интишор мешавад, ки мазмуни сипос, табрикоту муборакбодӣ ва тасаллиятро доранд. Муаллифони номаҳо мехоҳанд наздикон ва пайвандони худро ба муносибати мавлуд таҳният гӯянд ва ё аз марги наздиконашон изҳори тасаллият намоянд, зикри хайр ба ҷо оранд. Чунончи, дар шумораи 1-уми майи соли 2003 зери ин рубрика 7 матлаб

ҷой дода шудааст, ки 1 матлаб мазмуни сипос, 3 мавод оҳанги тасаллият, 2 матлаб рӯҳияи табрикотӣ ва 1 матн, ки дар қолаби назм аст, оҳанги танқидӣ дорад.

Дар номаҳои хонандагони нашрияи «Фараж» низ нигоштаҳоеро мушоҳида мекунем, ки аз муносибати мардумро ба нашрияҳои даврӣ, хоса ҳафтаномаи мавриди назар ифода мекунанд. Аз ҷумла, дар матлаби сокини Шаҳритӯс Азизи Фаттоҳ «Дар Шаҳритӯс «Фараж» камчин аст» вазъи кори паҳнкунандагони матбуот, фаъолияти шуъбаҳои «Почтаи тоҷик» дар ноҳияҳои Шаҳритӯсу Қубодиён ва Носири Хусрав мавриди баррасӣ қарор гирифта, масъала мегузорад, ки дар ҳолати суст будани фаъолияти почта, аксари мардум нашрияҳои давриро аз дуконҳои рӯзномафурӯшӣ мегиранд. Аммо, мутаассифона, бисёр хонандагон аз камчинии нашрияи «Фараж» шикоят доранд (Фараж, 2009.– 22 июл).

Аз муҳтавои номаҳои хонандагон бармеояд, ки аксари нашрияҳо бо аудиторияи худ робитаи хуб доранд, кӯшиш мекунанд, ки нигоштаҳои онҳоро чоп кунанд, барои ҳалли мушкилоташон мусоидат намоянд ва ба ин васила мундариҷаи худро рангоранг ва муҳимму мубрам гардонанд. Воқеан, номаҳои хонандагон дар контексти робита бо аудиория нақши муҳим дорад, зеро аудитория бавуҷудоварандаи иттилоот, нигаҳдоранда ва паҳнкунандаи он аст. Ба таъбири В.Ф. Олешко «аудитория дар ҳамон андозае вуҷуд дошта, вазифаааашро иҷро карда метавонад, ки истеҳсол ва пахши иттилоти оммавӣ дар ҷомеа чи гуна амалӣ мешавад» [98, с. 44].

Мактубҳое, ки ба идораҳои нашрияҳои даврӣ ирсол мегарданд, ҳуҷҷат дониста мешаванд. Мактубҳои ба редаксия ирсолгардида, ҳамчун мактуби одӣ ҳуҷҷати шахсӣ мансуб меёбанд, ки аз иттилооти аҳаммияти иҷтимоӣ дошта таркиб ёфтааст. Маҳз чунин иттилоот боис мегардад, ки онҳо дар саҳифаҳои нашрияҳои даврӣ интишор ёбанд.

Дар нашрияи «Миллат» низ аз ин усули робита бо аудитория истифода мешавад. Аммо дар муқоиса бо нашрияҳои «Нигоҳ» ва

«Фараж» дар «Миллат» мактубҳои хонандагони камтар ба назар мерасад. Аксари номаҳои ин нашрия оҳанги норизоӣ ва талоши ҳақиқатҷӯйӣ доранд. Масалан, дар шумораи 22 апрели соли 2010 зери рубрикаи «Вокуниш» мактуби шаҳрванд Раҳмоналӣ бо унвони «…Битарс аз Худой ё ростӣ беҳтарин некист» интишор шудааст, ки як навъ ҷавоб ба мактуби додхоҳии таҳти сарлавҳаи «Тобутамро аз хонаи худам бароранд!» (Миллат, 2010.–11 март) мебошад. Нигорандаи мактуб сокини муваққатии кӯчаи Пушкин – 29, шаҳри Қӯрғонтеппа Бобоева Гулистон мебошад. Ин гуна мактубҳо дар матбуоти даврии муосири тоҷик зиёданд, ки таҳлилу баррасии онҳо пажӯҳиши васеъро мехоҳад. Аммо аз ин ишора манзур он аст, ки тавассути мактубҳо хонандагони нашрияҳо на танҳо ормонҳои худро ироа медоранд, балки нисбати навиштаҳои ҳамдигар бетараф нестанд. Хонандае, ки аз мундариҷаи мактуби интишоршудаи хонандаи дигар розӣ нест бо ӯ дар музокира шуда, ақидаву фактҳои ба назараш дурустро талқин мекунад. Ин усул имкон медиҳад, ки ба воситаи мактубҳои дар нашрия чопшуда аудитория ба ҳам ояд, табадули афкор намояд ва ба ин васила ҳақиқатро пайдо кунад.

Омӯзиши нашрияҳои даврӣ аз ин нигоҳ нишон медиҳад, ки воқеан мактубҳои хонандагон василаи робитаи нашрияҳо бо аудитория мебошад. Тавассути номаҳои хонандагон на танҳо хотираҳо, кирдорҳо, камбудиҳо, муносибатҳои иҷтимоӣ ва амсоли ин ошкор мегарданд, балки, тавре ишора шуд, бархе аз онҳо барои журналистон ба сифати манбаи иттилоот ва тавлиди ғояи мавзӯи нав хидмат мекунанд. Ба ибораи дигар, аз камбудиву мушкилот журналистонро ҳушдор намуда онҳоро ба таҳқиқи проблемаҳо равон месозад. Масалан, дар шумораи 5-уми ноябри соли 2014-и «Фараж» зери сарлавҳаи «Музафарова кист ва чаро авбошиҳои ӯ беҷавоб мемонад?» дар заминаи аризаи соҳибкор Шуҳрат Абдуҳомидов таҳқиқот гузаронида шудааст. Ё дар шумораи 19 ноябри соли 2013-и ҳамин нашрия, бо сарлавҳаи «Саргузашти арӯси ҳисорӣ» мактуби шикоятии Сарвиниссо Турсунзода аз сардори ШВКД-и

ноҳияи Ҳисор ва дигар кормандони мақомоти ҳуқуқ дар ду шумораи ҳафтанома чоп гардидааст.

Албатта, қабул ва интишори мактубҳои хонандагон чи барои кормандони нашрияҳои даврӣ ва чи барои ҷомеа аз аҳаммият холӣ нест. Аммо коркарди мактубҳо масъулияти ҷиддиро мехоҳад, зеро, тавре аз мисолҳои боло маълум гардид, баъзан нигорандагон ҳодисаҳоро танҳо аз назари худ баҳо медиҳанд, ба паҳлуи дигари масъала эътибор намедиҳанд, бештар манфиати худро мебинанд. Ин ҳолат талаб менамояд, ки редаксия пеш аз нашри мактуб мазмуну моҳият ва оқибати нашри онро хуб санҷад.

Ҳамин тавр, омӯзиши номаҳои хонандагон ҳамчун усули робитаи нашрияҳои даврӣ бо аудитория имкон дод, ки натиҷаҳои зеринро ҳосил намоем:

– мактубҳои хонандагон аз усулҳои классикии робитаи нашрияҳо бо аудитория ва омӯзиши хонандагон буда, дар ҳар марҳилаи инкишофи матбуоти тоҷик истифода шудааст, аммо муносибат ба мактубҳо ва интихоби интишори онҳо дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи матбуоти даврӣ яксон набудааст. Дар матбуоти замони Шӯравӣ нашрияҳо моҳе як маротиба номаҳои ба идораи нашрия ворид шударо хулоса намуда, намунаҳояшро интихобан ба табъ мерасониданд. Дар матбуоти имрӯз ин шеваи муносибат ба номаҳои хонандагон мушоҳида намешавад;

– номаҳои дар саҳифаҳои нашрияҳои даврӣ интишоршуда ҳам аз ҷиҳати муҳтаво, ҳам аз назари шакл ва ҳам ҳудуд гуногунанд. Дар онҳо воқеаҳое инъикос шудаанд, ки дар доираи ҳаёти шахсӣ ва мушкилоти иҷтимоӣ қарор гирифтаанд;

– номаҳои хонандагонро аз рӯйи оҳанги муроҷиат ва махсусияти мундариҷа метавон чунин навъбандӣ кард:

а) номаҳое, ки оҳанги сипос ва ҷонибдорӣ дошта, дар шакли луқма бо баёни фикр, муносибат, арзиш ва пурсиш интишор гардида, барои равшанӣ андохтан ва дахолат намудан ба масъалаҳои гуногун равона шудаанд;

б) мактубҳои ташреҳии проблемавӣ, ки оҳанги танқидӣ дошта, мазмуни шарҳи фактии воқеаҳо, тавзеҳи мушкилот ва талабу дархост доранд;

в) мактубҳое, ки бо оҳанги хоҳиш, муроҷиат ва илтиҷо иншо гардида, мақсадашон дастгирӣ, ёрӣ, дахолат ва мусоидат кардан ба ҳалли мушкилот аст.

## II.2. Истифодаи усули пурсиш дар нашрияҳои даврӣ

Дар замони муосир бо ташаккули рӯҳияи демократии ҷомеа дар воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла дар матбуоти даврӣ муносибати сотсиологӣ ҳам ба воқеияти иҷтимоӣ ва ҳам ба аудитория бештар мегардад. Рӯзноманигорон барои ташаккули афкори солим ва рангоранг гардонидани назароти иҷтимоӣ бештар кӯшиш менамоянд. Ин амри табиӣ аст. Тавре муҳаққиқ М. Муродов навиштааст: «бунёди ҷомеаи воқеан демократӣ дар ҳолате самаранок ҷараён мегирад, ки масъулияти шаҳрвандии мардум баланд ва дахолатпазириашон ба корҳои иҷтимоӣ бештар гардад» [87, с. 233].

Дар ин раванд рӯзноманигорон аз методҳои гуногуни ба даст овардани иттилооту маълумот истифода мебаранд, ки яке аз он пурсиш аст.

«Пурсиш усули сотсиологии ба даст овардани иттилоот мебошад, ки дар шакли алоқаи бевосита ва ё бавоситаи таҳқиқгар бо респондент ба мақсади гирифтани посухи зарурӣ ба саволҳо сурат мегирад. Ин муошират, ки ба шарофати он, на танҳо дар бораи фактҳо, ҳодисаҳои имрӯзаву гузашта, балки доир ба назари пурсидашудагон иттилоот мегирем, ивазнашаванда аст. Ин усули васеъ ва боваринок буда, қобилияти ҳалли вазифаҳои зиёдро дорад. Ин усулро бештар ҳамон вақт истифода мекунанд, ки агар ба фаҳмидани фикр, назар, омӯхтани тамоюли респондентон, аз ҷумла аудитория зарурият пеш ояд» [119, с. 39].

Дар фаъолияти журналистӣ ва ҳамчунин дар таҳқиқотҳои сотсиологӣ пурсиш аз маъмултарин методи ҷамъоварии иттилоот ба ҳисоб меравад, зеро табиати ин усул имкон медиҳад, ки муносибати мардумро ба рӯйдод, воқеа, ҷараён, вазъият, ҳолат фаҳмем ва ба ин васила доир ба мавзӯоти мухталиф иттилоот ва маълумоти рангоранг ба даст орем. Ҳамчунин усули мазкур имкон медиҳад, ки тариқи телефон, интернет, анкета, мусоҳибаи рӯ ба рӯ иттилооту маълумот ба даст орем. Махсусияти методи пурсиш, пеш аз ҳама, дар он аст, ки сарчашмаи маълумотдиҳандаи ахбори ибтидоӣ инсон мебошад. Инсоне, ки мавриди пурсиш интихоб мешавад бо истилоҳи сотсиологӣ «респондент» ном дорад. Маъмулан ба сифати респондент шахсе интихоб мегардад, ки иштирокчӣ ва ё шоҳиди воқеа аст, назари тоза дорад, соҳибфикру мустақиландеша мебошад. Барои интихоби чунин шахс масъалаи шинохти респондент ба миён меояд, ки дар контексти омӯзиши сотсиологӣ ва журналистӣ ҷойгоҳи муҳим дорад. Дар пурсиши сотсиологӣ интихоби дурусти респондент аз омили муҳим ба ҳисоб меравад. Чунин нафарон, пеш аз ҳама, коршиносон ё ба ибораи илмӣ экспертҳо буда метавонанд, аммо ин маъноеро надорад, ки мардуми одӣ мавриди пурсиш қарор намегиранд. Вобаста ба хусусият ва сатҳи мавзӯъ тамоми мардум метавонанд ба ҳайси респондент интихоб шаванд. Ба ин мазмун, аз рӯйи хислати гурӯҳи респондентон пурсишро ба оммавӣ ва экспертӣ ҷудо мекунанд.

Хусусияти пурсиши оммавӣ он аст, ки дар он респондентони зиёд, аудиторияи оммавии ВАО, ин ё он нашрияи даврӣ ва ё шабакаи алоҳида иштирок мекунанд. Дар ин навъи пурсиш саволҳои нисбатан сода ва амалӣ истифода мешаванд. Хусусияти пурсиши экспертӣ он аст, ки респондентон коршиносони касбу кори гуногун мебошанд ва муносибат ба предмети омӯзиш аз нигоҳи касбӣ сурат мегирад. Пурсиши экспертӣ аз навъи нисбатан махсус маҳсуб меёбад. Инро баъзан усули баҳодиҳии экспертӣ низ меноманд.

Дар матбуоти даврии тоҷик истифодаи методи пурсиш анъанаи дерина дорад, ки дар анҷоми ҳар сол бо суоли «Соли гузашта дар Шумо чӣ нақш дошт?» ва «Соли гузашта дар Тоҷикистон чӣ нақш гузошт?» мисоли он аст. Аммо дар матбуоти даврии муосир мавқеи ин усул дар низоми методҳои журналистӣ ва сотсиологии ба даст овардани иттилооту маълумот, бештар гардид. Дар матбуоти даврии муосир қариб аксари нашрияҳо аз усули пурсиш истифода мебаранд, аммо дар нашрияҳои хусусӣ ин усул зиёдтар истифода мешавад. Дар ин нашрияҳо саҳифа ва рубрикаҳои махсус ташкил шуданд, ки мундариҷаашонро иттилооти тавассути пурсиш ҳосилшуда ташкил медиҳад.

Бино ба таҳқиқи М. Муродов, «дар матбуоти замони истиқлол чунин пурсишҳоро бори аввал «Рӯзи нав» маъмул гардонид. Ин нашрия рубрикае бо унвони «Суоли рӯз» ташкил намуд, ки зери он масъалаҳои муҳимми рӯз тариқи пурсиш мавриди ибрози андешаи коршиносон қарор гирифт» [87, с. 234]. Ин нашрия бо пайравӣ ба «блитс-опрос»-ҳои матбуоти даврии рус назарпурсиро дар матбуоти тоҷик маъмул гардонид.

Баъдтар чунин навъи пурсиш ба бештари нашрияҳои даврӣ доман паҳн кард. Ба хусус, дар нашрияҳои «Азия плюс», «Нигоҳ», «Фараж», «Миллат», «Озодагон» ва ғайра рубрикаҳои хоса пайдо шуданд, ки матолибашонро иттилооти тавассути усули пурсиш ҳосилшуда ташкил медиҳад. Аз ҷумла, дар нашрияи «Нигоҳ» саҳифаи «Нигоҳи Шумо», рубрикаҳои «Минбари коршинос», «Андешаи хос», «Афкор», «Пурсиш», «Пурсиши телефонӣ», «Райъи тоҷнет», «Садои мардум», «Чеҳраҳои сол», «Минбари фейсбукҳо» хусусияти доимӣ пайдо кард. Дар «Миллат» рубрикаи «Пурсиши ҳафта» ба вуҷуд омад, дар «Озодагон» рубрикаҳои «Ҳафт посухи ҳафта», «3 дидгоҳ», «3 назар», «1 пурсиш = 7 посух», «Пурсиш» ва амсоли ин маъмул гардиданд. Ҳамчунин муроҷиат ба коршиносон ва дар асоси фикри онҳо навиштани матни журналистӣ, амсоли табсираву нигориш, хос гардид.

Омӯзиши ин масъала нишон дод, ки нашрияҳои даврӣ аз навъҳои гуногуни пурсиш истифода мебаранд, ки назарсанҷӣ, мавқеъгирӣ, баёни фикр, ироаи муносибат аз гунаи онҳост. Барои далели фикр рӯ меорем ба намунаҳо ва таҳлили онҳо.

Тавре ишора шуд, истифодаи усули пурсиш бештар дар нашрияҳои хусусӣ маъмул шудааст, ки аз ин миён «Нигоҳ» афзалият дорад. Ин нашрия дар тӯли фаъолияти худ аз шаклҳои гуногуни пурсиш истифода бурдааст. Яке аз чунин шаклҳо «Пурсиши телефонӣ» аст, ки дар солҳои аввали фаъолият ин нашрия истифода намудааст. Дар чунин пурсиш, асосан масъалаҳое мавриди назар қарор дода шудаанд, ки дар ҷомеа барои шаҳрвандон омили нигаронкунанда будаанд. Аз ҷумла, «Шумо дар ҷашнгирии Соли нав чӣ қадар маблағ сарф мекунед?» (2007, 27 декабр). Дар ин гунаи пурсиш нашрия ба шаҳрвандон танҳо бо як савол муроҷиат намуда, мазмуни посуххоро таҳлил ва натиҷаашро интишор кардааст. Масалан, саволи боло чунин ҷамъбаст шудааст: «Соли нави мелодӣ, ки ҷашнгирии онро аллакай дар қисмати бузурги ҷаҳон оғоз кардаанд, имсол дар Тоҷикистон ва кулли кишварҳое, ки мардуми бумиаш мусулмонанд, ҳафтае баъд аз иди Қурбон фаро мерасад. Хонандагони гиромии «Нигоҳ» дар шумораи гузаштаи рӯзнома натиҷаи пурсиши телефонии моро дар мавриди сарфу харҷи аҳолӣ дар иди Қурбон мутолиа карда буданд. Ин ҷо танҳо ёдовар мешавем, зиёда аз 36% пурсидашудагон гуфта буданд, ки камтар аз 200 сомонӣ харҷ дар назар доранд». Бо ташреҳи натиҷаи пурсиши навбатӣ омори он дар шакли диаграма нишон дода шудааст, ки чунин аст: 46,4% то 200 сомонӣ, 35,6 % аз 200 то 300 сомонӣ, 8,3% аз 300 то 500, 5,7% харҷ карданӣ нестам, 4% дар Наврӯз сарф хоҳам кард.

Шакли дигари пурсиши ин нашрия Мавқеъ» аст, ки воқеан дар низоми пурсишҳои ин ҳафтанома ҷойгоҳи хос дорад. Дар ин шакли пурсиш барои муайян кардани мавқеи шаҳрвандон, ба вижа коршиносон ба воқеиёт ва масоили мубрами рӯз нашрия аз ду нафар пурсон шудааст, аниқтараш ҷавоби ду нафарро чоп кунонидааст, ки яке оҳанги мусбат ва

дигаре манфӣ дорад. Барои ин нашрия аз сохтори «ОРЕ!» ки дар тарафи рости саҳифа ва «НА!» дар тарафи чапи он ҷойгир шудааст, истифода намудааст. Ин ҷо, асосан саволҳое мавриди мавкеъгирӣ қарор гирифтаанд, ки ба воқеиёти муҳимми рӯз иртибот дошта, тавлидкунандаи афкори наванд. Барои исботи фикр баъзе намунаҳоро аз шумораҳои солҳои гуногуни нашрия бо зикри посухдиҳандагон меорем: «ИБО-и «Роғун»-ро бо маоши мардум сохтан имкон дорад? Т. Тураев, вакили мардумӣ – оре!, Х. Маҳмуд – не! (2009, 26 ноябр), «Ба демократӣ ва шаффоф гузаштани интихобот бовар доред?» Б. Зоиров – оре!, И. Сулаймонӣ – не! (2009, 9 декабр), «Сарватмандонро ба харидории саҳмияҳои «Роғун» маҷбур кардан мумкин аст? Ҳ. Сайфуллозода – оре!, Р. Мирзо – не! (2010, 21 январ), «Арчаи солинавӣ бошад?» З. Орифӣ – оре!, Т. Саидов – не! (2010, 22 декабр), «Оё Иттиҳоди Авруосиёро дастгирӣ мекунед?». А. Ҷумъаев, сокини шаҳри Душанбе – оре!, Б. Муродилло, таҳлилгар – не! (2011, 5 октябр), «Лимит» боиси эътирозҳо шуда метавонад? Б. Муродилло – оре!, С. Толибов – не! (2012, 14 март), «Вохӯрии Хуан Мендос бо Эмомалӣ Раҳмон ягон натиҷа медиҳад?» Д. Орифова, сокини шаҳри Душанбе – оре!, И. Ислом, сокини шаҳри Кӯлоб – не!. (2012, 16 май), «Бадгӯиҳо дар бораи Паёмбари исломро таҳамул мекунед?» Б. Самадов, омӯзгор – оре!, Абдулло Муҳаққиқ – не! (2012, 30 май), «Шумо карикатура кардани презедент ва пайвандонашро қабул доред? З. Маҳкам, сокини Душанбе – оре!, Ш. Муллоев, устоди донишгоҳ – не! (2013, 6 феврал), «Кандани санги мазори шаҳидони феврали хунинро қабул доред? А. Урунбоев, аспирант – оре!, Х. Маҳмуд, рӯзноманигор – не! (2013, 13 феврал) ва ғайра.

Як хусусияти ин гуна пурсишҳо он аст, ки идораи нашрия пеш аз савол омилҳои ба пурсиш зарурият пайдо кардани мавзӯи баррасишавандаро шарҳ дода, баъдан саволро мушаххас кардааст. Масалан, омили ба пурсиш зарурият пайдо кардани мавзӯи «Бадгӯиҳо дар бораи Паёмбари исломро таҳамул мекунед?» чунин тавзеҳ шудааст: «Саҳари 29-уми май ровии радиои «Маяк» Сергей Асланян дар назди

манзили истиқоматиаш аз тарафи шахсони номаълум мавриди ҳамла қарор гирифтааст. Чанде қабл ин наттоқ дар радио Паёмбари исломро мавриди таҳқир қарор додааст ва эҳтимол меравад, ки ин амали ӯ боиси рух додани ҳодисаи мазкур шуда бошад. Бархе аз соҳибназарон ин ҳамларо маҳкум мекунанд, вале бархе дигар бар онанд, ки барои ин амал танбеҳи сахттар додан мумкин аст, то барои дигарон дарс шавад. Вобаста ба ин мавзӯъ «Нигоҳ» аз мардум пурсид».

Хусусияти дигари ин гунаи пурсиш, тавре ки аз намунаҳо бармеояд интихоби саволҳо ва респондентон мебошад, ки то андозае ба ҳам мувофиқ омадааст. Респондентон кӯшиш намудаанд, ки мавқеи худро на танҳо бо посухи тасдиқии «оре» ва «не» нишон диҳанд, балки онро тавзеҳ намоянд, асоснок гардонанд, то фикрашон муътамад гардида ҷонибдор пайдо кунанд. Масалан, Аҳмад Ҷумъаев мавқеи худро нисбат ба саволи «Оё Иттиҳоди Авруосиёро дастгирӣ мекунед?» ба тарзи зайл маънидод мекунад: «Ҳа! Кишварҳои собиқ Шӯравӣ ба мушкилоте печидаанд, ки агар як ҷо нашаванд, ҳал карда наметавонад. Масалан, бубинед, ки аз маводи нафтиву газу дигар моле, ки ба мо намерасад, чӣ қадар зиён дидем. Ҳанӯз ҳам бо зӯри пойгоҳҳои низомии Русия амниятамон таъмин мешавад. Мутаассифона, тайи 20 сол дар мо фасоду ришват рушд кард. Ҳукуматҳо худкома шуданд ва халқ дар азоб аст. Аммо, ба шарте ин Иттиҳод қобили қабул аст, ки дар масоили дохилӣ кишварҳо ва миллатҳо мустақил бошанд, масалан, бо забону фарҳанг, дини мо кор нагиранд, ба равобитамон бо олами беруна халал нарасонанд ва дар ба рӯйи истиқлолиятро бо кишварҳои узв набанданд. Ин Иттиҳод агар ИМА бошад, на СССР қобили қабул аст». Ба ҳамин савол Бузургмеҳри Муродилло посухи баръакс медиҳад, ки чунин аст: «На!, Ҳаргиз! Якум барои он ки тамоми ташкилотҳое, ки то имрӯз Путин ташкил кардааст, бесамар буданд. Дувум, дар ҷаҳони имрӯза Русия мавқеи муайян надорад ва дар масъалаҳои байналмилалӣ ба гапи он касе гӯш намекунад. Ин пешниҳоди сарвазир ва президенти ояндаи Русия ба хотири ба сари қудрат омадан аст ва бо ин роҳ мехоҳад худро барои

мардум «ширин» нишон диҳад. Худ бубинед, ки таҳлилгари рус ба сари қудрат омадани Путинро ба Муаммар Каззофӣ шабоҳат додааст, пас ба кадом бовари мо ба ин иттиҳоде, ки аз тарафи ӯ пешниҳод мешавад, бовар кунем?

Ташкил кардани чунин иттиҳод ин боз мутеъ кардани собиқ кишварҳои Шӯравӣ мебошад. Ман пешниҳод дорам, ки агар ташкил шавад, Тоҷикистон набояд ба он иттиҳод ҳамроҳ шавад» [191; 2011. – 6 октябр ].

Таҳлили рубрикаи «Мавқеъ» нишон медиҳад, ки посухҳо ҳарчанд аз ҷиҳати муносибат ба воқеияти иҷтимоӣ гуногунанд, аммо аз ҷиҳати ҳаҷм ва тарзи баррасӣ ба ҳам наздикӣ доранд. Посухҳои коршиносон аз ҷиҳати мантиқ, ҳолати масъала ва аҳаммияти иҷтимоии он нисбатан боваринок ва қобили қабуланд.

Зеррубрикаи дигаре, ки дар саҳифаи «Нигоҳи Шумо» маъмул аст, «Минбари коршинос» мебошад. Ин рубрика, ки гоҳҳо дар шакли «Минбари Шумо» низ вомехӯрад, аз ҷиҳати шакл ва мундариҷа бо рубрикаҳои дигари саҳифаи мазкур умумият дорад. Дар он низ алоқамандии савол ба воқеиёти рӯз мушоҳида мешавад, моҳияти савол тавзеҳ меёбад, омилҳои пурсиши он мушаххас мешавад, аммо, бо вуҷуди ин, рубрикаи мазкур хусусияти хоси худро дорад. «Хусусияти «Нигоҳи Шумо»-ро, асосан, мавриди пурсиш ва музокираҳои инфиродӣ қарор гирифтани муҳимтарин масъалаҳои рӯз, барои ҷолибияти саҳифа ва ҳавасмандгардонии респондентон ҷой додани акси онҳо ташкил медиҳад» [87, с. 235]. Воқеан, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки музокираҳои ашхоси гуногун доир ба масъалаҳои муҳимми рӯз ва дар баробари матни гуфтор ҷой додани акси ренспондентон аз ҷумлаи махсусияти рубрикаи «Минбари коршинос» аст. Дар омади сухан, чопи акси респондентон дар аввал маъмул набуд. Дар ин гунаи пурсиш аз ду то 5 нафар (бештар 3 нафар) респондент иштирок намудаанд, ки аз ҷиҳати хусусиятҳои иҷтимоиву демографӣ, ҷаҳонбинӣ, мавқеъ ва муносибат ба мавзӯи пурсиш гуногунанд. Масалан, агар ба саволи «Номгузории миллӣ бояд

чӣ гуна бошад» (2010, 22 декабр) посухи ду нафар – Нуриддин Қаршибоев, Раиси Асотсиатсияи расонаҳои мустақили Тоҷикистон ва Сухроб Зиё, журналист нашр шуда бошад, ба саволи «Болоравии нархи бензин чӣ паёмадҳо дорад?» (2011, 5 май) се нафар – Сайфулло Сафаров, муовини раиси МТС, Салимҷони Пирназар, муҳаррири бахши иқтисодии ҳафтаномаи «Тоҷикистон» ва Шариф Муллоев, омӯзгор посух додаанд.

Навъи дигари пурсишҳои сотсиологии нашрияи мавриди баррасӣ «Минбари фейсбукҳо» аст, ки асосан аз соли 2013 маъмул гардидааст. Сохт ва мундариҷаи ин рубрика низ бо рубрикаҳои дигар ҳамоҳангӣ дошта бошад ҳам, баъзе хусусиятҳои онро мушаххас кардан мумкин аст. Шабоҳати «Минбари фейсбукҳо» аз рубрикаҳои дигар он аст, ки ин ҷо низ муҳиммияти савол, омили зуҳур ва тавзеҳхоҳии он ба назар мерасад, аммо ин ҷо теъдоди респондентон зиёд буда, баръакси рубрикаи «Мавқеъ», андешаашон сатҳиву эҳсосӣ аст. Аз мутолиаи чунин посухҳо ва тарзи музокираи масъалаҳо бармеояд, ки бо вуҷуди мушоҳида шудани фикрҳои муҳимми асоснокшуда, андешаҳои омиёна низ зиёданд. Барои мисол, дар посух ба саволи «Эрону Тоҷикистон як давлат шаванд?», ки дар заминаи эълони сухани як рӯҳонии эронӣ Оятуллоҳ Саид Муҳаммад Боқири Харрозӣ ҷиҳати тобеъ кардани Тоҷикистон, Арманистон ва Озарбойҷон ба Эрон шакл гирифтааст, посухҳои зеринро мехонем:

Саид Раҳимов:

– Ин муйсафед сахт задагӣ аст, ба фикрам.))) Like-5.

Рустам Азизов:

– Хамаи ин рафиқонро…!.))) Like-1. (2013, 13 феврал).

Ҳамчунин насаб ва номи баъзе аз посухдиҳандагон дар шакли навишти фейсбукиашон (ҳуруфи лотинӣ) чоп шудааст ва ҳамовозии дигаронро, ки дар шакли «Like» нишон дода мешавад, метавон ба аломатҳои фарққунандаи он мансуб донист. Чунончи, дар посухҳо ба саволи «Бо пули муҳоҷирон чӣ бояд кард? (2012, 16 май), ки ба нишасти 11-уми май дар Душанбе доир ба мушкилоти муҳоҷирату муҳоҷирон

иртибот дорад, насаби Файзуллоев Шокир, Абдуллои Муҳаққиқ, Зуҳуршо Раҳматуллоев ва Ёқуби Саид бо ҳуруфи лотинӣ навишта шудааст. Хусусияти дигари ин рубрика он аст, ки баъзан як респондент ба як савол ду шакли ҷавобро пешниҳод намудааст.

Навъи дигари муносибатҳои сотсиологии нашрияи «Нигоҳ» тавассути усули пурсиш, рубрикаи «Садои мардум» аст, ки дар низоми мундариҷоти нашрия мавқеи муҳим дорад. Ин гуна пурсишҳо дар солҳои аввали таъсиси нашрия ба назар расад ҳам, аммо дар солҳои 2014 - 2015 маъмултар шудааст, одатан дар саҳифаи 2 ва гоҳо дар саҳифаҳои 4 ва 6 ҷой дода шудааст. Хусусияти фарққунандаи ин пурсиш бо усули вертуалӣ сурат гирифтан ва дар шакли диаграмма ва матн пешниҳод шудани натиҷаҳо аст. Ҳамчунин шеваи сарлавҳагузориро, ки бо зикри фоиз натиҷаи ниҳоиро намо медиҳад, аз хусусиятҳои хоси ин рубрика метавон маҳсуб донист. Сарлавҳаҳо ҳам баёнгари масъалаи баррасишуда ва ҳам ифодакунандаи натиҷаҳои ниҳоиянд. Масалан: «Истиқболи 50% раъйдиҳандагон аз пешниҳоди Тураҷонзода» (2014, 21 май), «87% раъйдиҳандагон мухолифи намоиши наворҳои фаҳши «Муллоҳо» (2014, 3, сентябр), ««Бонки Эсхата» беҳтарин бонки Тоҷикистон» (2014, 19, ноябр), 59% «Зӯри Рустами Эмомалӣ ба ришвахорон намерасад» (2015, 8, апрел), «7 дарсади мардум дору намехаранд. 44 фоизи мардум ба доруворӣ дар як моҳ то сад сомонӣ маблағ сарф мекунанд» (2015, 22, апрел), «59% омода нестанд, ки ба хотири субот аз баҳри арзишҳои демократӣ гузаранд» (2015, 28 апрел), «50 дарсад алайҳи террористон хоҳанд хест» (2015, 29, июл), «46% нохондаҳо боиси садамаҳои нақлиётӣ дар роҳҳо мешаванд» (2015, 7 октябр), «72%: баҳои соҳибкорони хусусӣ дар Тоҷикистон ғайриқаноатбахш аст» (2015, 14, октябр).

Ҳадафи дигар аз истифодаи усули пурсиш муайян намудани чеҳраҳои сол аст. Нашрияи «Нигоҳ» аз соли аввали таъсис бо мақсади муайян кардани чеҳраҳои сол аз ин усул моҳирона истифода намудааст. Дар ҷамъбасти соли 2007 нашрия ба мақсади муайян намудани «Чеҳраҳои мардумии соли 2007» пурсиш гузаронидааст, ки дар он 35

нафар, аз ҷумла 11 намоянда аз неруҳои сиёсии кишвар, 11 рӯзноманигор аз нашриҳои расмиву хусусӣ, 11 нафар аз коршиносони варзидаи кишвар, як нафар аз Бунёди «ИНДЕМ» ва як нафар аз ҳафтаномаи «Нигоҳ» иштирок намудаанд. Аксари пурсидашудагон Қонун «Дар бораи танзими расму оинҳо»-ро «Кашфи сол» номидаанд. Дар заминаи пурсиш нашрия 10 нафарро бо зикри соҳа, акс, насабу ном ва вазифа чеҳраи мардумии соли 2007 эълон намудааст, ки инҳоянд: «Сиёсатмадори сол – Маҳмадсаид Убайдуллоев, Раиси Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикон, раис шаҳри Душанбе; Иқтисодчии сол – Ҳоҷимуҳаммад Умаров, профессор, доктори илмҳои иқтисод; Ҳуқуқшиноси сол – Раҳматилло Зойиров, адвокат, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ; Шералӣ Кабиров, муовини директор оид ба тиҷорат ва молияи КВД «Талко»; Соҳибкори сол – Беҳзод Файзуллоев, директори генералии ширкати «Вавилон-мобайл»; Нуралӣ Давлат – сардабири ҳафтаномаи «Нигоҳ»; Бозор Собир – Шоири Халқии Тоҷикистон; Расул Боқиев – устоди варзиши Тоҷикистон, гӯштингир; Манижаи Давлат – сароянда; Тоҷиддин Пиров – раиси Ҷамъияти саҳҳомии «Тоҷиксодиротбонк».

Дар шумораи 22 декабри соли 2010 ҳафтаномаи «Нигоҳ» тибқи анъана рейтинги «Чеҳраҳои мардумии соли 2010»-ро пешкаши хонандагон гардонидааст. Дар ин пурсиши пӯшида 114 нафар коршинос аз ҷумлаи сиёсатшиносон, таҳлилгарон, фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ, ходимони давлативу ҷамъиятии фаъолу бознишаста ва журналистон интихоб шудаанд.

Ин пурсиш аз рейтинги пешина бо он фарқ мекунад, ки дар он коршиносон, ки аз 10 гурӯҳ иборат будаанд, ба номинатсияҳо аз рӯйи меъёрҳои муайяншуда баҳо додаанд. Номинатсияҳо чунинанд:

Номи кӣ бештар вирди забонҳо буд?, Амалкарду гуфтаҳои киро бештар мардум мавриди баррасӣ қарор медоданд?, Номи кӣ дар сафҳаҳои матбуот буд?, Кӣ дар маркази таваҷҷуҳи ТВ буд?, Кӣ дастовард дошт?, Кӣ дар чашми мардум фаъолу азизтар намуд?.

Ҳамчунин дар ин пурсиш чеҳраҳои мардумӣ бо шарҳу тавзеҳи сифатҳои шахсиву фаъолияти корӣ нишон дода шудааст.

Мувофиқи натиҷаҳои пурсиши коршиносон аз 70 нафар номзад 15 нафар бештар аз панҷоҳ дар сади овозҳои респондентонро соҳиб гашта, ҳамчун Чеҳраи мардумӣ дар соли 2010 дар бахшҳои (номинатсия) Сиёсатмадори сол (Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 58-сола); Соҳибмансаби сол (Маҳмадсаид Убайдуллоев, раиси шаҳри Душанбе, 58-сола); Идории сол (Беҳзод Файзуллоев, директори генералии «Вавилон - М», 41-сола); Дипломати сол (Ҳамрохон Зарифӣ, Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон); Ҳуқуқшиноси сол (Бузургмеҳр Ёров, раиси Коллегияи адвокатҳои «Сипар», 39-сола); Ҳунарманди сол (Зулфиқор Азизов, овозхон); Рӯҳонии сол (Ҳоҷӣ Мирзо, рӯҳонӣ), Саховатпешаи сол (Ҳасан Асадуллоев, раиси «Ориёнбонк»; Варзишгари сол (Расул Боқиев, дзюдочии тоҷик, 28-сола); Бонкири сол (Шариф Раҳимзода, раиси Бонки миллии Тоҷикистон, 51-сола); Олими сол (Искандар Асадуллоев, бознишаста, 61-сола); Муаллими сол (Абдуфаттоҳ Ҳотамов, директори гимназияи «Хотам ва ПВ», 59-сола); Журналисти сол (Олга Тутабалина, муҳаррири нашрияи «Азия пилюс», 32-сола) ва Адиби сол (Бозор Собир, шоир. 72-сола) эълом гардидаанд.

Моҳҳои август ва сентябри соли 2009 Созмони ҷамъиятии «ИНДЕМ» бо фармоиши ҳафтаномаи «Нигоҳ» «Рейтинги нуфузи мансабдорони Тоҷикистон – соли 2009»-ро гузаронидааст, ки дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол таҳқиқоти калонтарин маҳсуб меёбад.

Ҳудуди ин таҳқиқоти сотсиологӣ тамоми шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ буда, ба «мақсади маълум кардани нуфузи воқеии аъзои Ҳукумати Тоҷикистон, роҳбарияти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Тоҷикистон, раисони вилоят, шаҳру ноҳияҳо ва роҳбарони корхонаву муассисаҳои бузургтарини кишвар барои оммаи васеъ аз тариқи пурсиши коршиносон» [191; 2009. – 26 ноябр ] гузаронида шудааст.

**Объекти тадқиқот**: аъзои Ҳукумати ҶТ (вазирон, ҷонишинҳои аввал, роҳбарони кумита ва агентиҳо), сарварони корхонаҳои давлатӣ, раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои кишвар, сарварони бонкҳои бузургтарин, раиси Маҷлиси миллӣ, раиси Маҷлиси намояндагон, роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ ва мушовирони давлатии Президенти Тоҷикистон.

**Респондентҳо.** 10 гурӯҳи 24-нафараи коршиносон бо шумули сиёсатшиносон, таҳлилгарони мустақили масоили сиёсӣ, муҳаррирони ҳафтаномаҳои сиёсиву ҷамъиятӣ, ходимони ҷамъиятиву сиёсии бознишаста, ходимони ҷамъиятии амалкунанда, ходимони сиёсии амалкунанда, шореҳони сиёсӣ (аз ҷумла, 12 нафар журналист), ҷомеашиносон ва ғайра.

**Ҷараёни тадқиқот**. Тадқиқот тариқи пурсиши анкетавӣ сурат гирифтааст. Гурӯҳи корӣ бегоҳи рӯзи ҷумъа ва шанбеи муайяншуда анкетаҳоро дар лифофаи сафед ба респондентон пешниҳод карда, таъкид намудаанд, ки онро рӯзи душанбе соатҳои $8^{00}$ то $10^{00}$ дар лифофаи ширешшуда баргардонанд. Лифофаи пӯшидаро коршиносон ба дохили қуттии шаффоф мепартофтаанд.

**Ҳисоби анкетаҳо**. Аз анкетаҳои ба коршиносон вогузоршуда ҳамагӣ 11 анкета баргардонида нашудааст, ки 2-тоаш аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ будааст. Ҳамчунин 4 нафар аз коршиносони рӯйхатшуда бо сабабҳои гуногун аз иштирок дар назарпурсӣ даст кашидаанд. 1 адад анкета пурра ва 3 адад қисман пур карда нашудааст, ки онҳо ҳангоми натиҷагирӣ соқит карда шудаанд.

Аз шумораи 26 ноябри соли 2009 то шумораи 21 январи соли 2010 натиҷаҳои ин рейтинг дар шакли ҷадвал дар нашрияи «Нигоҳ» ба табъ расидааст. Аз ҷумла, дар шумораи 26 ноябр моҳияти Лоиҳа, ҳадафи он, объекти тадқиқот, респондентҳо, ҷараёни тадқиқот ва дигар талаботи пурсиш ташреҳ шудааст. Нашрия чопи натиҷаҳои ин назарпурсиро бо таснифоти зайл ба роҳ мондааст.

1. Рейтинги самаранокии фаъолияти раисони шаҳру ноҳияҳо;

2. Рейтинги ояндадории сиёсии раисони шаҳру ноҳияҳо;

3.Рейтинги самаранокии фаъолият ва ояндадории раисони вилоятҳо;

4. Рейтинги самаранокии фаъолият ва ояндадории сиёсии роҳбарони корхона ва бонкҳои калонтарини кишвар;

5. Рейтинги нуфузи мансабдорони Тоҷикистон дар сатҳи миллӣ;

6. Рейтинги ояндадории сиёсии мансабдорони Тоҷикистон дар сатҳи миллӣ.

Ҳамин тавр, дар ин назарпурсӣ 68 нафар раисони шаҳру ноҳияҳои кишвар ва 70 нафар мансабдорони сатҳи миллӣ мавқеъгирӣ шудаанд, ки нашрия нуфузи онҳоро дар шакли ҷадвал ва матн пешкаши хонандагон намудааст. Дар пешниҳоди натиҷҳо нашрия усули муваффақтарин ва номуваффақтаринро истифода намудааст. Барои далел ин ҷо ду ҷадвалро зикр мекунем. Ҷадвали аввал 10-гонаи муваффақтарин раисони шаҳру ноҳияҳои кишвар, ки чунин аст:

| № | Ному насаб | Вазифа | Самтнокии фаъолият (аз «-5то+5 хол баҳогузорӣ карда шудааст) |
|---|---|---|---|
| 1 | Маҳмадсаид Убайдуллоев | Раиси шаҳри Душанбе | 2,95 |
| 2 | Маҳмадалӣ Очилдӣ | Раиси ноҳияи Ҳисор | 2,75 |
| 3 | Мансур Қодиров | Раиси ноҳияи Рӯдакӣ | 2,57 |
| 4 | Исматулло Зайдов | Раиси шаҳри Роғун | 2,21 |
| 5 | Мӯним Холиқов | Раиси ноҳияи Истаравшан | 2,2 |
| 6 | Холмурод Раҳмонов | Раиси ноҳияи Шаҳритус | 2,2 |
| 7 | Анвари Вайсиддин | Раиси шаҳри Ваҳдат | 2,15 |
| 8 | Фатҳулло Буриев | Раиси ноҳияи Шоҳмансур | 2,1 |
| 9 | Баракатулло Атохоҷа | Раиси шаҳри Турсунзода | 2,05 |
| 10 | Раҳматулло Табаров | Раиси ноҳияи Сино | 2,0 |

Дар ҷадвали «10-гонаи номуваффақтарини раисони шаҳру ноҳияҳои кишвар инҳо шомил шудаанд:

| № | Ному насаб | Вазифа | Самтнокии фаъолият (аз «-5то+5 хол баҳогузорӣ карда шудааст) |
|---|---|---|---|
| 1 | Абдукарим Ҳикматов | Раиси ноҳияи Масчоҳ | 1,83 |
| 2 | Нурулло Оқилов | Раиси ноҳияи Кӯҳистони Масчоҳ | 0,92 |
| 3 | Рустам Раҳматов | Раиси ноҳияи Айнӣ | 0,92 |
| 4 | Аҳмадҷон Қобилов | Раиси ноҳияи Спитамен | 0,81 |
| 5 | Маҳмадшариф Толибов | Раиси ноҳияи Рашт | 0,55 |
| 6 | Раҳматулло Пулотов | Раиси ноҳияи Шаҳринав | 0,37 |
| 7 | Қурбонбой Каримов | Раиси ноҳияи Зафарobod | 0,13 |
| 8 | Шавкат Бобоев | Раиси шаҳри Чкалов | 0,05 |
| 9 | Ҳиматшо Ғайратов | Раиси ноҳияи Тавилдара | 0,14 |
| 10 | Қаҳҳор Ойматов | Раиси ноҳияи Ғончӣ | 0,17 |

Тавре аз баррасиҳо маълум гардид, нашрияи «Нигоҳ» аз усулҳои сотсиологии омӯзиши воқеияти иҷтимоӣ самаранок истифода намудааст. Чунин муносибат, аз як тараф, мундариҷаи нашрияро рангоранг гардонидааст, аз сӯйи дигар, дар мушаххасан ошкор гардидани ҳолатҳои иҷтимоӣ, сатҳу сифати фаъолияти роҳбарони мақомоти мухталиф ва ба ин васила қавитар гардидани эътимоди хонандагон бо нашрия мусоидат намудааст. Воқеан, чунончи профессор М. Муродов навиштааст: «муносибати сотсиологӣ ба предмети таҳқиқ ва аудитория имкон медиҳад, ки, аз як тараф, дар шарҳи воқеиёти иҷтимоӣ назарҳои гуногун ба инобат гирифта шавад, аз ҷониби дигар, майлу рағбат ва завқу хоҳиши хонандагон ошкор гардад, солисан, ҳадафи рӯзнома дар фаъол гардидани маърифати ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва фарҳангии мардум ба нақша дарояд» [ 91, с. 64].

Нашрияи дигаре, ки аз усули пурсиш ба таври васеъ истифода намудааст, «Фараж» аст. Дар ин нашрия посуххои тавассути пурсиши сотсиологӣ ҳосилшуда бештар зери рубрикаҳои «Дидгоҳ», «Пурсиши

рӯз», «Суоли рӯз», «Интихобот-2013» интишор шудаанд. Ин рубрикаҳо аслан дар саҳифаи сеюм ҷо дода шудааст. Дар ин нашрия пурсиши назарпурсӣ мавқеи намоёнтар дорад, ки он чунин сурат мегирад. Ба шахсони (респондентон) дорои кору фаъолияти мухталиф суоли умумӣ пешниҳод мешавад ва онҳо ба ин савол ҷавоб, аниқтараш, андешаи худро баён мекунанд. Мавриди зикр аст, ки ин навъи пурсиш, қариб дар аксари нашрияҳои хусусии мавриди назари мо бо усули ягона истифода мешавад. Аз ҷумла, дар нашрияи «Фараж» низ саволҳо аз воқеиёти муҳимми рӯз маншаъ гирифта, мувофиқи салоҳияти респондентон интихоб шудаанд. Респондентон соҳиби касбу кори гуногунанд. Ин ҷо ба ҳайси далел чанд намуна аз саҳифаи «Пурсиши рӯз», ки баъдтар ба «Суоли рӯз» табдили ном кардааст, меоварем. Дар шумораи 17 октябри соли 2012 зери сарлавҳаи «Оинаи сиёҳи мошин далели чист?» андешаи коршиносон чоп шудааст. Редаксия ҳадафи ин пурсишро чунин шарҳ медиҳад: «Тибқи овоза ва мушоҳидаҳо аксари садамаҳои нақлиётӣ ва ҳатто ҷиноятҳо бо ширкати мошинҳои сиёҳшиша сурат мегирад ва рӯз аз рӯз сафи ин гуна мошинҳо меафзояд. Яъне чунин менамояд, ки 500 доллар барои як сол гарон нест, чунки имрӯз ҳатто маршруткаҳои одӣ ойинаи сиёҳ доранду сабаби ин хароҷотро касе намедонад.

Аз ин рӯ, «Фараж» дар ин маврид аз коршинос пурсид:».

Ба ин савол 6 нафар коршинос – Сафват Бурҳонов, таҳлилгар, Шерафган Латипов, сухангӯи маркази матбуотии БДА, Зафар Абдуллоев, раиси маркази таҳлилии «Контент», Сангин Маҳмадмуродов, ронанда, Саида Турсунова, муаллима посух дода, аксар ин омилро манфӣ арзёбӣ намудаанд.

Дар шумораи 19-уми марти соли 2014 зери пурсиши «Референдуми Қримро қабул доред?» посухи Абдуҳаллим Ғаффоров, раиси Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон, Саттор Холов, вакили парлумони Тоҷикистон, Раҳматилло Зоиров, раиси Ҳизби сотсиал-демократӣ, дар шумораи 15-уми октябри соли 2014 ба саволи «Дар Тоҷикистон ҳама чиз мувофиқи стандарт аст?» коршиноси масоили иҷтимоӣ – Бобоҷони

Шафеъ, Дӯстмурод Бобоев, устоди ДМТ, Исмоил Талбаков, муовини раиси ҲКТ ва дар шумораи 11-уми сентябри соли 2013 ба суоли «Дар Тоҷикистон зан президент буда метавонад?» роҳбари Дастгоҳи КМИР – Абдуманон Додоев, сиёсатшинос – Парвиз Муллоҷонов ва дигарон назарашонро иброз доштанд.

Чунончи ишора шуд, пурсиши назарсанҷӣ дар аксари нашрияҳо ба назар мерасад ва усули истифода аз ин навъи пурсиш дар нашрияҳои гуногун хеле умумият дорад. Аз воқеиёти мубрами рӯз пайдо намудани саволҳо, бо як савол ба чанд нафар муроҷиат кардан, назари чанд нафарро фаҳмидан, посухҳоро бо акси пурсидашудагон чоп кунонидан барои аксарияти нашрияҳо хос шудааст. Имрӯз усули пурсиши назарсанҷӣ дар матбуоти даврӣ ба дараҷае шакли хоса пайдо кардааст, ки баъзе муҳаққиқон онро ба сифати жанр шинохтаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқи журналистикаи рус А. А. Тертычный назарсанҷиро ба гурӯҳи жанрҳои ахборӣ дохил мекунад [146]. Албатта, ин масъала омили баҳси мо нест, аммо ҳамин нуқтаро мехоҳем таъкид намоем, ки чунин матнҳо дар нашрияҳои даврии муосир нисбатан зиёд ба назар мерасанд.

Шакли дигари пурсише, ки дар ин нашрия афзалият пайдо кардааст, анкета мебошад. Дар матбуоти даврии тоҷик ин навъи пурсиш дар ду нашрия – «Нигоҳ» ва «Фараж» зиёдтар ба назар мерасад. Ин навъи пурсиш аз назарсанҷӣ бо чанд аломат фарқ мекунад. Агар дар пурсиши назарсанҷӣ, асосан коршиносон иштирок намуда, дар бораи ин ё он воқеа фикрашонро озодона баён кунанд, пурсиши анкета «ба мақсади гирифтани ҷавобҳои қолабикардашуда ба теъдоди муайяни одамоне равона мешавад, ки дар асоси посухҳои онҳо доир ба характеристикаи сифативу миқдории объект ва ё предмети таҳлил хулосаи умумӣ бароварда мешавад» [134, с. 174]. Ҳамчунин дар ин навъи пурсиш доираи пурсидашавандагон васеътар аст, яъне дар он тамоми интихобшудагон мувофиқи майлу хоҳишашон метавонанд ширкат варзанд. Албатта, иштироки аудитория дар таҳқиқотҳои сотсиологии бо усули пурсиш шакл гирифта ва пур кардани анкетаҳо аз маърифати

респондент вобаста аст. Ба ин маънӣ, доираи аудиторияи пуркунандагони анкета гуногун ва мухталиф мебошад. Масалан, соли 2008 нашрияи Маркази тадқиқоти журналистии Тоҷикистон тавассути нашрияи «Фараж» хонандагонро ба озмуни «100 чеҳраи таърихии миллати тоҷик» аз «Фараж» даъват намуд. Марказ барои мушаххас намудани чеҳраҳо раванди таърихсозии халқи тоҷикро ба се давра ҷудо кард, ки ҳар кадом ба ҳайси суоли анкета пешниҳод шуд. Нашрия пас аз тавзеҳи шартҳои озмун, ки дар 7 сархат баён шудааст, анкетаро дар шакли зайл пешниҳод намуд:

Ному насаби Шумо_______________________________________
Маълумот________________________________________________
Синну сол________________________________________________
Маҳалли иқомат__________________________________________

Номзади Шумо то соли 1924______________________________
Барои кадом хидматаш ба миллати тоҷик ин номзадро пешниҳод кардед?______________________________________________________

Номзади Шумо дар солҳои 1924-1991________________________
Барои кадом хидматаш ба миллати тоҷик ин номзадро пешниҳод кардед? _________________________________________________________

Номзади Шумо соли 1991 то имрӯз________________________
Барои кадом хидматаш ба миллати тоҷик ин номзадро пешниҳод кардед?

---

**Озмун дар арафаи ҷашни истиқлолияти кишвар – 9 сентябр ҷамъбаст мешавад. Онҳое ғолиб дониста мешаванд, ки овози бештар мегиранд. Дар ин муддат перомуни зиндагӣ ва фаъолияти онҳое, ки дар сархати озмун ҷой мегиранд, тавасути ҳафтанома мақолаву навиштаҳои олимону муҳаққиқон чоп мешавад.**

***Ҷадвали мавқеъ ва миқдори овози ширкаткунандагони озмун ва суолнома ҳар ҳафта дар рӯзнома нашр мешавад.***

Тавре аз шакли анкета ва тарзи таҳияи он бармеояд, он аз се қисм таркиб ёфтааст. Қисми аввал хусусияти шиносномаӣ дошта, барои фаҳмидани хусусиятҳои иҷтимоиву демографии респондентон ёрӣ мерасонад. Қисми дуюм асосӣ аст, ки дар он се савол ҷой дода шудааст. Маҳз посухи ин саволҳо дар муайян кардани мавқеи шахсиятҳои таърихӣ нақш мебозад. Қисми сеюм хусусияти ташреҳӣ дорад, ки баъзе талаботи озмунро равшанӣ мебахшад. Саволҳои қисми дуюм аз саволҳои анкетаҳои маъмулӣ андаке фарқ мекунанд. Ин ҷо респондентро водор менамояд, ки интихобашро асоснок гардонад.

Нашрияи «Фараж» ба шартҳо ва талаботи анкета риоя намуда, натиҷаҳои онро дар саҳифаи 16-уми ҳар шумораи худ дар шакли «Ҷадвали озмун» бо зикри натиҷаҳои ҷамъбасти ҳафта чоп намудааст. Теъдоди шахсиятҳои таърихӣ дар ҳар се марҳала ҳафта ба ҳафта зиёд шудааст. Масалан, агар дар ҷамъбасти ҳафтаи дуюм дар давраи аввал 12 нафар, дар давраи дуюм 13 нафар ва дар давраи сеюм 11 нафар аз 12 то 1 овозро соҳиб шуда бошанд, дар ҷамъбасти ҳафтаи ёздаҳум ин теъдод ба 35; 47 ва 40 нафар расидааст, ки нишондиҳандаи овозҳо аз 390 то 5 ададро ташкил медиҳад. Дар ҷамъбасти ҳафтаи бисту якум таносуби шахсиятҳои таърихӣ ба 40–54–46 нафарӣ баробар шуда, дараҷаи баланди овозҳо ба 1574 расидааст.

Нашрия ин пурсиши анкетавиро то ҷашни Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон муддати қариб шаш моҳ идома дода, натиҷаҳои онро дар шумораҳои 11, 18, 25 сентябр ва 2 октябри соли 2008 пешниҳоди хонандагон намудааст. Дар давраи якум, ки то соли 1917-ро дар бар мегирад, 50 ҷой ҷудо карда шуд, аммо тибқи раъйи хонандагон теъдоди ин нафарон ба 40 нафар расидааст. Дар шумораи 11-уми сентябри нашрия зери сарлавҳаи «Шинос шавед: 100-чеҳраи таърихии миллати тоҷик!» 30 нафар ғолибони даври якум бо акс ва маълумоти мухтасар интишор гардидааст, ки дар ҷойи аввал Имоми Аъзам Нӯъмон ибни Собит бо 2361 овоз, дар ҷойи даҳум Восеъ – пешвои шӯриши деҳқонон дар солҳои 80-уми қарни 19, дар ҷойи бистум Абу Муслим – роҳбари

ҳаракати муқовимат зидди бани Уммавӣ ва дар ҷойи сиюм Умари Хайём – олими бузурги соҳаи математика ва астраномия қарор доранд.

Дар даври дуюм Садриддин Айнӣ – нахустин Қаҳрамони Тоҷикистон, бо 2128 овоз дар ҷойи аввал, Сотим Улуғзода – нависандаи машҳури тоҷик, бо 1569 овоз дар ҷойи даҳум, Саидхоҷа Урунхуҷаев – устоди пахтаи тоҷик, бо 1003 овоз дар ҷойи бистум, Миралӣ Маҳмадалиев – устоди пахтаи тоҷик, бо 947 овоз дар ҷойи сиюм ва Мунаввар Шогадоев – ходими давлатӣ, бо 196 овоз дар ҷойи чилум мавқеъ гирифтаанд.

Натиҷаҳои даври сеюм – замони истиқлол чунин шудааст: Дар ҷойи якум Эмомалӣ Раҳмон – Қаҳрамони тоҷикистон бо 2119 овоз, дар ҷойи даҳум Қадриддин Аслонов – сентябри соли 1991 истиқлолияти Тоҷикистонро имзо кардааст, бо 1895, дар ҷойи бистум Бӯрӣ Каримов – ҷавонтарин вазири шӯравӣ, бо 1197 овоз ва дар ҷойи сиюм Шукурҷон Зуҳуров – вазири меҳнат ва шуғли аҳолӣ бо 511 овоз.

Ин нашрия дар арафаи интихоби вакилони Парлумон -2010 ба хотири омӯзиши афкори омма, ҷиҳати муайян намудани рейтинги депутатҳои Маҷлиси намояндагон пурсиши сотсиологиро дар шакли анкета шурӯъ намуда, дар заминаи маълумоти ҳосилшуда, аз октябри соли 2008 то феврали соли 2010 рӯйхати вакилони мардумиро пешниҳоди хонандагон гардонид. Пурсиш бо чунин шакл тариқи фиристонидани СМС ва пурсиши анкета сурат гирифт.

| |
|---|
| Ному насаб ва суроғаи Шумо______________________________<br>Ному насаби депутат______________________________________<br>Барои кадом кори анҷомдодааш ба ӯ овоз медиҳед?________________________________________________<br><br>Шумо дар интихоботи навбатӣ барои ин номзад овоз хоҳед дод?_____________________________________________________<br><br>Номзади алтернативии Шумо ба ҷойи ин номзад кист?____________________________________________________ |

Доир ба ин масъала низ ҷадвали овоздиҳӣ дар шакли ҷамъбасти ҳафта дар нашрия дар ду рӯйхати алоҳида - яке номзадҳои ба тариқи расмӣ аз сӯйи нашрия пешниҳод шуда, дигаре вакилони алтернативӣ – интихоби хонандагон интишор гардидааст. Ҷадвали ҳисоби вакилони мардумӣ дар ҳафтаи дуюм дар чунин шакл пешниҳод шудааст. Ин ҷо ба сифати намуна се нафари аввалро нишон медиҳем.

| № | Ному насаб | Овозҳо дар тӯли ҳафта | Ҷамъи овозҳо |
|---|---|---|---|
| 1 | Азимов Абдураҳмон | 1 | 2 |
| 2 | Амиршоева Саодат | 0 | 0 |
| 3 | Ахмедов Ҷаббор | 24 | 36 |

Мувофиқи натиҷаи мавқеъгириҳо миёни вакилони мардумӣ Ахмедов Ҷаббор бо 36 овоз пешгом аст.

То ин ҳафта ба вакилони алтернативӣ 16 нафар шомил гардиданд, ки 3 нафари аввали онҳоро чун намуна меорем:

| Ному насаб | Миқдори овоз дар ҳафтаи ҷорӣ | Ҷамъи овозҳо |
|---|---|---|
| Зойиров Раҳматулло | 2 | 2 |
| Дӯстов Саймиддин | 2 | 2 |
| Фазлиддинов Самариддин | 2 | 2 |

Дар ҷамъбасти ҳафтаи дуюм аз 16 нафар вакилони алтернативӣ Собиров Масъуд бо ҷамъи 6 овоз бартарӣ дорад.

Дар шумораҳои баъдина ҷадвали натиҷаҳои пурсиш дар шакли зайл пешниҳод шудааст:

| № | Ному насаб | Рақами овоздиҳӣ тариқи | Овозҳо тариқи СМС | Овозҳо тариқи анкета | Ҷамъи овозҳо дар | Ҷамъи овозҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | СМС | | | ҳафта | |
| 1 | Азимов Абдураҳмон | 01 | 6 | 41 | 0 | 47 |
| 2 | Амиршоева Саодат | 02 | 1 | 15 | 0 | 16 |

Нашрияи «Фараж» бо истифода аз методи пуриш омӯзиши афкори оммавиро идома додааст. Аз ҷумла, дар шумораи 17 октябри соли 2012 ба муносибати интихоботи президентии соли 2013 тариқи пурсиши анкетавӣ таҳти саволи «Ҳарифи Эмомалӣ Раҳмон кӣ хоҳад буд? ба таҳқиқот оғоз намудааст. Нашрия мақсади ин пурсишро чунин шарҳ медиҳад: «Ҳарчанд то интихоботи президентии соли 2013 беш аз як сол мондааст, ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон аллакай номзади раиси ҳизбаш – президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмонро ба ҳайси довталаб ба курсии президентӣ эълон кардааст.

Неруҳои дигар дар мавриди номзади ягона зиёд ҳарф мезананд, вале то ҳанӯз ин «мистер ИКС» кӣ аст, маълум нест. Ба хотири муайян кардани он ки кадоме аз ин номзадҳои эҳтимолӣ дар миёни ҷомеа нуфузу мартабаи бештар доранд, «Фараж» тасмим гирифт, то миёни хонандагонаш назарпурсӣ гузаронад ва бо ин ба неруҳои сиёсӣ барои интихоби номзади сазовор мусоидат намояд».

Сипас бо зикри талаботи таҳқиқот ва пур кардани анкета, рӯйхати 22 нафар номзадҳои эҳтимолӣ пешниҳод шудааст, ки ҳизбу ҳаракатҳои гуногунро намояндагӣ мекунанд. Ин рӯйхат ба хонандагон ҷиҳати интихоби номзади худ ёрӣ мерасонад. Аммо бо вуҷуди ин, дар анкета барои пешниҳоди номзади нав низ ҳуқуқ дода шудааст. Аз нигоҳи сохт ва таҳияи саволҳо ин анкетаи нимошкоро аст, зеро дар он «дар баробари пешниҳод гардидани ҷавобҳои алтернативӣ ба респондент имкон дода мешавад, ки ҷавоби дигареро илова намояд» [90, с. 92]. Аммо дар анкетаи мавриди назар ҷавобҳои алтернативӣ дар шакли алоҳида пешниҳод шудааст, ки бо истифода аз он хонанда номзади худро интихоб мекунад ва ё номзади навро пешниҳод менамояд:

**Анкета**

Ному насаб______________________________________________

Синну сол_______________________________________________

Маълумот________________________________________________

Номзади Шумо____________________________________________

Метавонед, номзади наверо пешниҳод намоед ва ба ӯ овоз диҳед.

Ин пурсиш низ ҳар ҳафта ҷамъбаст гардидааст, аммо дар ин ҷо ғолиби ҳафта ба сифати сарлавҳа нишон дода шудааст. Масалан, «Ҳафта: Бӯрӣ Каримов дар ҷойи аввал!» (2012.–7 ноябр), «Ҳафта: Саймиддин Дӯстов дар ҷойи аввал!» (2012.–21 ноябр), «Ҳафта: Зарофо Раҳмонӣ дар ҷойи аввал!» (2012.–5 декабр), «Ҳафта: Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзода дар ҷойи аввал!» (2012.–12 декабр), «Ҳафта: Аваз Назаров дар ҷойи аввал!» (2012.–19 декабр), «Ҳафта: Мирҳусейн Нарзиев дар ҷойи аввал!» (2013.–16 январ), «Ҳафта: Сайидҷаъфар Исмонов дар ҷойи аввал!» (2013.–20 феврал), «Ҳафта: Абдумаҷид Достиев дар ҷойи аввал!» (2013.–27 март).

Ҳамин тавр, назарсанҷии мазкур то моҳи октябри соли 2013 идома ёфта, натиҷаҳои он дар шумораи 30 октябри соли 2013 таҳти сарлавҳаи Президент боз президент шавед, дар чунин шакл пешниҳод гардидааст:

| № | Ному насаб | Намояндагӣ | Миқдори умумии овоз |
|---|---|---|---|
| 1. | Эмомалӣ Раҳмон | ҲХДТ | 1020 |
| 2. | Сайидҷаъфар Исмонов | ҲДТ | 431 |
| 3. | Исмоил Талбаков | ҲКТ | 523 |
| 4. | Абдуҳалим Гаффоров | ҲСТ | 270 |
| 5. | Олим Бобоев | ҲИИТ | 385 |
| 6 | Толиббек Бухориев | ХАТ | 369 |

Нашрияи «Фараж» мисли «Нигоҳ» баъзан ба ин ё он муносибат бо истифода аз назари аудитория ба омӯзиши худ даст задааст. Тавре ки дар

шумораи 13 ноябри соли 2008 зери сарлавҳаи «100 шумора: Ба «Фараж» чӣ намерасад?» натиҷаҳои пурсиши таҷрибаомӯзони МТЖТ Ганҷинаи Холназар ва Сайрам Умарова бо хонандагони ҳамешагии нашрия Ҳоҷӣ Мирзо – сархатиби масчиди маҳаллаи Ҳилоли Акбари шаҳри Кӯлоб, Акбари Саттор – райиси ИЖТ, Садриддини Шамсиддин – директори АМИТ «Ховар», Карим Абдулов – профессор, доктори илм, Абдуқодир Талбаков – директори Радиои Тоҷикистон, Иброҳим Усмонов – профессор, доктори илми таърих, Масъуд Собиров – раиси Ҳизби демократии Тоҷикистон ва Ато Ҳамдам – директори нашриёти «Адиб» дарҷ намудааст. Андешаҳои респондентон гуногун аст, аммо аксар «Фараж»-ро чун нашрияи «ҳақиқатнавису ҳақиқатгӯ», «дорои мундариҷаи ғанӣ», «минбари баланд барои шахсони ниёзманд», инъикоскунандаи «таърихи дуру наздики халқ», «мавқеъгир будан дар ҳалли масъалаҳои ҷомеадорӣ», «ифшогари камбудиҳо» арзёбӣ намудаанд. Ҳамчунин пурсидашудагон ба фаъолияти ояндаи нашрия комёбиҳо орзу намуда, барои боз ҳам беҳтар намудани мундариҷаи он пешниҳодҳои судманд ироа намудаанд. Чанд намуна: «Ҳеҷ гоҳ шахси шоёни тавсиф набударо таъриф накунанд»; «Фараж» бояд ба мавзӯъҳои мубрами рӯз маориф, иқтисодиёт, иҷтимоӣ, манзил ва ғайраҳо бештар рӯ орад»; «Танқид кунад, вале танқиди мақсаднок. Танқидашон бояд на ба мақсади ниқор гирифтану низоъ андохтан бошад».

Моҳи ноябри соли 2011 нашрияи «Фараж» аз имконоти худ истифода бурда, ба муносибати таҷлили панҷсолагиаш барои хонандагони ҳафтанома анкета таҳия карда, онро тавассути шумораҳои нашрия пахш намудааст. Анкета 10 саволро фаро мегирад ва аз ҷиҳати сохт онро метавон ба навъи анкетаи ошкоро нисбат дод, зеро саволҳо бе варианти посухҳо пешниҳод шудааст ва респондентро водор месозад, ки фикрашро мустақил ва озодона баён намояд. Саволҳо чунинанд:

1. Ҳафтаномаи «Фараж» -ро дар як моҳ чанд бор дастрас мекунед?

2. Ҳамроҳ бо шумо боз чанд нафар шумораи дар даст доштаи шуморо мутолиа мекунанд?

3. Ба ғайр аз «Фараж» боз кадом ҳафтаномаҳоро шумо доимо мутолиа мекунед?

4. Кадом нашрияро имрӯз метавон рақиби касбии ҳафтаномаи «Фараж» номид?

5. Хондани кадом саҳифа ва ё рубрикаҳои ҳафтаномаи «Фараж» ба шумо ҷолиб аст?

6. Чӣ гуна мавзӯъ ва рубрикаҳои навро дар саҳифаҳои «Фараж» дидан мехостед?

7. Ҳафтаномаи «Фараж» бо кадом хусусияташ барои шумо писанд даст?

8. Кадом гӯша ва рубрикаи нашрияи «Фараж» барои шумо писанд нест?

9. Нархи ҳафтаномаи «Фараж» барои шумо қобили қабул аст?

10. Кадоме аз рӯзноманигорони «Фараж»-ро мешиносед. Кадом мақолааш дар ёди шумо мондааст?

Дар қисми иҷтимоиву демографии пурсидашаванда чунин маълумот пешниҳод шудааст: синну сол, вазъи оилавӣ, маълумот, ҷойи истиқомат, рақами телефон.

Умуман «Фараж» дар самти омӯзиши масъалаҳои иҷтимоӣ тариқи усулҳои сотсиологӣ таҷрибаи хуб дорад. Ин нашрия дар ҳамоҳангӣ бо мақомоти гуногун тадриҷан озмунҳо мегузаронад, ки озмуни «Беҳтарин сардори ШКД кист?» намунаи он аст [195; 2016]. Ағлаби озмунҳо тариқи анкета сурат мегирад. Бо ин роҳ нашрия ҳам дар муайян кардани мавқеи кормандони мақомоти гуногун саҳм мегузорад ва ҳам теъдоди хонандагони худро зиёд мегардонад.

Аз чунин навъи пурсиш нашрияи «Тоҷикистон» низ самаранок истифода намудааст. Озмунҳои таҳти рубрикаҳои «Мутахассиси беҳтарин» (2014), «Раиси муваффақи сол» (2015), Донишгоҳҳои беҳтарин» (2016) ташкил намудаи нашрия гувоҳ бар ин аст. Бо ташкили ин ва амсоли ин озмунҳо ва натиҷаҳои тавассути пурсишҳо ҳосилшуда

мутахассисони беҳтарини соҳаҳои гуногун, раисони муваффақи сол ва донишкадаҳои беҳтарин муайян карда шудаанд.

Чуноне ки ишора шуд, аз усулҳои сотсиологӣ нашрияҳои дигар низ истифода мебаранд, муроҷиат ба коршиносон дар аксари нашрияҳо анъана шудааст. Масалан, дар нашрияи «Озодагон» шумораи 18 марти соли 2015 зери суоли «Барои гузаштан ба солшумории миллӣ чӣ монеа мешавад?» фикру ақидаи нависанда Абдуқодири Рустам, таърихнигор Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ, пажӯҳишгар Умеди Ҷайҳонӣ доир ба сабабҳои нагузаштан ба солшумории миллӣ инъикос шудааст. Ва ё дар шумораи 4-уми феврали соли 2015-и ҳамин нашрия зери рубрикаи «3 назар» суоли «Осуда бихобем?» доир ба гуфтаҳои Юсуф Раҳмонов, прокурори генералии ҷумҳурӣ бо назардошти вазъи амнияти кишвар, ки мардуми Тоҷикистон метавонад осудаву ором хоб кунад, аз Сайфулло Сафаров – муовини аввали роҳбари Маркази тадқиқоти стратегӣ, Комёб Ҷалилов – коршиноси масоили амниятӣ, Алим Шерзамонов – раиси бахши ҲСДТ дар Бадахшон пурсон шудаанд ва фикру назари эшонро интишор намудаанд.

Пурсишҳои анкетавии матбуоти даврӣ баробари бартарӣ, камбудиҳо низ доранд. Агар фарогирии доираи васеи хонандагон, таъмини гуногунрангӣ дар баррасии масъалаҳо, дар шакли хаттӣ сабт гардидани иттилоот ва ба сифати ҳуҷҷат шинохта шудани маълумоту мавод, ифодагари бартарияти онҳо бошад, аз доираи назорат ва кафолати ҳақиқат берун мондан, имконияти назорат нашудани анкетаҳоро метавон камбудӣ ҳисобид. Бинобар ин, натиҷаҳо (иттилоот)-и аз чунин навъи пурсиш ҳосилшуда чандон боваринок буда наметавонанд. Ин нишондиҳандаҳо нисбӣ буда, бозгӯи танҳо муносибати хонандагони нашрияи алоҳида мебошанд. Бо вуҷуди ин, эътимоднокии маълумоти анкетаҳо на танҳо аз ташкили раванди таҳқиқ, балки ба тарзи муносибат ва маърифатнокии ҷомеа (респондентон) низ вобаста аст.

Шакли дигар пурсиш мурочиат ба коршиносон ва истифодаи фикри онҳо дар матолиби журналистӣ мебошад. Солҳои охир дар матбуоти даврии тоҷик ба матнҳое дучор меоем, ки мундариҷаи онҳо дар заминаи афкори коршиносон шакл гирифтааст. Хусусан, дар жанрҳои табсира ва нигориш ин усул бештар мушоҳида мешавад. Рӯҳияи демократии ҷомеа ва талаботи гуногунандешӣ журналистонро водор месозад, ки дар баррасӣ ва таҳлили воқеиёти мубрами рӯз ба коршиносони соҳаҳои мухталиф мурочиат намуда, дар навиштани матлаб ба гуфтаҳои онҳо такя кунанд. Ин аст, ки мундариҷаи жанрҳои табсира ва баъзан нигориш аз ду қисм таркиб меёбанд. Тавре ки М. Муродов менависад «Мундариҷаи матни табсираҳо, асосан, дутаркиба аст. Қисмати аввали мундариҷаро тасвири рӯйдод ва шарҳи бевоситаи он ташкил медиҳад. Қисмати дуюм иттилооти навест, ки дар шакли шарҳи муаллиф ва ё нафари дигар доир ба рӯйдод – предмети инъикос сурат мегирад. Ин қисмат нисбатан зиёдтар буда, 80-90% -и матнро ташкил медиҳад» [ 91, с. 88].

Мутолиаи табсира ва нигоришҳои матбуоти даврӣ нишон медиҳанд, ки дар шарҳу тавзеҳ ва баррасии воқеиёти сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодӣ фикри коршиносон бартарӣ дорад. Хусусан, дар табсираҳои нашрияҳои «Озодагон» ва «Нигоҳ» ҷавҳари асосиро фикри мутахассисон ташкил медиҳад. Омӯзиши табсираҳои матбуоти даврӣ нишон медиҳад, ки дар таҳияи онҳо фикри аз 2 то 6 нафар коршинос истифода шудааст.

Муносибати сотсиологӣ на танҳо дар навиштани жанри табсираву нигориш, балки дар жанрҳои дигар, чун мухбирнома, мақола низ ба назар мерасад. Ин ҷиҳат, аз як сӯй, понорамаи воқеаҳоро васеъ ва баррасии онҳоро рангин гардонида, таҳлили амикро ҳосил намояд, аз суйи дигар, мустақилияти рӯзноманигоронро дар раванди эҷоди касбӣ нисбатан суст ва муносибаташонро ба воқеиёти баррасишаванда сатҳӣ мегардонад.

Ҳамин тавр, омӯзиши истифодаи усули пурсиш дар нашрияҳои даврӣ имкон дод, ки дар фарҷоми фасл чунин натиҷагирӣ намоем:

– ҳарчанд дар матбуоти даврии тоҷик корбасти методи пурсиш анъанаи дерина дорад, аммо бо ташаккули ҷомеаи демократӣ он тадриҷан шакли тоза пайдо карда, ҳамчун усули дастрасии иттилооту маълумот ва муайян кардани афкори омма мавқеъ пайдо кардааст;

– дар матбуоти даврии замони муосир пурсиши назарсанҷиро бори аввал нашрияи «Рӯзи нав» таҳти рубрикаи «Суоли рӯз» ташкил намудааст, ки зери масъалаҳои муҳимми рӯз тариқи пурсиш мавриди ибрози андешаи коршиносон қарор мегирифт. Баъдтар чунин навъи пурсиш ба бештари нашрияҳо, ба хусус, дар нашрияҳои «Азия плюс», «Нигоҳ», «Фараж», «Миллат», «Озодагон» доман паҳн кард;

– омӯзиши масъала нишон дод, ки нашрияҳои даврӣ аз навъҳои гуногуни пурсиш истифода мебаранд, ки назарсанҷӣ, мавқеъгирӣ, баёни муносибат ва фикр ба воқеиёти иҷтимоӣ аз гунаи онҳост;

– миёни нашрияҳои даврӣ «Нигоҳ», «Фараж» ва «Тоҷикистон» аз усулҳои сотсиологии омӯзиши воқеияти иҷтимоӣ самаранок истифода намудаанд. Чунин муносибат на танҳо мундариҷаи нашрияҳоро рангоранг гардонидааст, балки, барои қавитар гардидани эътимоди хонандагон ба нашрия мусоидат намудааст.

Умуман дар матбуоти даврии тоҷик, дар заминаи муносибати сотсиологӣ, омӯхтан ва мавриди инъикос қарор додани воқеияти иҷтимоӣ собиқаи дерина доштааст, аммо сатҳ ва меъёри истифодаи усулҳои сотсиологӣ дар марҳилаҳои инкишофи матбуоти даврӣ як хел набудааст. Агар дар матбуоти замони Шӯравӣ мактубҳои хонандагон ба ҳайси иртиботи нашрияҳои даврӣ бо аудитория ва манбаи иттилооту маълумот барои журналист бештар хизмат карда бошанд, дар матбуоти замони муосир шаклҳои гуногуни муносибати сотсиологӣ истифода шудааст. Дар низоми методҳои сотсиологии дар матбуоти даврии тоҷик истифодашуда пурсиш бартарии ҳаматарафа дорад. Иттилооти тавассути ин усул ҳосилшуда, на танҳо дар шакли алоҳида пешниҳод мешавад, балки дар шарҳу тавзеҳи масъалаҳои мубрами рӯз ба журналистон ёрӣ мерасонад.

## Боби III.

## Шаклҳои нави омӯзиши аудитория дар матбуоти муосир

Тавре ки дар бобҳои пешин баррасӣ гардид, омӯзиши аудиторияи ВАО тавассути усулҳои гуногун сурат мегирад. Аммо ягонагии умумӣ он аст, ки чунин омӯзишҳо бештар хусусияти амалӣ доранд. Зимнан дар адабиёти марбут ба сотсиология таҳқиқро аз рӯйи наздикии алоқа бо таҷриба ба назариявӣ ва амалӣ ҷудо намудаанд. Навъи аввали таҳқиқ бештар дар заминаи бурсия ва ё фондҳои гуногун гузаронида мешавад. Навъи дуюм бевосита ба таҷрибаи корӣ алоқаманд аст. Аз ҷумла ВАО, хоса матбуоти даврӣ вобаста ба имконоти худ аз ин навъи таҳқиқ истифода мебаранд. Дар фаъолияти ВАО таҳқиқи амалӣ хусусияти дохилиидоравӣ дорад ва солҳои охир нисбатан маъмул гардидааст. Сабаби гузаронидани чунин таҳқиқро муҳаққиқон «аз як тараф, набудани маблағ барои фармоиш, хавфи пахш намудани ахбори номақбул, аз ҷониби дигар, имкониятҳои ВАО: пахши анкета, истифодаи Интернет ва ғайра» [90, с. 66] маънидод кардаанд.

Таҳқиқоти дохилиидоравӣ метавонад бо фармоиши дигарон ва ё ташаббуси худи идораи нашрия сурат гирад. Дар фаъолияти журналистӣ чунин шаклҳои таҳқиқи дохилиидоравӣ маъмул аст:

«– ташкили «Мизи гирд» бо иштироки коршиносон, намояндагони гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ, рекламагузорон. Дар Мизи гирд метавон доир ба мундариҷаи як шумора ва ё ороиши он, пахши нашрия ва амсоли ин сухан кард;

– бо чопи анкетаҳо дар рӯзномаву маҷаллаҳо, вориди саволномаҳо ба сайти нашрияҳо, ташкили пурсишҳои матбуотӣ;

– пурсишҳои кӯчагӣ бо харидорони нашрияҳо, масалан дар назди дуконҳои рӯзномафурӯшӣ;

– пурсиш аз чаканафурӯшони матбуот;

– пурсиши рекламагузорон - мизоҷони нашрия;

– дар доираи фаъолияти ҳамарӯза таҳлили контентӣ намудани мундариҷаи маводи нашрияҳо ва барномаҳои радиову телевизион;

– таҳлили контентии маводи дар нашрияҳои дигар доир ба нашрияи таҳқиқшаванда интишоршуда;

– пурсиши коршиносон дар бораи фаъолияти нашрия».

Дар матбуоти тоҷик шаклҳои дигари омӯзиши аудитория ва ё иртибот бо он ба ҳукми анъана даромадааст, ки намунаи он рубрикаи «Меҳмонхонаи СССР» буда метавонад.

### III.1. Дар «меҳмонии редаксия» ҳамчун василаи омӯзиши хонанда

Дар низоми матбуоти даврии тоҷик нашрияи «СССР», ки зери шиори «Мо метавонем» интишор мешавад, нисбат ба нашрияҳои дигар аз усулҳои сотсиологии маъмулу замонавӣ моҳирона истифода мебарад. Ин нашрия рубрикаҳои хос ва пайваста дорад, ки матолиби онҳо маҳз тавассути муносибати сотсиологӣ ҳосил шудаанд. Рубрикаҳои «Редаксия супориш дод», «СССР» ва хонанда», «Ба мо менависанд», «Дар меҳмонхонаи муассис», «СССР» гӯш мекунад» ва «Меҳмонхонаи «СССР» мисоли онҳост. Се рубрикаи аввал аз соли 2008 ва ду рубрикаи баъдӣ дар заминаи рубрикаҳои «СССР» ва хонанда» ва «Ба мо менависанд» аз соли 2009 роиҷ гардидаанд. Дар соли 2011 нашрия рубрикаи «Номаҳои электронӣ»-ро таъсис дод, ки низ як шакли замонавии иртибот бо муштариён мебошад. Мавҷудияти чунин рубрикаҳо аз алоқаи устувори нашрия бо аудитория дарак медиҳад. Воқеан, дар ҳар замон нигоҳ доштани алоқаи нашрия бо аудитория бояд дар мадди аввал қарор дошта бошад, зеро дуруст гуфтаанд, ки: «алоқаи суст бо аудитория оқибат ба азҳамҷудошавии байниҳамӣ оварда мерасонад» [162, с.263].

Рубрикаҳои «Меҳмонхонаи «СССР» ва «СССР» гӯш мекунад» дар саҳифаи 5-и нашрия зери силсиласарлавҳои «Аз мост, ки бар мост!» ҷойгузин шудааст. Зимнан, рубрикаи «СССР» гӯш мекунад» дар ибтидои ташкил дар саҳифаи 6-уми нашрия мавқеъ дошт. Масъули суҳбатҳои хонанда ва фароҳамсози мусоҳибаҳо журналист Шаҳрзоди Амин мебошад. Ин рубрикаҳо ба ҳам шабоҳат доранд. Ҳарду ҳам як навъи

робита бо аудиторияи нашрия мебошанд, ки яке ба таври мустақим ва дигаре тавассути телефон ва ё SMS сурат гирифтааст. Дар ҳарду ҳам мушкилоту дархост ва хоҳишу пешниҳоди хонандагон ироа шудааст. Дар як саҳифа ҷой додан ва ҳаҷми баробарро ишғол намудан аз хусусияти дигари умумияти ин рубрикаҳо буда метавонад.

Рубрикаи «Меҳмонхонаи «СССР» аз шумораи 18 декабри соли 2008 ташкил шудааст. Дар ин шумора андешаҳои ду нафар аз солхӯрдаҳо – Сангинов Қурбони 88-сола аз ноҳияи Варзоб ва Ҷумъаев Ҳамроҳи 76-сола аз ноҳияи Исфара, ки тӯли ҳафта ба редаксия ташриф овардаанд, таҳти унвони «Суҳбати пионерӣ» чоп шудааст. Эшон аз собиқадорони матбуот ва ҳаводорони доимии рӯзнома будаанд. Зери ин матн нашрия мақсади ташкили ин рубрикаро чунин шарҳ додааст: «**P.S:** Газета тасмим гирифт, сар аз ин шумора гӯшаи «Дар меҳмонии СССР»-ро роҳандозӣ кунад. Марҳамат рӯзҳои ҷумъаву шанбе биёед ва розу ниёзи худро пешкаши ҷамъият кунед» [193; 2008. –18 декабр ].

Ҳамин тавр, ин рубрика ташкил шуд ва зери он матолибе интишор карда мешавад, ки тӯли як ҳафта аз сухбати нафарони ба идораи нашрия «меҳмон шуда» ҳосил шудааст. Теъдоди меҳмонони ба суҳбат моил шуда, дар тӯли ҳафта аз се то шаш нафарро ташкил медиҳанд. Масалан, дар шумораи 10-уми декабри соли 2009 суҳбати се нафар зери ин рубрика интишор шуда бошад, дар шумораи 21-уми майи соли 2009 фикри 6 нафар интишор карда шудааст. Хусусияти хоси ин рубрика он аст, ки рӯз ва вақти баргузории суҳбат бо меҳмон мушаххас дар шакли масалан, «6.12.2009. Соат ба вақти Душанбе 15: 27 дақиқа, нишон дода мешавад. Кӣ будани меҳмон мухтасаран амсоли «Апаву хоҳарон Лутфуллоева Машварат ва Сироҷова Гулсара сокинони Панҷакент меҳмони «СССР» шуданд», ишора мегардад. Дар баробари муҳтавои суҳбат акси гӯяндаро низ чоп мекунанд. Интишори фикр бо акси гӯяндаи он, аз як тараф, ҷолибият ва исботи ҳолатро нишон диҳад, аз сӯйи дигар, як навъ омили ҳавасмандгардонии «меҳмонон» низ шудааст. Ҳар як суҳбат сарлавҳаи ҷудогона дорад.

Маводи ин рубрика аз ҷиҳати мавзӯъ ва масъалагузорӣ гуногун буда, на ҳамаи он ифодакунандаи назари хонанда ба мундариҷаи нашрия мебошад. Дар чунин мавод ҳам лаҳзаҳои зиндагии шахсӣ, ҳам проблемаҳои иҷтимоӣ, ҳам мушкилоти инфиродӣ ва ҳам муносибат ба нашрияҳои даврӣ ва матолиби онҳо ба мушоҳида мерасад. Аммо дар маҷмӯъ маводи ин рубрика, ки бо усули иртиботи замонавии хоси редаксия ҳосил шудааст, дар шинохти аудитория ва ҳалли мушкилоти гуногун мусоидат кардааст. Барои тақвияти ин андеша баъзе аз намунаҳои матолиби ин рубрикаро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Аввал матнҳоеро интихоб менамоем, ки мазмуни онҳоро зиндагии шахсӣ ва мушкилоти инфиродӣ ва оилавии меҳмонони редаксия ташкил медиҳанд. Ба ин навъ метавон матнҳои «Хонаамро Қаҳҳор Маҳкамов ҳадя кардааст» (2009.–5 март), «То 10 қабат замин равад решаи ман» (2009.–14 май), ««СССР»-ро ёфтаму гиристам» (2009.–21 май), «Қабри бародари президентро зиёрат кардам» (2011.–10 феврал), «Зане, ки 1 млн. китоб чоп кардааст» (2010.– 25 феврал), «Ба прокуратураи генералӣ роҳам надоданд» (2009.–21 май), «Панҷакент: Дӯкони газетамро бастанианд!» (2010.–14 октябр), «Писарамро фиребиданд!» (2010.–21 октябр), «Нозири роҳ ҳуҷҷатамро беасос гирифт» (2010.–25 ноябр), «Восеъ: Раҳми моро кӣ мехӯрад» (2011.–15 декабр), «Кӯдаки маро наҷот диҳед!», «Маро аз хобгоҳ ронданианд» (2011.–10 феврал) дохил кард. Дар ин ва амсоли ин матнҳо бо вуҷуди оҳанги иҷтимоӣ доштани мавзӯъҳои мавриди суҳбат, муаррифӣ ва ибрози мушкилоти шахсӣ бартарӣ пайдо кардааст. Чунончи, дар матни «Хонаамро Қаҳҳор Маҳкамов ҳадя кардааст» (2009.–5 март), меҳмон - хонандаи газета Мамедов Абдурашид Саидовичи 80-сола перомуни ҳаёти даврони шӯравии худ нақл мекунад, аз ҷониби ҳизб ва ҳукумат бо ифтихорномаву мукофотҳои давлатӣ қадрдонӣ шуданашро зикр мекунад. Бо вуҷуди ин ӯ аз бемасъулиятии кормандони идораи хонаҳо (домуправления) шиква мекунад, ки дарахтони ба мақсади зебоии атроф шинондаи ӯро дар ҳошияи «600 рӯзи ободонӣ ин ҳамаро аз решааш барканед» [193; 2009. –5 март] гуфтаанд.

Ба ҳамин монанд дар матни «То 10 қабат замин равад решаи ман», шахсияти Собир Султон, корманди Радиои Тоҷикистон дар бахши адабиёту фарҳанг, ки рӯзи 06.05.2009, соати 15:22 дақиқа ба редаксия меҳмон будааст, бозгӯ шудааст. Аз ҷумла, 46 сол собиқаи корӣ, таълим дар замони Шӯравӣ, соҳиби даҳ маҷмӯаи шеърӣ, муаллифи матни 70 суруду тарона, муаллифи гуфтори адабии «Фурӯғи Шашмақом» ва таманниёт дар шакли зайл: «Ман ин хоки муқаддаси ниёгонро ҳамчун тутиёи ду дида дӯст медорам. Ва ҳамеша хоҳони онам, ки дар фазои Тоҷикистони азизам ҳамвора офтоби сулҳу Ваҳдат, амонию арзонию фаровонӣ парафшон бошад. Ин аст мақсаду матлаби ягонаи ман» [103; 2009. –14 май].

Акаҷонов Исмоил Акаҷонович, сокини ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Қаҳҳоров, хонаи 56, меҳмони нашрияи «СССР» шуда, нақл мекунад, ки: «ман ба васияти модарам аз соли 1965 то имрӯз 26 кишвари Федератсияи Россия, ҳамчунин давлатҳои Руминия ва Югославияро гашта, аскарони гумноми тамоми халқу миллатҳое, ки дар Ҷанги Ҷаҳонии Дувум иштирок карда дар қабристони гуногун хок шудаанд, меҷӯяму ба соҳибонашон хабари бозёфтамро мерасонам». Пас ӯ меафзояд, ки дар баробари зиёрати макони мадфани ҷанговарони зиёд, «ҳамчунин кабри Файзиддин Шарифович Раҳмонов – бародари президенти Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмонро бо модарам зиёрат кардаам» [193; 2011. –10 феврал].

Низорамоҳ Сангова, муҳаррири шабонаи Радиои «Фарҳанг» рӯзи 8.02.2011, соати 13: 08 ба идораи редаксияи ҳафтаномаи мардумии «СССР» меҳмон шуда, аз пеш кардани худ аз хобгоҳи Вазорати фарҳанг, ки дар кӯчаи Нахимов – 64/7, шаҳраки Гипрозем воқеъ аст, шиква мекунад. Мавсуф меафзояд, ки «аз соли 2006 дар ҳамин хобгоҳ маскан дорам. Ман аз маошам хобгоҳи худамро бо пули калон таъмир кардам. Дар шоҳидии худам чандин кормандони вазоратро кӯч дода, нафарони бегонаро оварда шинонданд» [193; 2011. –10 феврал]. Сипас ӯ аз вазири фарҳанг Мирзошоҳрух Асрорӣ хоҳиш мекунад, ки ба ҳалли мушкилоташ мусоидат намояд.

Дар ҳамин шумора меҳмони дигар Ғозибеки Авазиён, омӯзгори мактаби №9, деҳаи Худгифи Болои ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ аз шаҳрвандон барои ҷарроҳии қалби фарзанди 4-солааш ёрӣ металабад. Мавсуф аз бенатиҷа мондани мурочиаташ ба Ҳукумати ноҳия иттилоъ дода, аз мухлисони «СССР» хоҳиш мекунад, ки барои шифои кӯдакаш тариқи суратҳисоби нишондодашуда кӯмаки пулӣ расонанд.

Дар рубрикаи «Меҳмонхонаи «СССР» чунин матолиб зиёд аст. Ин гуна матолиб бо вуҷуди масъалаҳои шахсӣ ва ё майлу шуғли шахсиятҳои алоҳидаро фаро гирифтан, аз бовариву эътибори мардум нисбат ба нашрия дарак медиҳанд. Меҳмонон ба нашрия эътимод доранд, майдони онро минбари розу ниёз ва василаи расонидани мушкилоти худ ба масъулин мепиндоранд. Маҳз бо ин рӯҳия онҳо ба идораи нашрия меоянд ва онро василаи дарёфти роҳи ҳалли мушкилоти худ медонанд.

Типи дигари матолиби дар заминаи иртиботи аудиторияи нашрияи «СССР» шакл гирифтаро масъалаҳои иҷтимоӣ ташкил медиҳанд. Дар ин типи матолиб меҳмонон масъалаҳоеро ба миён гузоштаанд, ки моҳияти иҷтимоӣ доранд, аммо ҳалли онҳо эшонро бетараф гузошта наметавонад. Ин гунаи матолиб хеле зиёд аст, ки аз бетараф набудани мардум, хоса хонандагони нашрияи «СССР» аз мушкилоти иҷтимоӣ дарак медиҳад. Барои намуна чанде аз онҳоро чун муште аз хирвор ин ҷо зикр менамоем. «Агроинвестбонк пул надорад, Амонатбонк намедиҳад» (2009.–7 май), «Бояд маҳсулоти дохилӣ дошта бошем» (2009.–21 май), «Исроф ҳаром аст» (2009.–10 декабр), «Поҷомаи зан дар ду шаҳр» (2010.–18 март), «На диплом медиҳанд, на билети ҳарбӣ» (2010.–21 октябр), «Оилаи ҷавонон чаро зуд вайрон мешавад?» (2010.–25 ноябр), «Маркази ройгони мусиқии миллӣ мебояд сохт!» (2011.–23 июл), «Бо мазҳабҳо эҳтиёткор бошем» (2011.–15 декабр), «Таҳкурсии донишҷӯён суст» (2011.–22 декабр) «Бухронии барқ - гаронии бозор» (2012.–3 май), «Чаро ба суғурта бовар надорем?» (2012.–3 май) ва ғайра.

Тавре аз унвони матнҳо ва гуфтаҳои меҳмонон бармеояд, аксар аз мушкилот ҳарф зада, барои ҳалли он фикри худро ироа доштаанд.

Масалан, меҳмони дар санаи 4.05.2009, соати 11:12 ба идораи нашрия омада – Абдуллоев Нусратуллои 58-сола, сокини ноҳияи Фархор, соҳиби хоҷагии деҳқонии «Бобои Нусрат», маҷрӯҳи гурӯҳи 2 аз ваъдахилофиҳои бонкҳои «Агроинвесбонк» ва «Амонатбонк» шикоят намуда, меафзояд, ки: «Агар қарз намедиҳанд. Пас чаро ҳам – мо кишоварзон ва ҳам президентро фиреб медиҳед, муҳтарам бонкирҳо?» [193; 2009. –7 май].

Агар ин меҳмон аз мушкилоти хоҷагиҳои кишоварзӣ ҷиҳати гирифтани қарз аз бонкҳо масъалагузорӣ намуда бошад, муаллифи андешаи «Бояд маҳсулоти дохилӣ дошта бошем» – Ғозиев Тоҳирхон Амирхонович, директори корхонаи муштараки «Тоҷиказот» қазияи ба роҳ мондани истеҳсолоти ватанӣ ва кӯмак расонидан ба инкишофи маҳсулоти худиро ба миён мегузорад. «Ман мехоҳам, ки маҳсулоти дохиликишварӣ дошта бошем. Вақте ки қарор дар бораи ҳифзи иқтисодиёт ва савдои беруни кишвар баромад, ҳамин қарорро баъзе депутатҳо ва коркунони масъул намефаҳмиданд, ки чӣ моҳият дорад…. Мақсади асосии қонун бояд ҳимояи истеҳсолкунандаи моли ватанӣ бошад» [193; 2009. –21 май].

Апаву хоҳарон Лутфуллоева Машварат ва Сироҷова Гулсара сокинони Панҷакентро, ки 5.12.2009, соати 15:27 меҳмони «СССР» шудаанд, масъалаи исрофкорӣ ва хароҷоти беҳуда дар рӯзи Ид ба ташвиш овардааст. «Дар рӯзи Ид 200-300 доллар харҷ мекунанд. Ба ҳамсоям савол додам, ки чаро ба ин қадар пул харид мекунад, ҳол он ки ҳамсояи фақиру нодор дорад? Ва пас аз ид боқимондаи дастархонро чӣ кор мекунад? Ӯ гуфт: хӯрдагиро мехӯрем, боқимондаро вақте турш мешавад, мепартоем» [193; 2009. –10 декабр]. Ин меҳмон ба он назар аст, ки одамони доро пеш аз ҳама, аз ҳоли ҳамсояи худ бохабар бошанд, агар камбизоат бошанд, ба онҳо кӯмак расонанд, мушкилӣ дошта бошанд, барои ҳаллаш мусоидат намоянд. Ҳамчунин ин меҳмон аз таҷрибаи худ ёдрас мешавад ва меафзояд: «Ман, ки 2 сол пеш дар шаҳри Панҷакент зиндагӣ мекардам, ҳини маҷлиси падару модарон мепурсидам, ки кӣ ятим аст? Ва чун маълум мегаштанд, ҳатман кӯмаки пулӣ мекардам….

Ман ба хонандагони доро муроҷиат мекардам, ки агар имкон дошта бошанд, ба шарикдарсони худ мадад расонанд».

Гулнора Маҳмадова, донишҷӯи курси 1 аз факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон дар рӯзи 19.11.2010, соати 14:21 меҳмони «СССР» шуда, проблемаи зуд вайрон шудани оилаҳои ҷавонро, ки аз газетаҳо хондааст, ба миён мегузорад. Ба назари ӯ, сабабгори асосӣ худи ҷавононанд, зеро ҳамдигарро амиқ нашинохта оила барпо мекунанд, ё ба хоҳиши волидайн оиладор мешаванд, ба синну соли издивоҷ нарасидаанд, саводи кофӣ надоранд.

Ҳамин тавр, ин типи матолиб, ки бо шарофати омадани меҳмонон ба идораи нашрия шакл гирифтааст, паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои иҷтимоиро фаро гирифтаанд. Мазмун ва моҳияти онҳо нишон медиҳад, ки шаҳрвандони кишвар, хоса муштариёни ҳафтаномаи «СССР» нисбат ба қазияҳои иҷтимоӣ бетараф нестанд, балки бо ҳар роҳ мехоҳанд дар ҳалли онҳо саҳмгузор бошанд. Бо вуҷуди он ки доираи дарки масъалаҳои иҷтимоӣ ва дараҷаи таҳлили онҳо дар чунин матолиб амиқ ва собитшуда нест, аммо ифодагари фикри нафарест, ки аз муносибати ӯ ба ҳаёти иҷтимоӣ дарак медиҳад.

Аз матолиби зери рубрикаи «Меҳмонхонаи «СССР» матнҳоеро метавон ҷудо намуд, ки оҳанги маслиҳат ва ёрмандӣ доранд. Муаллифони чунин матолиб аз таҷриба ва муваффақияти худ ҳарф зада, ба дигарон ҳамчун сабақ онро талқин намудаанд. Матнҳои «Магузоред, ки ҳуқуқатонро поймол кунанд» (2009.–14 май), «Бой шудан мехоҳед?» (2010.–25 ноябр), «Атри маро кӣ бӯ мекашад?» (2010.–21 октябр), «Ҳар кас табиби худ аст!» (2010-14 октябр), «Нони қоқ хӯру кӯча нарӯб» (2012.–8 ноябр) метавон ба чунин тип дохил намуд.

Қобилҷон Ғоибови 70-сола, сокини шаҳри Душанбе, нафақагир дар таърихи 07.05.2009 ба идораи нашрия меҳмон шуда, мақсади хоҳиши ҳамкории худро бо «СССР» «ҳар кас аз ҳуқуқҳои худ бохабар бошад» маънидод кардааст. Ӯ мегӯяд: «Ман мехоҳам ба воситаи ин газета ба мардум муроҷиат кунам, ки ҳеҷ гоҳ намонанд, ки ҳуқуқашон поймол

гардад. Ман барои обрӯи мардумам кор мекунам. Тамом…. Мақсади зиндагии ман аз худ барои ояндагон чизе гузоштан аст, боқӣ ҳеҷ» [193; 2009. – 14 май ].

Ба ҳамин монанд меҳмони дигар Ҳоҷӣ Хол Воҳидов, аз деҳаи Оқсои ноҳияи Данғара рӯзи 2.11.2012 вориди идораи нашрия шуда, дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ чунин меафзояд: «Агар кор кунӣ, дар Ватанат ҳам ризқатро ёфта мехӯрӣ. 6 писар дорам, ки то имрӯз Русия нарафтаанд. Аммо ҳамаашон бачаҳои меҳнатианд. Бо аҳли оилаашон ба зироаткорӣ, боғдорӣ, чорводорӣ машғуланд. Маънии гап ин аст, ки дар Тоҷикистон касе аз гуруснагӣ намурдааст» [193; 2012. – 8 ноябр].

Тавре ки аз муҳтавои ин ду матн бармеояд, мақсади гӯяндагон ба нангу номус овардани мардум аст. Дар матлаби аввал озодии виҷдон, донистани ҳуқуқҳои худ, мубориза бурдан баҳри амалӣ шудани онҳо, тантанаи адолат ва дар матлаби дуюм шаъну шарафи инсонӣ, меҳнатдӯстӣ ва ифтихори ватандорӣ талқин мешавад. Гӯяндагони ҳар ду матлаб ҳам аз муносибат ва амалҳои худ қаноатманд буда, ифтихор аз он доранд, ки ба манфиати моли дунё дар пеши касе сар хам накардаанд ва шаъну шарафи инсониашонро паст назадаанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар «Меҳмонхонаи «СССР» нафарони касбу кори гуногун ворид шудаанд. Яке аз нафарони машҳур Саидмурод Давлатов аст, ки нашрия ӯро «муваффақтарин олим ва сарватмандтарин Тоҷики Қазоқистон, муассиси «Само» – мактаби ташаккулёбии инсон» муаррифӣ кардааст. Ӯ дар таърихи 23.11.2010, соати 13:17 меҳмони идораи нашрия шудааст. Мавсуф ба саволи редаксия дар бораи чигунагии мактаб ва мақсади ӯ мухтасар посух дода, аз ҷумла гуфтааст, ки «Дар Тоҷикистон соҳибкорӣ қариб вуҷуд надорад, бештар авҷи тиҷоратро ҳис мекунам. «Само» ба ҳар нафари завқманд роҳу усули вижаи соҳибкориро меомӯзад. Дороиро меомӯзад. Сариштакориро меомӯзад. Агар пули камро идора карда наметавонед, бо пули зиёд ҳам муносибат кардан намешавад» [193; 2010 . – 25 ноябр]. Ин меҳмон яке аз роҳҳои сарватманд шуданро дар идора карда

тавонистани капитал медонад. 50%-и сарватмандони ҷаҳон аз ҳисоби қобилияти идораи капитал бой шудаанд.

Агар ин меҳмон аз усули сарватмандшавӣ сухан ронда бошад, Саломат Ёдгорова, донишҷӯи курси 5-уми факултети технологияи кимёвӣ ва металлургияи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон дар рӯзи 15.10.2010 соати 13:45 меҳмони редаксия шуда, аз маҳсули истеҳсолкардаи худ хонандагонро воқиф сохтааст. Ӯ тарзи тайёр кардани атри худро чунин шарҳ додааст: «2 бех гули герин (настарин) дар 25 сомонӣ харидам ва гули садбаргро дӯстонам аз ноҳияи Ҳисор бепул оварданд. Растаниҳоро бо чанд чакра моддаи кимёвӣ ҷӯшонидам. Аз чандсад грамм қариби 10-15 гр атр ба вуҷуд омад. Атри ман аз рустаниҳои табиӣ истеҳсол мешавад, на аз модаҳои кимёвӣ» [193; 2010. – 21 октябр ].

Чи тавре ки, аз мисолҳои фавқулзикр маълум гардид, баъзе меҳмонон хостаанд, то муваффақиятҳои худро, ки аз фаъолияту таҷрибаашон ҳосил шудааст, ба дигарон фаҳмонанд. Чунин муносибатро метавон табодули таҷриба номид, ки хонандаро барои меҳнати ҳалол, кӯшишу талош раҳнамун месозад.

Миёни нафароне, ки дар рӯзу соати муайян ба идораи нашрияи «СССР» омадаанд, хонандагони доимӣ ва воқеии ҳафтанома низ кам набудаанд, зеро ин гурӯҳи меҳмонон бештар аз ВАО, матбуоти даврӣ, ба вижа нашрияи «СССР» сухан рондаанд. Ин типи аудитория бо хислати психологии худ: «сабабҳои интихоби ВАО ва матолиби алоҳида, хусусияти қабул, дарк ва истифодаи иттилоот» [134, с. 249] фарқ мекунанд. Мавзӯи суҳбати чунин типи аудитория танҳо ВАО, хоса матбуоти даврӣ аст. Ба далели фикр матнҳои «Шумораи 1-ро ба S100 ҳам намедиҳам» (2009.–22 январ), «Дар орзуи дидори Сайёд» (2009.–7 май), «Имиҷи Душанберо ҳифз кунем» (2009.–14 май), «Заҳмати шумо қадр мешавад», «ГЖК – бозори матбуот аст!» (2009.–21 май), «СССР то Ҳисор нарасид» (2009.–23 июл), «Қазоқистон хунук, аммо газета мехонанд» (2011.–10 январ), «СССР-ро ёфтаму гиристам»,

«Журналистикаи профи дӯсти ман аст», «Мутолиаи СССР шуғли мастчоҳиён аст!» (2010.–18 март), «Тарс дорам, ки СССР булварӣ нашавад» (2010.–18 июл), «Хоҷа Оби гармро аз газета маҳрум карданд» (2010.–16 сентябр), «Гӯшаи навқаламон ташкил карда шавад» (2010.–16 сентябр), «Бигуфтам боз мегӯям» (2011.–28 октябр), «Чаро матбуоти тоҷик фотокамера надорад» (2010.–11 ноябр), «Газетаи раисон зеби китоб аст» (2012.–8 ноябр), «3 пешниҳод ба ТВ «Ҷаҳоннамо» (2013.–25) ва ғайраро чун намуна зикр менамоем. Чунончи, аз унвони матнҳо бармеояд, гӯяндагони онҳо аз проблемаҳои дастрасии нашрияҳо, чигунагии мундариҷаи онҳо ва мавқеи рӯзноманигорон сухан рондаанд.

Аз ҷумла, Абдураҳмон Қаҳҳоров, сокини колхози «Коммунизм»-и ноҳияи Қубодиён, ки рӯзи 20.01.2009, соати 16:28 меҳмони редаксия будааст, аз мушкилоти дастрасии нашрияҳои даврӣ, хоса «СССР» гила мекунад. Ӯ меафзояд: «чанд шумораи ахири «СССР»-ро сар аз аввали соли 2009 надидааст. Бо сабабҳои номаълум ин газетаро ба ноҳияи Қубодиён намебаранд». Мавсуф бар он назар аст, ки бигузор нашрия 10 сомонӣ бошад, аммо саривақт ба хонанда расонида шавад. Ин хонанда ифтихор аз он дорад, ки шумораи якуми «СССР»-ро дорад ва онро ба 100 доллар ҳам намедиҳад, зеро барояш муқаддас ва бебаҳост. Ба ин мазумун хонандаи дигари нашрия Шамсиддини Қудрат, сокини деҳаи Тутакаи ноҳияи Ҳисор, ки рӯзи 10.06.2009, соати 10:27 ба идораи нашрия ташриф овардааст, аз нарасидани нашрияи «СССР» ба ноҳияи Ҳисор шикоят мекунад ва сабаби ба идораи нашрия омаданашро дастрас намудани шумораи навбатии «СССР» маънидод мекунад.

Гӯяндаи матни «Мутолиаи «СССР» шуғли мастчоҳиён аст» рӯзноманигор Манучеҳр Шарифов дар таърихи 15.03, соати 9:30 меҳмони редаксия шуда, изҳор медорад, ки «рӯзномаи мардумии «СССР» дар минтақаҳои дурдасти Тоҷикистон обрӯи хоса ва хонандаи зиёди худро дорад. Масалан, чанд ҳафтаест, ки «СССР» дар ағбаи кӯҳистони вилояти Суғд дармондааст, мухлисон дигар намедонанд, ки ба чӣ кор машғул шаванд. Бовар кунед даҳҳо нафар ба ман сим зада, хоҳиш

мекунанд, ки газетаро бо ҳар роҳу васила ёфта, ба Мастчоҳ роҳӣ кунам. Метавон гуфт, ки «СССР» хобби, шуғлест барои мастчоҳиён» [193; 2010. –18 март]. Хонандаи дигари ин нашрия Мавлонзода Валамат устоди Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат бо хушнудӣ иброз медорад, ки «Мо якҷоя бо шогирдон аз шумораҳои аввал ин газетаи хонданиро варақ мезанем. Ҳар чопи навбатиашро интизорем; якҷо бо донишҷӯён бархе матолибро бо ҳам хонда, перомуни он андешаронӣ мекунем. Хешу таборонам, ки дар ноҳияи Панҷакент мезиянд, ҳар ҳафта дархост мекунанд, ки аз ҳар шумораи нав 2-3 донагӣ бигирам ва ба онҳо роҳӣ кунам» [193; 2009. –21 май].

Агар меҳмонони дар боло зикрашон рафта аз мушкилоти дастрасии нашрияи «СССР» ва интизориҳои муштариён нисбати дастрасии он сухан ронда бошанд, бархе аз меҳмонони дигар оид ба сатҳу сифати нашрияҳо ва мундариҷаи онҳо изҳори назар намудаанд. Барои мисол, Фаридун Зарифов донишомӯзи факултети журналистикаи ДМТ ба он назар аст, ки маблағи барои харидани рӯзномаҳо сарф шуда бояд подоши худро диҳад. Хонанда рафиқи рӯзнома аст ва он набояд ӯро фиреб диҳад.

Коршиноси масоили сиёсӣ Алишери Идизода дар таърихи 7.05.09, соати 10:45 ба идораи нашрия ташриф оварда, доир ба маводи ВАО-и Русия бар зидди мардуми тоҷик ва давлати Тоҷикистон изҳори назар кардааст. Ӯ ин амалро ҷанг – набарди иттилооти номида, таъкид месозад, ки «Рӯзномаи «СССР» дар авлавиятҳои худ сипоси ҳувияти миллӣ ва ифтихори миллиро боло дониста, ба муқобили ҳамаи ин дасисаҳои ВАО-и Руси мубориза барад». Хонандаи дигар Илҳомҷон Шонкиев корманди Тоҷикстандарт дар рӯзи 08.05.09, соати 10:38 меҳмони идораи нашрия гардида, иқдоми редаксияро ҷиҳати баррасии риоя нашудани стандартҳои давлатӣ дар бозорҳои кишвар ҷонибдорӣ намуда, тақвияти онро зарур меҳисобад: «Дар ин маврид ман бо андеша ва мавқеи рӯзнома ҳамақида ҳастам, чунки он ҷо, ки дар бораи баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ба мардум сухан меравад, бояд сахтгир

буд ва имиҷи пойтахти Тоҷикистонро бояд ҳифз кард» [193; 2009. –14 май].

Баъзе аз меҳмонон пешниҳод намудаанд, ки матолиби нашрияро дар шакли китоби алоҳида ба нашр расонанд. Аз ҷумла, Сафарзода Парвиз, донишҷӯ, сокини ноҳияи Фархор, ки рӯзи 6.11.2012. соати 15:04 меҳмони идораи нашрия будааст, пешниҳод мекунад, ки «матолиби 1-солаи «Газетаи раисон» ба шакли 1 китоб чоп карда шавад. Зеро ин 1 китоби ниҳоят ҳаҷвӣ мешавад. Аз вокуниши раисон ҳам механдӣ ва ҳам дар ғазаб мешавӣ» [193; 2012. –8 ноябр].

Омӯзиш ва таҳлили маводи «Дар меҳмонхонаи «СССР» нишон медиҳад, ки нафарони ба идораи нашрия ташрифоварда аз ҷиҳати ҷинс, синну сол, шуғл ва ҷуғрофияи макони зист аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Аз нигоҳи ҷинсият аксари «меҳмононро» мардон ташкил медиҳанд, гарчанде бонувон низ кам нестанд. Аз нигоҳи синну сол доираи меҳмонон гуногун аст. Дар байни онҳо ҳам ҷавонон, ҳам миёнсолон ва ҳам солхӯрдаҳо ба назар мерасанд, аммо дар муқоиса нафарони солхӯрда ва соҳибтаҷриба зиёдтаранд. Ин қишри аҳолӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ, аз ҷумла фаъолияти рӯзноманигорон бетараф нестанд, балки мехоҳанд дар ҳалли мушкилот ва пешрафти ҳаёти иҷтимоӣ саҳмгузор бошанд. Аз ҷиҳати ҷуғрофия низ меҳмонон гуногунанд. Дар маҷмӯъ меҳмонони редаксияро намояндагони тамоми минтақаҳои кишвар ташкил медиҳанд, аммо дар муқоиса хонандагон аз ноҳияҳои Фархор, Ҳисор, Панҷакент, Қумсангир (ҳоло Ҷайҳун) ва Мастчоҳ ба нашрия эътимоди бештар доштаанд. Аз мақсади ташриф овардан ба идораи нашрия ва мазмуни гуфторҳои «меҳмонон» бармеояд, ки тоифае аз мардум ба ин нашрия эътимоди хоса доранд, онро минбари ифшои розу ниёзи худ меҳисобанд, бо он ҳамкорӣ намуданро шараф ва беҳтар намудани мундариҷаашро ба худ низ вазифа медонанд. Чунин авзо имкон медиҳад то хулоса намоем, ки воқеан нашрияи «СССР» хусусияти мардумӣ дорад ва дар расидан ба ин мақом, ба он пеш аз ҳама, муносибатҳои сотсиологӣ мусоидат намудааст.

Рубрикаи дигари ин нашрия, «СССР» гӯш мекунад» аст, ки зери он матолиби дар заминаи зангҳои муштариён таҳияшуда инъикос мешавад. Ин рубрика низ дар нашрия ба ҳукми анъана даромадааст. Он аз моҳи ноябри соли 2008 идома дорад. Дар аввал он «СССР» ва хонанда» ном дошт, ки зери он тахти сарлавҳои «СССР» гӯш мекунад» зангҳои хонандагон, ки тӯли як ҳафта бо идораи нашрия сурат мегирифт, ба тарзи умумӣ хулоса карда мешуд. Масалан, дар яке аз чунин мавод [193; 2008. –20 ноябр] зангҳои телефонии 7 нафар муштарии нашрия хулоса шудааст, ки 2 нафар аз Қубодиён, як нафарӣ аз Истравшану Мастчоҳи Кӯҳӣ, ва се нафар аз шаҳри Душанбе мебошанд. Аз мазмун ва далоили хулосаи зангҳои телефонӣ бармеояд, ки хонандагон дар баробари мушкилоти худу масъалаҳои иҷтимоиро гӯшрас намудан, аз иртиботи худ бо матбуоти даврӣ, ба вижа «СССР» низ сухан гуфтаанд. Ин ҳолатҳоро масъули рубрика бо мамнуният ва бартаригузорӣ ба нашрияи худ нақл мекунад. Чунончи: «Хонандаи дигари мо, Бобoравшан аз Истаравшани бостонӣ ин субҳ занг задаву гуфтанд, ки «СССР» шомили феҳристи газетаҳои дӯстдоштании ӯ шудааст. Бобораҳмон гуфтанд, ки то ин дам газетаҳои....(номи газетаҳоро ба хотири риояи одоб намеорем - ред.) мехондааст, аммо сар аз моҳи январ (дақиқан) танҳо ба газетаи «СССР» мегузаранд. Ташаккур! Мо талош хоҳем кард, ки то январ хубтару беҳтар гардем». Баъдтар редаксия аз хулосаи зангҳои телефонӣ худдорӣ намуда, онҳоро айнан манзури хонандагон гардонидааст.

Рубрикаи «СССР» гӯш мекунад» борҳо ҷойи худро дар саҳифаҳои нашрия иваз намудааст. Дар аввал ҷойи он дар қисми болои саҳифаи 5 буд, баъд як муддат ба саҳифаи 6 кӯчид. Аз соли 2010 ба қисми поёни саҳифаи 5-ум ҷой гирифт, ки то ҳол идома дорад. Дар аввал дар ин рубрика аслан аз суҳбатҳои телефонӣ истифода мешуд, баъдтар аз усули фиристонидани SMS низ истифода мебурдагӣ шуданд.

Ин рубрика аз рӯйи шакл ва усули таҳия ба рубрикаи «Меҳмонхонаи «СССР» умумият дорад. Ҳар ду рубрика ифодагари муносибати сотсиологии нашрия бо хонандагон буда, мундариҷаи онҳо

аз ҷиҳати масъалагузорӣ ва оҳанги иҷтимоӣ ба ҳам наздик аст. Зикри таърихи рӯз ва соати ба вуқуъ пайвастани меҳмонӣ ва зангҳои телефонӣ барои ҳар ду хос аст. Ҳамчунин муҳтавои суҳбатҳои телефонӣ низ бо гузоштани сарлавҳа дар рӯзнома чоп карда мешавад. Бо вуҷуди ин рубрикаҳои мазкур аз ҳам фарқ мекунанд. Аввалан, мундариҷаи рубрикаи «Меҳмонхонаи «СССР» ҳосили алоқаи бевоситаи хонандагони нашрия аст, ки бо ин ё он мақсад ба идораи он ташриф овардаанд. Баъдан, дар ин рубрика муҳтавои суҳбати меҳмонон бо аксашон ҷой дода мешавад. Дар рубрикаи «СССР» гӯш мекунад» бошад, алоқа бавосита буда, суҳбати хонандагон бидуни акси онҳо интишор мешавад.

Чун ишора шуд, мавзӯи суҳбати хонандагони нашрия тариқи зангҳои телефонӣ гуногун аст, аммо ағлаби онҳоро проблемаву мушкилот ва хоҳишу пешниҳод ташкил медиҳад. Аз муҳтавои суҳбатҳои телефонӣ бармеояд, ки нашрия, хоса масъули рубрика Шаҳрзоди Амин ба хотири ба боварии хонандагон даромадан, онҳоро ба мундариҷаи нашрия моил намудан ва дар умум «газетаро мардумӣ» кардан аксари суҳбатҳои телефониро новобаста ба доираи мавзӯъ ва сатҳи суҳбат интишор намудааст. Ҳамчунин нашрия андешаҳои ҳамсуҳбатонро ҷонибдорӣ намуда, баъзан дар идомаи гуфтаҳои хонандагон бо усули луқма ташреҳ ҷой додааст. Барои мисол: «Аз редаксия: Муҳтарам хонанда! Матлаби Шумо дар баробари дигар зангҳои хонандагон ҳатман нашр хоҳад шуд: Мутмаин бошед! Ва умуман, кӣ гуфтааст, ки ин гуна садоқат ҷойи нашр надорад? Дорад!» Ин усул боис гардида, ки хонандагон минбари ин нашрияро ифшогари қазияву мушкилот дониста, шумора то шумора алоқаи худро бо он зиёдтар намудаанд.

Як хусусияти маводи рубрикаи мавриди назар он аст, ки ҷавҳари аксари онҳоро фикр ташкил медиҳад. Фикрҳо, ки ағлаб хусусияти фардӣ дошта дар қолабҳои гуногун: пешниҳод, маслиҳат, музокира ва амсоли ин баён шудаанд, дар ба вуҷуд омадани афкори оммавӣ ва ба ин васила ҳалли мушкилот мусоидат карда метавонанд. Ин оҳанг дар сарлавҳаҳои суҳбатҳои телефонӣ намудортар аст. Барои далел: «Ман дам гирифтан

мехоҳам», «Обунаро барҳам занед!», «Рӯ ба имон оред на ба мулло», «Эътирози Теша Раҷаб», «Нони журналистони тоҷик ҳалол аст», «Беҳуда хорам мекунӣ» - филми хиёбонист!», «Чаро матбуоти тоҷик фотокамера надорад?» ва ғайра. Ҳамчунин дар суҳбатҳои хонандагон шикоят аз камбудиҳои ҳаёти журналистӣ, аз қабили саривақт дастрас нашудани нашрияҳои даврӣ, бозчопи матолиби Интернет ва шабакаҳои хориҷӣ, обунаи маҷбурӣ низ ба мушоҳида мерасад. Ин ҳолат аз он далолат медиҳад, ки хонанадагон дар баробари ба самъи масъули рубрика ва доираи васеи аудитория ироа намудани масъалаву мавзӯъҳои гуногун, муносибаташонро ба маводи матбуоти даврӣ, аз ҷумла нашрияи «СССР» низ баён намудаанд. Масалан, Мансур Қиёмиддинов, нафақагир, маъюби гурӯҳи 2, сокини рустои Шайнаки Чанори ноҳияи Рӯдакӣ, ки рӯзи 25.02.10, соати 13:56 дар суҳбати телефонӣ будааст, мутаҳайир аст, ки «чаро тамоми нашрияҳои тоҷикӣ матолибро аз сайтҳои Интернет, ба хусус аз Радиои Озодӣ гирифта чоп мекунанд». Ӯ ба тарзи нимшӯхӣ бошад ҳам, суол мегузорад, ки «дар ин ҷода РО-ро ҳамчун узви ифтихории раёсати Иттифоқи журналистон пазируфтан даркор. Ё не?» [193; 2010. – 4 март]. Ба назари ӯ «Озодӣ» рӯзирасони ҳафтаномаҳои кишвар аст», зеро маводи аксари онҳоро матолиби ин шабакаи радиоӣ ташкил медиҳад.

Сайфулло Ҳакимов, сокини ноҳияи Рӯдакӣ дар суҳбати телефониаш, ки ба таърихи 21.11.2012, соати 8:18 рост омадааст, хоҳиш менамояд, ки «СССР» «перомуни шароити кунунии омӯзгорону устодони мактаб мақола чоп кунад. «СССР» вақте дар ин мавзӯъ матлаб менависад, мутмаинам, ки хонанда ҳиҷҷа карда мехонаду меомӯзад, зеро «СССР» газетаи мардумист» [193; 2012. –8 ноябр].

Шеравган Иброҳими Алӣ мухлиси доимии «СССР» пешниҳод мекунад, ки сардабир Сайёфи Мизроб «саёҳат бо фотокамера (фоторепортаж)-ро дар шумораҳои оянда низ идома диҳад» ва илова мекунад «мо - хонандагон чунин жанри журналистии дар замони СССР маъруфро дар дигар нашрияҳо билкул намебинем, ки ин ҳатман зарур

аст» [193; 2010. –11 ноябр].

Ҳамин тавр, бо рушди технология ва технологизатсия шудани фаъолияти журналистӣ дар воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла матбуоти даврӣ имкониятҳои зиёди дастрасии иттилоот, дарку маърифати мавзӯъ, таҳлилу баррасӣ ва чопу пахши мавод ба вуҷуд омадааст. Рушди технология боис гардида, ки робитаи идораи нашрияҳои даврӣ бо хонандагон ва ҳамкории хонандагон бо нашрияҳои даврӣ бештар гардад. Матбуоти даврии тоҷик аз ин имкониятҳо истифода барад ҳам, ҳафтаномаи «СССР» усули хоси худро дорад. Нашрия аз ин имконот истифода намуда, робитаи худро бо хонандагонаш қавитар гардонидааст. Рубрикаҳои «Меҳмонхонаи «СССР», «СССР» гӯш мекунад», ки дар заминаи иртиботи хонандагон бо нашрия таҳия шудаанд, далел ба ин фикранд. Иртибот бо хонандагон, ки аз шаклҳои муносибати сотсиологӣ аст, боис гардидааст, ки, аз як тараф, мундариҷаи нашрия рангоранг шуда, бештар рӯҳияи мардумӣ пайдо кунад, аз сӯйи дигар, эътимоди хонандагон ба он зиёд гардад. Илова бар ин баъзе фикру андешаҳои хонандагон, ки перомуни масъалаҳои мухталиф баён шудаанд, барои рӯзноманигорон дар интихоби мавзӯи эҷод маншаъ гардидаанд. Бо вуҷуди ин дар муносибат ба матбуоти даврӣ, баъзе «меҳмонон» хонандаи воқеии нашрияи «СССР» будани худро иброз намудани шуда, нашрияҳои дигарро андаке «паст» задаанд.

Омӯзиш ва таҳлилҳо нишон дод, ки дар ҳар шумора нашрия зери рубрикаҳои гуногун, ки дар боло зикрашон рафт, аз 14 то 18 матлаби хурдеро ҷой медиҳад, ки бо усули иртибот бо хонандагон ҳосил шудаанд. Агар аз ин теъдод рақами 16-ро ба сифати максимал интихоб намуда онро ба 50 (шумораи умумии солонаи нашрия) зарб занем, рақами 800 ҳосил мешавад. Ин рақам далолат бар он мекунад, ки воқеан нашрияи «СССР» ба хонандагони худ бештар такя мекунад ва мекӯшад, ки мушкилоту дархост ва пешниҳодоти хонандагонро думболагир шуда, дар ҳалли онҳо мусоидат кунад.

## III. 2 Интерактивнокӣ ҳамчун шакли алоқа бо аудитория

Рушди босуръати интернет, васеъ гардидани доманаи пахш ва истифодаи он дар низоми воситаҳои ахбори омма навъи нави фаъолияти касбӣ – журналистикаи интернетӣ ва ё онлайн-журналистикаро ба вуҷуд овард. Ҳарчанд дар кишварҳои пешрафтаи Аврупо интернет ба сифати воситаи ахбори омма қабул шуда бошад ҳам, дар Тоҷикистон новобаста аз мавҷудияти журналистикаи интернетӣ, аҳаммият ва мақоми он дар низоми воситаҳои ахбори ватанӣ то ҳол мушаххасан муайян нашудааст. Дар шароити муосир интернет вазифаҳои гуногун: почта, китобхона, сарчашмаи иттилоот, расонаи хабарӣ, коммуникатсия ва амсоли инро иҷро мекунад. Дар ин миён вазифаи иртиботии интернет бештар аст. Интернет дар ташкили иртиботи оммавӣ ва «иртиботи мутақобила» аз воситаи муҳим ва имконпазир маҳсуб меёбад. Ин аст, ки теъдоди истифодабарандагони интернет дар ҷаҳони муосир, аз ҷумла Тоҷикистон тадриҷан меафзояд; захираҳои иттилоотии он зиёд мешавад; таъсираш ба афкори омма бештар мегардад; дар баёни ақида ва мавқеъгириҳо мардумро ба ҳам меорад.

Чунончи дар фаслҳои пешин баррасӣ гардид, дар тамоми марҳилаҳои инкишофи таърихи матбуот ягона шакли алоқаи аудитория бо воситаҳои ахбори омма мактубҳои ба идораи нашрияҳо ворид шуда будааст. Ин анъана то имрӯз идома дорад, аммо инкишофи технологияи коммуникатсионӣ, аз ҷумла бо ташаккули интернет-журналистика шаклҳои нави алоқа бо аудитория ба вуҷуд меояд. Яке аз чунин шаклҳо, иртиботи мутақобила мебошад, ки «робитаи байни хонандаву муаллиф, муаллифу хонанда ва хонанда бо хонандаро дар ВАО-и интернетӣ» [84, с. 88] мефаҳмонад. Ин шакли иртибот, ки барои ба вуҷуд овардани алоқаи баръакс имкони зиёд дорад, аз хусусияти интерактивии шабакаҳои интернетии ВАО мебошад. Ин омил алоқаи байни идораи нашрияҳои даврӣ ва аудиторияи иқтидориро таъмин мекунад. Муҳаққиқон Калмиков ва Коханова дуруст навиштаанд: «табиати муколамавӣ,

интерактивӣ доштани технологияи WWW журналистро маҷбур месозад, ки на дар сухан, балки дар амал аз тарзҳои иртиботи тамоман яксамта даст кашад» [55, с. 383].

Анъанаи инкишофи расонаҳои иртиботи оммавӣ барои ҳалли яке аз вазифаҳои журналистика – барқарор намудани муошırати таъсирнок бо аудитория ба мақсади муайян намудани муносибати хонанда бо матолиби ВАО имконоти навро ба вуҷуд овардааст. Имконияти бо нигоштаи худ ба алоқаи интернетӣ пайвастан ба журналист ҷиҳати фаҳмидани талаботи иҷтимоии аудитория ва ба хости он наздик шудан ёрӣ мерасонад.

Ҳамин тариқ, махсусияти журналистикаи амалии интернетиро маҳз ин се аломат муайян мекунад: «Табиати технологияи WWW худ имконоти дар саҳифаи веб бо усули ҷадвал пешниҳод намудани иттилоот ва иқтибосоти матнии калонҳаҷм барои алоқаи қисмҳои гуногуни иттилоотиро дорад. Гипертекстуалӣ, мултимедиявӣ ва интерактивӣ доманаи иртиботро васеъ намуда, фазои гуфтугӯи байни иртиботгаронро дар воситаи нави иртиботи электронӣ амиқ гардонид» [11, с. 10].

Дар қомуси «A Dictionary of New Words» мафҳуми интерактивнокӣ чунин шарҳ ёфтааст: «Интерактивнокӣ – шакли баргузории барномаест, ки ба бинандагон имкон медиҳад то дар ҷараёни амали шоу ва ё ин ё он воқеа тавассути зангҳои телефонӣ иштирок намоянд».

Алоқаи баръакс аз калимаи англисии feed back буда, маънои «баҳраи баръакс»-ро дорад. Ба маънои васеъ ин ибора маънои ҷавоб, луқма, таъсири ҷавобӣ ба ин ё он амал ва ё рӯйдодро мефаҳмонад. Таркиби ин алоқаро сарчашма - шабакаи иртиботӣ – унвоният ташкил медиҳад. Аммо дар маркази ин алоқа иттилоот қарор дорад. Яъне, ба шарофати расонидани иттилоот ва расидан ба мақсад як ҷониб ба ҷониби дигар робита барқарор мекунад.

Ба ақидаи Л. Горалик, интерактивнокӣ омили нав нест. Он дар шабакаҳо аз замоне арзи вуҷуд кардааст, ки зарурияти ба ҳолати қабули истеъмолгарон расонидани зуҳуроти фарҳанг эҳсос шуд. Л. Горалик шаклҳои мавҷудаи интерактивнокиро таҳлил намуда, шаш сатҳи гуногуни амалигардонии онро ба сифати воситаи таъсири байниҳамӣ бо истеъмолгарон ҷудо намудааст, ки инҳоянд: интерактивнокии заиф, иштироки маҳдуд, алоқа барои контекст, интерактивнокӣ ҳамчун талаботи базавӣ, интерактивнокӣ ҳамчун восита.

Интерактивнокӣ ҳамчун аломати типологӣ ду ҷанбаи татбиқ дорад. Аз як тараф, онро метавон ҳамчун воситаи амалигардонии фаъолияти иттилоотӣ, ки барои гирифтани луқмаи фаврӣ аз аудитория мусоидат мекунад, баррасӣ кард. Дар ин ҷанба интерактивнокӣ ба меъёрҳои типологие чун мақсад ва вазифаҳои нашрия, ҳайати муаллифони редаксия, низоми жанрҳои нашрия мувофиқати зич пайдо мекунад.

Хусусияти интерактивнокии иртиботро бо маҳдудият ва аломатҳои хос нишонаи сеюми интернет-ВАО меҳисобанд. Дар ВАО-и чопӣ то имрӯз касе мактуб ва конференсияҳои матбуотиро ҳамчун шаклҳои муошират бо аудиторияи худ барҳам надодааст. Воситаҳои ахбори оммаи электронӣ аз шаклҳои дигари интерактивнокӣ, яъне таъсири дуҷониба бо аудитория нисбатан самаранок истифода мебаранд. Масалан, дар радио ва телевизион имрӯз бевосита дар рафти эфир аз зангҳо, пурсишҳои телефонӣ ва студиявии рейтингӣ, бозиҳои гуногун ҳамчун усули муошират бо аудитория истифода мебаранд.

Бо вуҷуди ин ҷараёни иртиботи истеъмолгарони маҳсулоти ВАО-и анъанавӣ дар сатҳи оммавӣ нисбатан заиф аст ва бештар хусусияти яксамта пайдо мекунад. Баръакси ин интернет имконияти бештар дорад, ки дар ҷараёни иртибот на танҳо ашхоси алоҳида, балки одамони зиёд иштирок кунанд.

Муҳаққиқи шинохтаи интернет-журналистикаи америкоӣ Нора Пол (*Nora Paul*) пешниҳод менамояд, ки интерактивнокии интернет-ВАО аз нуқтаи назари гуногун баррасӣ карда шавад:

1. самтнокии иртибот;
2. истифодаи шаклҳои муошират;
3. синхронӣ ва ғайрисинхронии он;
4. хислати модератсионӣ;
5. вазифаҳои мақсаднок.

Интерактивнокӣ аз нуқтаи назари самти амали иштироккунандагони ҷараёни иртибот чор навъ мешавад:

– аз як нафар ба як нафар (масалан, навиштани мактуб ба почтаи электронии журналист ва ё ба муҳаррир);

– аз як нафар ба нафарони зиёд (масалан, журналист/муҳаррир/ модератор бо истифодаи варақаи хатбар мактуби электронӣ мефиристонад);

– аз нафарони зиёд ба як нафар (масалан, вақте истеъмолгар ба ин ё он шахси мушаххас имкони савол доданро пайдо мекунад: савол додан ба президент/депутат/ адиб ва ғ., мусоҳиба);

– аз нафарони зиёд ба нафарони зиёд (масалан, иштирок дар форумҳо).

Мавриди қайд аст, ки фарқи шартии интерактивнокӣ дар интернет ВАО ва интерактивнокие, ки дар воситаҳои ахбори оммаи анъанавӣ истифода мешавад, дар он аст, ки дар интернет муоширати дучониба дар як муҳити табиӣ сурат мегирад. Ба ибораи дигар, агар иртибот дар рӯзнома ба воситаи почта, ва ё радио тавассути телефон сурат гирад, алоқаи интернет бо интернет аст. Аз ин рӯ, муошират метавонад характери синхронӣ ва ё онлайнӣ пайдо кунад.

Дар таҷрибаи идораҳои ВАО-е, ки дар интернет сомонаҳои худро доранд, шаклҳои гуногуни муошири шабакавӣ амсоли мактубҳои электронӣ, чатҳо, форумҳо ва SMS (Short Message Service – хизматрасонии маълумоти кутоҳ, ки тариқи алоқаи мобилӣ амалӣ

мегардад) мавҷуданд. Ин василаҳо, бидуни шубҳа, доманаи имконоти иртиботиро васеъ мегардонанд. Бо шарофати он иртибот на танҳо муоширати редаксия бо намояндагони алоҳидаи аудиторияро таъмин мекунад, балки дар шакли форум муҳокимаи воқеаҳои муҳимми рӯзро байни редаксия ва хонанда ва миёни истеъмолгарони алоҳида (чатҳо) ба вуҷуд меорад.

Дар алоқа бо ин барои журналистон уҳдадориҳои нави касбӣ – модераторҳо, ташкилотчиҳо пайдо мешавад, ки дар таъмини иртиботи бисёрҷанба, ташкили баҳсҳо, фаъол гардонидани тарафҳо ва амсоли ин ёрӣ мерасонанд. Бо нигошта дар алоқа бо омма қарор доштан ба журналисти интернетӣ имкон медиҳад, ки талаботи иҷтимоии аудиторияро ҳаматарафа эҳсос кунад. Масъалаи истифода шудани захираҳои интерактивӣ аз ҷониби редаксия ҳангоми муайян кардани муоширати интерактивӣ бо аудитория аҳаммияти бештар пайдо мекунад.

Шиносоӣ бо сомонаҳои интернетии нашрияҳои даврии тоҷик нишон медиҳад, ки қариб аксари онҳо аз ин имконият истифода мекунанд. Ҳамчунин дар ағлаби онҳо шаклҳои интерактивии муошират бо хонандагони худ ба мушоҳида мерасад, аммо шакли нисбатан маъруф усули анъанавии таъсири байниҳамии даъват ба обуна (аз ҷумла, тавассути почтаи электронӣ) мебошад. Дар баробари ин дар баъзе нашрияҳо, хусусан нашрияҳои ғайриҳукуматӣ шаклҳои овоздиҳӣ, мавқеъгирӣ, анкетаҳо, чатҳо низ ба ҳукми маъмул даромадаанд.

Аммо чунин имкониятҳои ҷустуҷӯиро на ҳамаи сомонаҳои интернетӣ истифода менамоянд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки бештари онҳо танҳо ба хизматрасониҳои дохилишабакавӣ иқтифо мекунанд. Мутаассифона, дар сомонаҳои интернетӣ мусоҳибаҳои онлайнӣ ва конференсияҳои хонандагон ба назар намерасад. Чунин ҳолат гувоҳ бар он аст, ки то ҳол сомонаҳои тоҷикӣ аз имкониятҳои интерактивии робита бо аудитория ба таври бояд истифода карда наметавонанд.

Дар шароити муосир бо шарофати рақобати озод ва иҷозатномадиҳӣ ба хизматрасониҳои интернетии операторон ва провайдерҳо аудиторияи интернет зиёд шуда захираҳои интернетӣ дар Тоҷикистон босуръат рушд мекунад. Дар аввали соли 2014 дар Тоҷикистон 3,8 млн истифодабарандагони шабакаҳои интернетӣ (ИА REGNUM) ба қайд гирифта шудааст, ки қариб нисфи аҳолии кишварро фаро мегирад. Муштариёни фаъоли интернет 4,7 млн нафарро ташкил медиҳанд. Ин омор нишон медиҳад, ки дар фазои иттилоотии Тоҷикистон интернет ба воситаи асосии пахши иттилоот табдил ёфтааст. Аз даҳсолаи 1990 инҷониб оҷониҳои иттилоотӣ аз интернет на танҳо барои дастрасӣ ва пахши иттилоот, балки ҳамчун майдони асосии фаъолият ва муҳити расонаӣ фаъолона истифода мекунанд. Ҳатто оҷонсиҳои интернетии худӣ пайдо шудаанд, ки ҳам вазифаи манбаи иттилоот ва ҳам нақши васоити ахбори оммаро иҷро мекунанд. ВАО-и шабакаӣ нуқтаи олии воситаҳои ахбори омма ва технологияи иттилоотию иртиботӣ гардид. Бо шарофати он матн, садо ва тасвир дар формати ягонаи рақамӣ муттаҳид шуд, фаврият баланд ва вобастагии ҷуғрофии ВАО нест гардид.

Имрӯз дар фазои интернет аксари расонаҳои хабарии Тоҷикистон сомонаҳои худро доранд. Бо вуҷуди ин нашрияҳои шабакаҳои иттилоотиву таҳлилии Тоҷикистонро метавон шартан ба се гурӯҳ ҷудо намуд:

1. Нашрияҳои шабакавие, ки шакли чопӣ доранд;

2. Нашрияҳои шабакавие, ки шакли чопӣ надоранд;

3. Нашрияҳои гибридӣ, ки ба медиа-холдингҳо тааллуқ дошта, якчанд рӯзномаро муттаҳид мегардонанд.

Ба гурӯҳи аввал нашрияҳои http://news.tj/ - пештоқи (портал) гурӯҳи расонаи «Азия-Плюс» (рӯзнома ва оҷонсии иттилоотӣ), http://vecherka.tj/ - пештоқи рӯзномаи «Вечерка», http://faraj.tj/ - пештоқи рӯзномаи «Фараж», http://ozodagon.com/ - пештоқи рӯзномаи «Озодагон», http://tojnews.org/ - пештоқи рӯзномаи «Нигоҳ» (то соли 2016); ба гурӯҳи

дуюм нашриёҳои http://avesta.tj/ - оҷонсии иттилоотии «Авеста», http://khovar.tj/ - оҷонсии иттилоотии «Ховар», http://tajikta.tj/ - пештоқи иттилоотии http://kloop.tj/ - пештоқи навгониҳо барои ҷавонони журналистшаванда, http://toptj/com - лоиҳаи тиҷоратии Россия доир ба қазияҳои ҶТ ва ба гурӯҳи сеюм http://pressa.tj/ - медиа-холдинги «Оила», http://gazeta.tj/ - медиа-холдинги «Чархи гардун»-ро дохил кардан мумкин аст.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки аксари ин шабакаҳо аз аносири интерактивии пахши иттилоот ва иртибот бо аудитория истифода мебаранд. Аз ҷумла, дар аксари онҳо бахшҳои захираҳо, иқтибосоти матнии калон, алоқа миёни истеъмолгарон, шарҳи хабарҳо ва баёни ақида, ташкили форумҳо, блогҳо, мавқеъгириҳо ва амсоли ин ба назар мерасад. Аз ин миён усули мавқеъгирӣ дар шакли назарсанҷӣ ва шарҳи матолиб маъмултар аст. Масалан, оҷонсии иттилоотии «Ховар» пайваста аз усули назарсанҷӣ истифода мебарад. Назарсанҷиҳои ин оҷонсӣ, аксар ба масъалаҳои иҷтимоиву сиёсӣ рабт дошта дар шакли анкетаи пӯшида пешниҳод мешаванд. Масалан, барои муайян кардани назари мардум доир ба «Истиқлолияти давлатӣ аз назари Шумо чист?» ҷавобҳои зерин ҳамчун вариант пешниҳод шудаанд:

- Дар сиёсати байналмилалии ҷаҳон муаррифӣ ва шинохта шудани миллати тоҷик (37%, 63 овозҳо)
- Пайдо шудани давлати Тоҷикистон дар харитаи ҷаҳон (28%, 49 овозҳо)
- Омили ваҳдат ва ягонагии тамоми тоҷикони рӯи олам (24%, 41 овозҳо)
- Рушди бесобиқаи ҳамаи минтақаҳои мамлакат (4%, 7 овозҳо)
- Рафтуомади озодонаи тоҷикон ба гӯшаҳои ҷаҳон (4%, 7 овозҳо)
- Заминаест барои худшиносии сокинони мамлакат (3%, 5 овозҳо)

Овозҳо: 172

Дар баробари масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ, ин оҷонсӣ ба мақсади муайян кардани рейтинги барномаҳои радиои «Ховар» низ назарсанҷӣ гузаронидааст. Барои мисол:

Кадом аз барномаҳои зерини Радиои «Ховар» бароятон бештар писанд аст?

Бахши «Хабар»

«Соярушан»

«Бозтоб»

«Дармон»

«Меҳмони Ховар»

«Садои мондагор»

«Гарде аз домани андешаҳо» ва «Аз фармудаҳои бузургон»

Дар шакли шарҳ баён намудани мавқеъ низ дар ин оҷонсӣ анъана шудааст.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки сохтори жанрии ВАО-и интернетии муосир бештар бо таъсир ва назардошти иқтидори интерактивии аудитория шакл мегирад. Ағлаби нашрияҳо ба хонандагон имкон медиҳанд, ки ба таври фаврӣ доир ба матолиби хондаашон шарҳ нависанд.

Барои илмияти фикр навъҳои интерективиро дар мисоли сомонаи «Озодагон», ки яке аз оҷонсиҳои калони тоҷикӣ маҳсуб меёфт, баррасӣ менамоем. Ин оҷонсӣ бо ҷорӣ намудани технологияи нави компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ сиёсати худро доир ба дастрасии иттилоот тағйир дода, аз доираи хурди истифодабарандагон ба доираи васеи истеъмолгарон расид. Оҷонсии «Озодагон» на танҳо барои аудиторияи ВАО-и гуногун, балки ба ташкилотҳои зиёд, шахсони алоҳида чи дар Тоҷикистон ва чи берун аз он дастрас буд.

«Озодагон» ба муштариёни худ маҷмӯи васеи хизматрасониҳои иттилоотӣ, ки фаъолияти якчанд зермаҷмӯаҳои онро таъмин мекунад, пешниҳод менамуд. Аз ҷумла:

– хизматрасонии навгониҳо, ки шомили шуъбаҳои мавзӯи буда, ба ҷамъоварии ахбори ҷории фарогирандаи тамоми соҳаҳои фаъолият машғул аст;

– хизматрасонии мустақил бо оҷонсиҳои амалкунанда, ки иттилооти байналхалқӣ, иқтисодӣ ва варзиширо таҳия мекунад;

– бо имконоти худ ва захираҳои маълумотҳои иттилоотӣ ва хизматрасонии аккосӣ, марказҳои рекламавию тиҷоратӣ, ҳамчунин хизматрасониҳои дигар, аз ҷумла техникӣ, ки ба паҳн ва дастрасии маҳсулот ба муштариён машғул аст, беҳамто буд.

Самти асосии фаъолияти ин оҷонсиро чун оҷонсиҳои дигар истеҳсоли иттилооти фаврии рӯйдодӣ ташкил медод. Дар ин оҷонсӣ чунин навъҳои интерактивӣ (ҷолибсозӣ) истифода мешуданд:

- захираҳо;
- иқтибосоти матнии калон;
- интерактивнокии намуди дуюм: расона ва ҷомеа – шаклҳо;
- истифодаи алоқае, ки худи истеъмолгарон ба вуҷуд овfarданд;
- шарҳи истеъмолгарон доир ба ҷобаҷогузории навгониҳои худ;
- интерактивнокии намуди сеюм: расона – истеъмолгар – ҷомеа:
- форумҳо;
- блогҳо;
- иштироки итеъмолгарон дар овоздиҳӣ.

Дар ин хабаргузорӣ робитаи истеъмолгарон дар шакли алоқаи баръакс нисбатан фаъол буд. Дар аксари матолиби руҳдодӣ ва ақидавӣ ҷавобҳои хонандагонро дар шакли луқма ва шарҳ мушоҳида мекунем. Масалан, корбарони ин шабакаи иҷтимоӣ дар зери акси Раҷаб Таййиб Эрдуғон, ки ба воқеаи табаддулоти Истамбул иртибот дорад, чунин шарҳҳо навиштаанд:

«Худо, ин шахсияти барҷастаи олами исломро нигаҳ дор, Омин», «Мошоаллоҳ, ибрат барои дигар раиси ҷумҳурҳо», «Марди Худо, муваффақу сарбаланд бошӣ», «Хуш бар ҳолат», «Аллоҳ нигаҳбонат бошад, шери нар», «Рустамона рафтор кардед, ҷаноби Эрдуғон», «Ин қудрати Оллоҳро бинед», «Раҷаб Таййиб Эрдуғон - шери майдони ислом...».

«Дар асл, онҳо намедонанд, ки Эрдуғон маккор аст, ҳатто зиёда аз гумонамон. Ӯ яккатоз аст, аммо кишварашро ба пешрафтҳои бузург расонд. Бале, бо кӯшиш ва заҳмати ҳамин мард Туркия пешрафта шуд. Бо ягон кишвар, ҷуз Озарбойҷон, муносибати самимӣ надорад. Ё шумо мегӯед дорад? Марҳамат карда гӯед, ки бо куҷо додугирифт ва муносибати дӯстии хуб дорад? Лол мемонед, чун нест ҳеҷ куҷо! Бо ҳар куҷо шартнома дорад ё рафтуомад, пеш аз ҳама, ҳадаф фоидаи худро медонад. Эрдуғон ҳамеша манфиати давлаташро муҳим медонад ва барои он ҳама корро мекунад. Ҳатто табаддулот(!) алайҳи миллаташро ҳам. Аммо он нафароне, ки аз дур истода, даст зери манаҳ гузошта, танҳо натиҷаро интизор мешаванд, онҳо тарсуҳои лошахӯр мебошанд. Ҳамин ки ғолибро диданд, тарафи мағлуб санг меандозанд. Ҳоло дарди ҷонкоҳ ин аст, ки ин тоифа ҳеҷ кадом дар кишвари худ нестанд. Онҳо моли худи сабзаи боғи ҳамсояро «мечаранд». Ҳатто раққоса ҳам риш монад, онҳо "Аллоҳу Акбар" мегӯянд. Ана дидед, ки ин тоифа киҳоянд?! Муроҷиат ба ҳамин нафарон, ки шабу рӯз дар шабакаҳои иҷтимоӣ алайҳи мардуме санг мезананд, ки бегуноҳанд, як нуктаро фаромӯш накунед, ки дар дунё кам нафарон ҳастанд, ки сиёсати туркҳоро фаҳманд. Дуруст, шумо мардуми дар сиёсат «доноед», инро дарк мекунед, аммо аз сад ҳатто ними якеро намефаҳмед! Онҳо барои ба ҳадафҳои муҳими сиёсӣ расидан тарҳҳои ниҳоят бузургу боварнокарданӣ мекашанд ва дигар барояшон муҳим нест, ки дар ин тарҳ кӣ қурбонӣ мешавад. Эрдуғон ҳам дигар аз ҳамон миллати турк аст. Аз ҳамин хотир, агар таваҷҷуҳ карда бошед, қабл аз табаддулоти ноком як таркиш дар Туркия

дар фурудгоҳ анҷом ёфт ва аз печидагии сиёсати туркӣ роҳгум зада, ҳамаро банавбат гунаҳкор кард. Як рӯз мегуфтанд террорист тоҷик буд, фардояш русу қафқозӣ ё чечену боз кадомҳои дигар. Яъне онҳо, ки дар тарҳи амалиётҳои сиёсӣ хело бераҳманд ва тактикаи фарохи сиёсӣ доранд, ҳатто миллати худро қурбони манфиатҳои худ мекунанд. Фикр мекунанд, ки дигар миллатҳо ва ё гурӯҳҳо ҳам ба ин кор қодиранд».

Интерактивнокии шабакаи **«Азия Плюс».**

**«АЗИЯ-ПЛЮС»,** аввалин оҷонсии иттилоотии мустақил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки тирамоҳи соли 1995 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда, аз соли 1996 дар бозори иттилоотии кишвар фаъолият мекунад. Аз соли 1996 ҳар ҳафта бюллетени таҳлилию иттилоотии «Asia-Pius» бо забонҳои русӣ ва англисӣ нашр мешавад. Соли 1998 ба нашри навори ҳарҳафтаинаи иттилоотии «АП-Блитс» шурӯъ кард. Бахшҳои асосии «Азия Плюс»: «Ҳокимият», «Парламент», «Ҳамкорӣ», «Иқтисодиёт», «Молия», «Энергетика», «Саноат», «Алоқа», «Мудофиа», «Амният», «Қонун ва тартибот», «Ҷамъият», «Маориф», «Тандурустӣ», «Ҳизбҳо», «Экология», «Ёрӣ», «Варзиш», «Минтақаҳо», «Осиёи Марказӣ», «ИДМ», «Дунё» мебошанд. Шабакаи мухбирии «Азия Плюс» дар Тоҷикистон аз ҷумла, Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Хоруғ ва ҳамчунин дар Россия, ИМА ва Англия амал мекунад. Истеъмолгарони иттилооти «Азия Плюс» Дастгоҳи иҷроияи Президент ҶТ, Маҷлиси Олии ҶТ, як қатор вазорату идораҳо, Ҳукумати шаҳри Душанбе, бонкҳо, созмонҳои байналхалқӣ, Бонки таҷдид ва рушди Европа, Бонки умумиҷаҳонӣ, Бонки рушди Осиё, Хазинаи Оғохон, воситаҳои ахбори оммаи ватанӣ ва хориҷӣ, намояндаҳои дипломатии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сафоратхонаҳои ҶТ дар як қатор давлатҳои хориҷӣ мебошанд. Аз соли 2000-ум шакли электронии ахбор интихобан дар сомонаи Интернет дохил карда мешавад.

Имрӯз дар сохтори он оҷонсии иттилоотӣ, хонаи наширӣ ва ширкати радиотелевизионӣ шомил аст.

Пештоқи иттилоотии www.news.tj (www.asiaplus.tj) аз рӯйи теъдоди истеъмолгарон дар зонаи Интернетии Тоҷикистон пешсаф мебошад.

«Азия Плюс» яке аз калонтарин оҷонсиҳои Тоҷикистон маҳсуб меёбад, ки теъдоди муштариёнаш зиёд аст. Масалан, матлаби журналист Салимахон Ваҳобзодаро дар бораи коркарди лоиҳаи нави Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиш», ки махсус барои «Азия Плюс» навиштааст, 9919 нафар назар кардааст. Дар нигоштаи ӯ аз ҷумла, қайд гардидааст, ки «Санҷишҳои зиёд аз ҷониби мақомоти гуногуни давлатӣ гузаронидашуда ҳамеша барои соҳибкории хурду миёна тозиёнаи воқеӣ буданд. Дар соли 2001, вақте ки Амри президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷорӣ намудани китоби қайди санҷишҳо» қабул гардид, вазъият нисбатан беҳтар шуд, аммо баъдтар дар моҳи июли соли 2006 Қонун «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бори аввал дар Тоҷикистон қабул гардид, протседураи ягонаи санҷишро барои ағлаби мақомоти санҷишӣ муайян кард. Ҳамчунин бори аввал дар қонун ҳуқуқ ва ухдадориҳои соҳибкор ва инспектор мушаххасан ба шакл дароварда шуд, ки риоя накардани онҳо барои эътирофи натиҷаҳои ғайривоқеии санҷиш метавонад асос гардад».

Ба ин матлаб чунин шарҳу тафсирҳо шудааст:

Соҳибкор Маҷид

13/06/2015 11:50.

КАФОЛАТ МЕДИҲАМ, КИ ЛОИҲА 100 % КОР НАМЕКУНАД

Лоиҳа кор намекунад, беҳуда гузаронидани вақт аст ва маблағи халқро беҳуда сарф накунед. Исроф ҳаром аст. Барои амалӣ гардонидани лоиҳа дар аввал мебояд судҳо, андозгирандагон, сохтори сухтор, додситонҳои бевиҷдонро тоза кард ва баъд метавон дар бораи лоиҳа фикр кард. Шумо дар бораи телефони боварӣ мегӯед, аммо соҳибкор барои шикоят ба шумо занг мезанад, чӣ кор карда метавонед,

вақте ки санҷишгари бевиҷдон бо боло алоқа дорад????? ШУМО ҲЕҶ КОР КАРДА НАМЕТАВОНЕД ва бас кунед фиреб кардани одамонро бо ваъдаҳои пуч, беҳтар аст ин пулро ба нафақагирон ва ятимон сарф кунед, шояд дар айни ҳол хуб шавад. Ояндаашро худо медонад, чи қадаре ки зиндагӣ кардем, боз зиндагӣ мекунем.

М.А.

13/06/2015. 09:49.

Асос он аст, ки қонун кор кунад

Қабул мекунанд, бигузор қабул кунанд – ин албатта хуб аст, аммо муҳим он аст, ки қонун амал кунад, на «мақолаи мурда» дар қонунгузорӣ шавад. Дар хусуси санҷиш бошад – воқеан ин санҷишҳо дар мо на ба мақсади ошкор намудани камбудиҳо ва ислоҳи онҳо, балки ба мақсади пур кардани кисаи худ гузаронида мешаванд. Илова бар ин онҳо фикр намекунанд, ки дар натиҷа субъекти хоҷагидориро метавонад банданд. Махсусан ин ба санҷиши андозӣ дахл дорад.

Номад

12/06/2015 23:12.

Ба санҷишгар чӣ фарқ дорад

